**ЗИЁ АБДУЛЛО**

# ҶОМИ СИМУРҒ

(Маҷмӯаи шеърҳо ва достонҳо)

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2008

Пушти ҷилд

***Зиё Абдулло 10.12.1948 дар ноҳияи Қубодиён таваллуд ёфтааст. Маҷмӯаи шеъру достонҳояш бо номҳои «Кафи хок» (1982), «Дарё» (1985), «Ҳамдарди хуршед» (Тарҷума ба русӣ, Маскав, 1988), «Фурӯғ» (1990), «Лоластон» (се достон, 2003) «Лонаи урёни арвоҳ» (романи манзум (2003), «Бодгиреҳ » (2006) ба чоп расидаанд.***

ББК Тоҷик 7-5
А –

Муҳаррир **Одина Мирак**
Рассом **Олим Камолов**

А **Зиё Абдулло. Ҷоми Симурғ. (**Маҷмӯаи шеърҳо ва достонҳо).
Душанбе, «Адиб», 2008,

Китобе, ки рӯйи даст доред, ашъори тару тоза ва достонҳои шоири шинохтаи тоҷик Зиё Абдуллост. Тару тоза ҳам ба ин маънист, ки тамомии ин шеъру достонҳо дар шакли китоб аз роҳи нашриёти давлатӣ бори аввал ба чоп мерасанд, ба ҷуз «Ту ҷангалӣ». Навҷӯиҳои шоир дар маънӣ, тасвир ва сухан кайҳост, ки барои хонандагонаш ошност. Барои нафаре, ки аз таърихи миллати худ огоҳии хуб дорад, дарёби маънои ишораҳои шоиронаи ӯ душвор нахоҳад омад. Солҳои дар поёни шеърҳо омада, асосан, таърихи чопи онҳост дар ин ё он рӯзнома ва маҷаллаи ҷумҳурӣ.

© Зиё Абдулло, 2008

# САНГБОДОМИ НИГОҲ

**(сурати чашм)**

## НИГОҲИ УСТОД РӮДАКӢ

Нигоҳҳо, нигоҳҳо,
Нигоҳҳо бурида дасту пойи ҳам,
Ҳавои ҳам,
Сарои ҳам.
Равонаанд кӯ ба кӯ,
Равонаанд сӯ ба сӯ.
Равонаанд дил ба дил,
Равонаанд мӯ ба мӯ.

Ақидаҳо, ақидаҳо…
Ақидаҳо гузашта аз вуҷуди ҳам,
Дарида тору пуди ҳам,
Фурӯғи ҳам,
Дурӯғи ҳам
Равонаанд тӯ ба тӯ.

Нигоҳҳо, нигоҳҳо,
Нигоҳҳо зи синаҳо бурун шуда
Даричаҳои дин зада,
Ба ҷин зада,
Ба кинаҳо дарун шуда,
Ба хун шуда
Даруни хун нагун шуда
Равонаанд ҷӯ ба ҷӯ…

Ақидаҳо, ақидаҳо…
Ақидаҳо ба гул чи нозҳо шуда,
Ба дил чи розҳо шуда,
Ба касби нури офтоб,
Фитода дури офтоб,
Бурун чу офтоби нав шуда,
Баҳори оби нав шуда.
Ҳарорате дамида дар дили авом,

Бинои нав кашида аз гили авом.
Равонаанд ҷо зада…

Нигоҳҳо, нигоҳҳо,
Нигоҳҳо зи ришҳову тавқҳо баромада,
Ба ёлу дум даромада,
Чи беваҳои нозанин,
Чи наврасони нози дин,
Чи тифлҳои тозатар зи нози рӯҳ,
Куфе зада,
Суфе зада,
Пуфе зада,
Туфе зада,
Чу бева вой, во зада,
Ба пеши пойҳо зада,
Равонаанд по зада…

Ақидаҳо, ақидаҳо,
Ақидаҳо раҳе зи нокуҷо зада,
Зи нокуҷо куҷо зада,
Зи ҳеҷ растаи фалак,
Ба ҳеҷ хастаи фалак,
Ба ҳеҷ бастаи фалак,
Ҳама шикастаи фалак,
Шуда чи ҳастаи фалак,
Равонаанд ақидаҳо,
Бувад ки як замон расанд
Ба боғи беақидаӣ…

## СӮГВОРИЕ БА ФОҶИАИ МАКТАБИ 1-И ОСЕТИЯ

Аз нутфаи банг соя зоид,
Болои замин аҷузаи дун.
Сармояи банг ҷаҳли мо буд,
Сармояи ҷони соя шуд хун.

Аз хуни ҷавону наврасу тифл
Ин соя чи нозпарвар омад,
Аз барги гулаш кашида бистар,
Болишт зи нори духтар омад.

Мағзи сари олам аст гӯё
Афтода нагун зи сактаи банг.
То ҷони худ аз аҷал раҳонад,
Бо сояи хеш мекунад ҷанг.

Ин соя чунон кашида доман,
Бечора замин дар ӯ ниҳона.
Дар тиразанӣ даруни зулмат,
Омехта неку бад нишона.

Дар дидаи рӯшани Замин низ
Кӯрии фалак асаргар омад.
Карданд басе гунаҳ бузургон,
Бечора бало ба хурдакон зад.

Мардӣ, ки ба соя раҳ кашида,
Дар нам-нами соя заҳ кашида.
Аз соянамойи баргузида,
Бо бомба ба тифлакон давида.

Дар соярави баландмоя,
Бин соякаши баландпоя.
Аз ду нафаре, ки рӯбарӯянд
Кай фарқ кунӣ кадом соя.

Бо сояи ваҳми умри ҷангал,
Имрӯз зи рӯйи мо канад ҳанг,
Дину дилу ақлу рӯҳ рафтанд
Ҷо дода ба макру сояву банг.

Шайтони хаёлзоди одам,
Тарсида ба домани Худо ҷаст,
Бошад, ки панаҳ диҳад Худоро
Аз одаму он чи з-ӯ фаро ҷаст.

Бас бодзанон зи бод монда,
Чун соякашони дод монда.
Қар-қорзанон чи қориёне,
Бо сояхудо чи шод монда.

Дар соя на дил, на мағз тобад
Не дидаву рӯйи ӯст рӯшан,
Ҷӯйӣ ту зи дур сояву лек,
Ногаҳ ҷаҳад ӯ туро зи доман…

Ё нур шудан ва ё шудан гум,
То бозраҳад зи соя мардум.

* * *

Шамоли тирамаҳ шаб парканӣ хест,
Зи мурғони дарахтони заминпо,
Хаёли решаҳо гум мекунад боз,
Забони гуфтугӯ бо осмонҳо.

Димоғи шишаҳо маҳкам гирифта,
Магар ланги зуком афшурдашон ҷон.
Биларзад пораи нуре таги бед,
Чу тифли рондае аз хона урён.

* * *

Ду даҳ сол гузашта,
Чашми дили мо аз ҷигари ҳол гузашта:
Бе қол гузашта,
Бо тир гузашта,
Ба тадбир гузашта,

Ҳам аз ҷигари ман,
Ҳам аз дили майҳан…
Аммо нигаҳи ман
Аз куртаи тан то ба бадан
Роҳ набурда.
То дилнигарӣ роҳ чи дур асту дароз аст.
Девораи ғавғо
Аз хок қад афрохта то моҳи фароз аст…

* * *

Аз ман нагурезад,
Аз ман чӣ гурезад, ки ман асли шумоям,
Аз асл гурезед,
Иблис бихезед,
В-он гоҳ ба худ ҳамчу ба Иблис ситезад.

Аз ман нагурезед,
Зи рустан нагурезед.
Аз «ман» бигурезед
Аз гавҳари худ ҳеҷ натонад, ки гурезад,
Ҳатто ки Худо низ.

* * *

Коҳилон душмани хешанду Худо,
Коҳилон душмани фарзанди ризо.
Коҳилон қотили пиндори зананд,
Коҳилон мурдаи бори Ватананд.

Чашмдози даҳани луқмаи тифл,
Порасози даҳани луқмаи тифл.
Аз пайи зиндагии мурда даванд,
Кундаи зиндагии зинда шаванд.

Коҳилон ҳусни ҳунар кай дида?!
Ба ҳунар ҳусни баҳо кай чида?!

Коҳилонро ҳама сӯ сӯйи шикам,
Сарашон нозкаши хӯйи шикам.
Зи нафасшон бирасад бӯйи шикам,
Рӯйи олам паяшон рӯйи шикам.

* * *

Ту бо табиати худӣ, ки худоӣ,
Ва худоӣ дар ту зинда аст.
На дар ман,
Зиндагӣ дар ту зинда аст.
На дар ман,
Ишқ дар ту зинда аст.
На дар ман.

Ман тобутеам, ки ҳавасҳои мурда мекашам,
Гулчамбари зиндаи дастҳоятро
Ба гарданам овез.
Ки ман аз гӯри таассуби худ
« Рақскунон бархезам».
Ва лабҳоямон дар найи зиндагии зинда
Нафаси худоӣ навозад.

* * *

Таърих мегӯяд:
Метавон ба ҳама дурӯғ гуфт:
Ҳам ба дин,
Ҳам ба андеша,
Ҳам ба илм,
Ҳам ба худ,
Ҳам ба Худо.
Вале ба зиндагии зинда
Наметавон.

* * *

Зинобозе, ки шамшери зино зад,

Ба пешонии Яздон бехато зад:
Ба зебоии ту дидан зино гуфт,
Хаёле бо ту варзидан зино гуфт.

«– Ду чашми сар барои пеши по,»-гуфт,
«Нигоҳи дил ба зебойи Худо» – гуфт.
Валекин чашми шамшери зиномард,
Зи дил то ишқи зебоям зино кард.

Зи зебойии рӯиш дида бастам,
Нигаҳ барчидам аз зебойи болиш.
Ҷаҳон дар баҳси ҳуснат баста буд гул,
Ҳама хушкид аз оби чашми нолиш…

Чу дид ӯ рӯйи зебо рӯсабӣ гуфт,
Бигирад то таҳи по рӯҳи зебо.
Чу селе, хашми омӣ зад ба гулзор,
Шукуфт ӯ, ки бубин зебойи дарё.

Ба танбозе, ки бозад бо тани хеш
Ҳама чун оташи дӯзах битозанд,
Валекин рӯсабии рӯҳи мардум,
Чу гул бар сар гузоранду бинозанд.

Агар танбоз як, сад рӯҳбоз аст
Чи сармасте зи хуни масти мардум.
Чи муллое, адибе, шӯҳранозе
Зинобози ҷаҳони ҳасти мардум.

Зинои рӯҳ оби ҳусн хун кард,
Вуҷуди ишқи зеборо ҳавас хӯрд.
Ба ҷӯйи панҷаам оби ҳунар сӯхт,
Гули андешаам дар шоха пажмурд…

## Ба рӯҳи шоди дӯстам Сафар Маҳмуд

Ҷигару шушу димоғ,
Даҳану дасту гулӯ
Гарчи бисёр басе,
Ҳама бар бӯйи касе,
Ба ҳавойи нафасе.

Ҳама гӯянд: – Агар ӯ будӣ,
Ватани мо
Рашки барги нигаҳи ҷаннати минӯ будӣ.
Лек, афсӯс, ки барвақт бимурд.

Ҷойи «ӯ»
Ё «фалон»
Ё ки «фалонӣ» будӣ
Мулки мо буд биҳиште лобуд.
Лек он «пушт» надошт,
Ин «пули кишт» надошт…
Ҳама бар бӯйи касе.
Гӯиё батни зананд,
Ки чу оташзада дар ташнагии нутфаи марданд ҳама
На сари зодани шодӣ,
Пайи обастани дарданд ҳама…
Аз дили зиндагии зинда чи дур,
Ба дили зиндагии мурда чи наздик.
Аз дили ростии зиндатар аз зиндаи нур,
Чи дур
Ба дурӯғе, ки сияҳмурда фитад зинда ба гӯр,
Чи қарин…
Ҳама бар бӯйи касе
Ба ҳавойи нафасе…

## ТАБИАТЗОДА

Замини мо ҳар он чи зоду зояд
Ба хӯйи одамӣ шоисту шояд.
Якеро хӯйи гул додасту бӯяш,
Якеро хӯйи хору гуфтугӯяш.
Яке садбаргу дигар анҷибар шуд.
Тароватро ба хона мушки тар шуд.
Яке исфанду дигар зираворе,
Ба ҷони дардҳое чираворе,
Яке хурмо, яке себу яке нок,
Яке писта, яке обу яке ток,
Яке бодому дигар чормағз аст,
Барои мағзи сарҳо хубу нағз аст.
Фалоне чун пиёзу он қаланфур,
Якеро бин анору в-он чу ангур.
Якеро бодиринги тоза дарёб,
Якеро таррае сар сӯйи маҳтоб.
Фалоне зардпечак, он гули шом,
Аз ин дар печутобӣ, з-он сари бом.
Авоми сабза бепиндор аён аст,
Чариданро ба ину он ҳамон аст,
Яке лаълу яке тилло, яке мис,
Фаросат мебарад бӯ аз дари ҳис,
Яке омад намак, дигар атом аст,
Зарурат ҷумларо дар ҷо тамом аст.
Ба чашми ҷузъ чун бинӣ ҷудоянд,
Ба кул ҳар як яке кайҳонсароянд.
Ҳама яклухт як ҷисманду як ҷон,
На як зарра ҷудо аз ину аз он…

## ТАРСИ САҒИРАСОЗ

Чун ба тарси хеш зиндонӣ шудам,
Зиндагиро чашми ҳайроне шудам:
Чашми тарсам кард вожун зиндагӣ,

Зиндагиро дид дар хун зиндагӣ
Зиндагии ҷангалӣ дар худ задам,
Бо қабои одамӣ берун шудам.
Шоҳии худ шери ҷангал хондаам,
Тарси худро сӯйи рӯбаҳ рондаам.
Варна рӯбаҳ низ шоҳи хеш буд,
Зиндагиро зиндароҳи хеш буд.
Тарси гушна шерро чун дар фитад,
Дар шикори луқма рӯбаҳтар фитад.
Ғайрати ҷангал паланге хондаам,
Бар ғурурам ҷомае пӯшондаам,
Нек бинӣ андаруни ин ғурур
Нест ҷуз як пора тарси нафси кӯр.
Пеши кафторон бубин харгӯшияш,
Дар пайи ҷон аз ғазаб рӯпӯшияш.
Хандаамро гул ба гул додам ба лутф,
Чашми бороним бар абри кулуфт,
Шавқи ҷӯшидан чу дидам дар баҳор,
Додамаш хуни ҷавонӣ беғубор,
Пириямро бурд боди тирамоҳ,
Бенишоне хӯрд боди тирамоҳ.
Об бурд андешаамро ҷӯ ба ҷӯ.
Раҳ ба раҳ печиду дар худ шуст рӯ…
Гавҳарамро чашм буд баҳри шинохт,
Чашми тарсам чашми бино кӯр сохт.
Пас чунин аз хештан маҳрум шудам,
Зиндагӣ пайдо буду ман гум шудам
Гавҳарамро монда дар тобути панд,
Мурдагиро зиндагӣ хондам ба фанд
Раҳгум андар ҷангали ақли худӣ,
Покашоли чарх аз нақли худӣ.
Зиндагӣ ҷустам ба худ аз зиндагӣ
Зиндагӣ оина омад кандагӣ,
Чун ба ин оина гаштам рӯ ба рӯ.
Шуд вуҷудам пеши чашмам сӯ ба сӯ.
Ончунон тарсидам аз худ ки чи гарм,

Бут тарошидам зи ҳар чӣ «баҳри шарм».
З-он Худо пинҳон шудам дар ин «Худо».
Ҳам зи худ, ҳам аз Худо мондам ҷудо.
Баҳри худёбӣ худоҷӯе шудам,
Чун набурдам бӯ, худорӯе шудам.
Гуфтаам, ки тарс аз худ рондаам,
Гашт маълумам, ки тарсу мондаам.
Ҷумла ҷуръатҳои ман аз тарси нафс
Як Ватан шуд сад ватан – аз тарси нафс
Гар саропои Замин будам Ватан,
«Мову ман» кай пора кардӣ чун кафан?!
Таркиши хаф то ба бамби ҳастаӣ,
Бурдам аз тарси зи худ норастае.
Охирин тарси ман ин хоҳад шудан,
Ҳастаӣ бо зиндагӣ таркад зи ман…
Чун сағире зодаи ҷони кабир,
Чун сағира монда ҳайрони кабир…

* * *

Гӯши ту чап мезанад чашмат,
Чашмҳоятро ба чашми кам мабин,
Осмони пурситора аз ҳамин дар
Мебарад раҳ то дилат,
Остони рақси нури шод созад манзилат,
Меравад рақси чакан гардун кафи обу гилат.

Чашмҳоятро ба чашми кам мабин,
Корвони ишқ аз ин дар медарояд
Офтобаш чун яке зангӯлаи нур,
Дар вуҷуди ту дусад хуршеди сур,
Мекунад бедор то дунёи дур.

Чашмҳоятро ба чашми кам мабин,
Ту аз ин дар мебароӣ сайри зебоии гул,
То ҷаҳони рози як барги тараш.
Мешавад як қатра шабнам дар бараш

Ҳарду олам бо туи тоҷи сараш…
Ман туро нашнохтам, аммо,
Як сухан аз чашми ту гуфтам,
Ту худро мешиносӣ?

* * *

Туйи як содатар аз нур,
Мани як содатар аз ишқ,
Туйи хушбодатар аз нур,
Мани хушбодатар аз ишқ,

Чи раҳгум андаруни нур,
Чи раҳгум андаруни ишқ.
Нагунӣ ту ба хуни нур,
Нагунам ман ба хуни ишқ.

Сапеда дар дили шабҳо
Ба дидори ту меояд.
Худо ҳам бо забони ӯ
Ба гуфтори ту меояд.

Зи нерӯи дили субҳат
Замину осмон гардон,
Ба пойи каъбаи ишқам
Ба зону мезанад Кайҳон.

Куҷо ту меравӣ аз ман,
Куҷо ман меравам аз ту.
Ки ту ман мешавӣ дар худ,
Ки ман ту мешавам аз ту.

* * *

Саҳар, ки рӯ ба кор шудам
Моҳии табассуми кӯдакам
Ба дарёи хотираам меҷахад.

Моҳии хотираам
Раҳ ба раҳ
Моҳии табассуми кӯдакони боғчарав,
Ва мактабравро
Аз пайи худ мехонад
Ва пеши чашмам кӯчаҳо дарё мешаванд.
Дарахтҳо обсабз.

Покии обии кӯчаҳо ба сӯи осмон
Мавҷ мезанад,
Ва ман ҳам мешавам моҳӣ …

Аз дилам мегузарад
Кош одамон ҳар бор
Аз дидани моҳии табассуми кӯдакон
Ба бегуноҳии чиҳилрӯза расанд,
Чунон ки зи хӯрдани моҳӣ.
Ман аз бегуноҳии чиҳилрӯза
Ба корхона меоям,
Чун ба дарёхонаи моҳӣ…

* * *

Кӯдакӣ барг-барги ҷонамро
Бо дарахтони сабзбӯ хӯ дод.
Бо дуову дуруди сабзанда,
Сабз рӯёндаандам аз бунёд.

Хӯй кардам дуруди сабздиҳӣ,
Ҳар касе дод ҳам саломи сиёҳ;
Шоха-шоха кашида бе ман низ,
Реша дар душмани худ аст гуноҳ.

Панҷаи сабзи меҳри худ бурдам,
Ба сари силазори сабзи фалак.
Сар ниҳода ба синаи дили ман,

Гиряи сабз кард мисли малак…
Қадами сабзи ишқ бурдам дӯш
Мани гандумнигоҳи сабзгумон,

Дари сабзат дуруди сабзам дод,
Дили сабзат кашид сурхзабон…

* * *

Равам аз валвала дарёшунавӣ,
Ки зи рӯёндани дил ҳарф занад.
Як вуҷуди ҳаматан кӯҳназудояст равон
Ба куҳаншӯии худ тозагии ман битанад.

Равам аз ҳамҳама дарёшунавӣ,
Ҷуз ба рӯёндани олам накунад андеша.
Тани ӯ сард, вале гармии барқаш дар ҷон,
Гӯиё дар ҷигари нур кушояд реша.

Равам аз дамдама дарёшунавӣ
Ки дилам замзама резад ба дили руди рубоб.
То дамад аз кафи як гул ба дилат бӯйи табассум
Дили ман об шавад, роҳ кашад то дили об…
Равам аз ҳалҳала дарёшунавӣ…

* * *

Ман ба тори нозии хуршед
Оҳанге аз нозат задам.
Дар хаёли бозии хуршед
Садрангии розат задам.

Сар-сари барги дили ёдат,
Андешаи борон кашол.
Ду ҷаҳон руст аз гили ёдат,
Кай монда аз рӯиш савол?

* * *

Рӯзгори Ҷоҳилият
Шаби шаққи дурӯғини моҳ
Аз шамшери Муҳаммад гурез хӯрд,
Ва дар чашмони мо паноҳ бурд.
Аз осмон барфи субҳи дурӯғ борид,
Аз Замин нафаси шаби ростин рӯид.

Вақт соати интизор намедонист,
Шабро чун мӯза пӯшид.
Ва сӯйи субҳи ростин давид
Чи лолаҳо, ки поймол мешуданд.
Вале
Мебоист ба субҳи ростин расид.

Дар дави ҷустуҷӯ
То раҳгум назанад
Пардаи тирезаи сияҳпӯшро кашидам,
Ва хонаам аз пайи вақт
Як тиреза нур пошид...

* * *

Ту Заминӣ, ту Заминӣ, ту Заминӣ,
Дили ман ақрабаки зилзиласанҷат,
Тарсам аз зилзилаҳоест, ки рӯзе
Ақрабак дар қафаси шиша нағунҷад.

Пуштаи майсаи болои нигоҳат,
То нашуд ярч ба дарёи нигоҳат,
То сари боми дилат кафтари шодӣ
Ба пари боли лабат пар накушодӣ,

Ғайри ман дар ҳама дунёи сабуктоз,
Кас надонист, туро зилзилаҳоест.
Боварат нест? Бипурс аз гули гулдон,

Гули гулдони ту гӯяд, ки хато нест.

* * *

Дидам, ки зи ҷон азизтар буд
Аз дори фанои мо туро вақт.
Гуфтам: – чӣ шавад ба лутфи ширин
Баҳри ту кунад маро Худо вақт.

Кӣ гуфт, ки Вақт ҷовидон аст,
Вақт аст, ки мешавад чу мо пир;
Барф ояд агар нишасти ӯ бин,
Чун сӯфии шишта дар дуо пир.

Вақт аст, ки дар нигоҳи мардум,
Гӯё ки зи ҳеҷ дар наояд,
Кӣ дида, ки Вақт дар тани сол
Ҳар сол чӣ гуна медарояд?

Он гуна, ки Вақт медарояд,
Дар пайкари сол рӯзи Наврӯз,
Дар пайкари умри ту дароям,
Бо тоқу таранбу сӯзи Наврӯз.

* * *

Зиндагӣ болотар аз дин аст,
Дин ба ҳури зиндагӣ зин аст.
Пеш аз дин зиндагӣ зода,
Бар тани дин зиндагӣ дода.
Зиндагӣ пас дини дин бошад,
Одамӣ то одамин бошад.
Дин чу гирад зиндагихорӣ,
Мурдааш дон зиндабардоре.
Гар сиёсатноз дин бошад
Зиндагихори Замин бошад.

* * *

Пеш аз он ки сард омезандам андар тирахок,

Бо канори рӯшани гарми ту омезам, биё.
Бӯйи пӯсидан диҳад аз дур ҳам оғӯши гӯр,
Дар ту оғӯши шукуфтанҳост, гул хезам, биё.
То сабук аз дини худбинӣ ба ҳамбинӣ расем,
Аз туи субҳина хуршедина бархезам, биё.

## ФАТВОЕ АЗ ДАҲАНИ ГӮРИ ПӮСИДА

Мурдае аз гӯр ово додааст,
Бо лаби пӯсида фатво додааст,
То бимонад беҷаноза мурдаам,
Мурдаи аз «мурдаҳо» озурдаам.
Ин ҳамон гӯри даҳон, ки як замон,
Бӯйи бад афшонда бар ҳарду ҷаҳон.
Дод ин фатво бар он Тӯсии род[2],
Рӯсиёҳе монд лек аз ин «ҷиҳод».
Ҳарфи мурда зиндагӣ кай бишнавад,
Зиндагонӣ зиндаи най бишнавад.
Аз ҷанозай мурдаи манҳо нагӯ,
Ҷон бигӯ, аз мурдаи танҳо магӯ.
Бо забони пок хоҳӣ гар дуо,
Бишнав аз начвои гарми баргҳо.
Луқмабардори ҳалоли паркушо,
Бо забони мурғ хонад аз сафо.
Чӣ-чии гунҷишкҳоро гӯш деҳ,
Бар дуои бегуноҳон ҳуш неҳ.
Мезанад мавҷи забон Ҷӯи Калон:[3]
– «Кай ҷаноза зиндаро аз мурдагон?
Мурдаҳо гар мурдарӯ гуфтанд ҳарф,
Ту сурудӣ зиндагӣ бо ҳарфи барф».
Бо ғуруре, ки наёбад гӯши во,
Ғозиёнкӯҳам[4] диҳад аз дил садо:

---

[2] Фирдавсӣ.
[3] Ҷӯест аз миёни Қубодиён ҷорӣ.
[3] Кӯҳест дар Қубодиён.

«– Ранги Буддоям, фурӯ ҳишта хамӯш,
Зиндагизоям, чу ман аз худ бичӯш.
Дам ба дам аз нав шудан гӯ, не зи марг
Мавлавӣ шав то бирезад марг барг...»

**ДИНИ ШУКУФТАН**

Сари дини ман шӯр ангехтанд;
– Зиёро чӣ дин аст дар зиндагӣ?
– Ба дини Шукуфтан гароидаам,
Ба барги забон Яшти рӯяндагӣ.

Чӣ сӯфӣ зи ман бурд арғушти роз
Сари ҳуштаки боди боронбағал.
Чӣ ошиқ зи ман беҳ бағал боз кард
Ба субҳи саропой нури ғазал.

Чӣ шоир, ки ҳарфаш гули ноз бурд
Ба бӯ лаҳзаиву ба хӯ лаҳзаӣ.
Чӣ доно, ки андешааш зад садо:
«Бичӯ лаҳзаиву бирӯ лаҳзаӣ!»

Ситода ба як по чу Бурхи Валӣ,
Намози биҳишти Замин оварам.
Ғалатрав паямбар басе дидаам,
Чу Зардушташон сӯи дин оварам.

Бимирам замоне ситода ба по,
Худ оям, ки худро бизоям зи нав.
Гар оташ заниям, дили зиндагӣ
Даме гарм созам, ки оям зи нав.

Даруноташам, ки сари саҷда нест,
Фалакҳо, бубин, боми масҷид маро.

Хурӯси Хураш, ки занад чеғи нур,
Ҳама пур шавад аз азони сафо…

## БАРОИ НАҚБКАНОНИ РОҲКУШО

Раҳе, ки рӯҳ паймояд, баланд аст,
Фалакро чун Замин сояд, баланд аст.
Тавон то чанд ҳамдӯши фалак рафт,
Заминро монда ҳамгӯши фалак рафт.
Замин бар гӯши раҳпаймо чӣ гӯяд;
– На танҳо кӯҳ, аз ман рӯҳ рӯяд.
Ту он рӯҳӣ, ки кӯҳ аз по дарорӣ,
Чу уштур кӯҳро ёбӣ саворӣ.
Бишӯӣ зоҳидии рӯҳварзӣ,
Чу ёбӣ рӯҳварзӣ кӯҳварзӣ.
Ватандорӣ, ватанёрӣ ҳамин аст,
Ватан бар дӯшбардорӣ ҳамин аст.

## ХАНДА БА ХУД

Чун ба ҷаннат себи маърифат газид,
Хешро урёни модарзод дид.
Шарми урёнӣ фаропечид гарм,
Хешро дар сояҳо печид нарм.
Чун шавӣ, аммо, ту пинҳон пеши ҳақ?
Ҷумла пинҳон ҳаст урён пеши ҳақ…
Кӯри урён дӯст медорад Худо?
Кӯри виҷдон дӯст медорад Худо?
Кӯри ҷону кӯри ҷисму кӯри дин?
Кӯри Ақлу кӯри Нафсу кӯри кин?..
Эй ки ҷӯӣ маърифат рӯи Замин
Кан умеди ҷаннат аз рӯҳуламин.
Маърифатҷӯро чунон бад дидааст
Бар заминаш низ дӯзах чидааст…

## ДАР ҲОШИЯИ КИТОБИ РЕГИСТОНӢ «МАСЪУД ВА ОЗОДӢ»

«Накӯӣ мекуну дар Даҷла андоз
Ки эзид дар биёбонат диҳад боз».
Накӯӣ дохтам дар Даҷла бисёр
Нарӯид аз биёбонам ба ҷуз хор.
На як хори фиребу фитнаву ранг,
Ки хори теғи тезу ханҷару ҷанг.
Чунон реги таассуб зад биёбон,
Ки кӯр афтод чашму чашмаи ҷон.
Куҷо то решаи худ раҳ бикобам,
Ба сар ғелад ями рег ар биёбам.
Биёбондав зи пушти зуҳди Маҷнун
Тафаккурҳои ҳезе ҳосил акнун.
Чи некӯ гуфт Саъдии расида,
Зи борон дар биёбон хас дамида…

## КӢ ДОРАД АҚЛИ БЕШ?

Сарвареро мухбире дод ин суол
Ки: – «Туро, гӯянд, афзун аст мол?»
Гуфт: – «Оре, ман, ки дорам ақли беш,
Давлате дорам ба қадри ақли хеш».
Ин аҷаб не, мухлисаш дар маҷлисе,
Он ҷавоби ӯ ба гардун зад басе.
Гуфт: – «Оре, ҳар ки ӯро ақл нест,
Дар миёни халқ чун дарвеш зист».
Мамлакатро, пас, кишоварзони мо,
Ҷумла беақланду дар боди ҳаво,
Чун бирӯёнанд дар фасле ду ҷав,
Нимаҷав кай мерасадшон ҷонгарав.

Марди гумноме, ки гандум боз[5] кард.
Кай зи ақли худ ба олам ноз кард,
Коргарҳо низ беақланд, пас,
Нест чун дар хонаҳошон ҷуз нафас.
Худ зиёиҳо сутуранду халос,
Нест чун дар кисаву лаб ҷуз сипос.
Шоирону олимон ҳам астаранд,
Чунки андар ҷомаи беастаранд…
Буда кай Зардуштро ақли расо,
Дид дар нури хирад зӯри Худо?
Пас маҷӯ Суқротро номе зи ақл.
Дар шикофи ҳақ ба пасгомӣ зи ақл,
Гирди Фирдавсӣ нагардад ақлу мол.
К-ӯ ба таърихи Аҷам зад молу ҳол.
Бӯалӣ Сино аз ӯ аблаҳтар аст
Дар шикофи қаъри гил то ахтар аст.
Ақле аз Хайём ҷустан ҳайфи муфт,
Суннати Зардуштро дар ҷон нуҳуфт.
Сӯи Форобиву Берунӣ мағел,
К-ақли онҳо буд гарди нӯги бел.
Кай пашизе ақл дар Аттор буд,
Дар гурез аз халқ андар ғор буд?
Ақл сӯи Мавлавӣ кай рӯй тофт,
К-ӯ бурунро не, дарунро мешикофт?
Ҳофизи Шероз ҳам беақл буд,
Гарчи далқе дошт раҳни май намуд.
Паскале, ки кампаютар зод ӯ,
Дошт андар сар ба ғайри бод ӯ?
Олиме, к-ӯ ихтирои барқ кард,
Кай ҷунуну ақл аз ҳам фарқ кард?
Он ки мушакро ба гардун бол дод,
Кай ба сӯйи ақл роғи дар кушод?
Пас ватандорист як ҳайҳойи пуч,
Неҳ Ватанро рӯи раҳ бо пойи луч.

---

[5] Ин ҷо ба маънои кашф.

Аз чунин мухлис аҷаб не ин сухан,
Чун маҳал пеш аст ӯро аз Ватан.
Баҳри як болонишини ҳаммаҳал,
Туф кунад бар халқу бар ақли милал.
Ин аҷаб не, монда по бар рӯйи халқ,
Сӯйи худ хонад дуо аз сӯйи халқ.
Ин аҷаб не ки сари ҷумҳур аз ӯ,
Иттиҳоди халқ мехоҳад накӯ.
Ин аҷаб не ингилисе рӯҳноз
Бурдаи мероси додо чун намоз
Канда ҷоне гарм андар сад ҳунар,
Кисае дорад зи милён бештар.
Ин аҷаб бошад, ки андар Русиё
Дар ду соли бозсозӣ беибо.
Яксаду панҷоҳ милён бурдааст,
Моли халқ ин гуна осон бурдааст.
Як саду панҷоҳи русӣ нест он,
Як саду панҷоҳи дуллорист он.
Ку, бигӯ акнун, кӣ дорад ақли беш,
Ингилис ё рус ё тоҷики хеш?
Дар қиёси мол агар шуд ақлу ҳуш,
Чист фарқи одамӣ аз мӯру муш?
Мағзаки он мӯр вокаш дар қиёс,
Ҳам қиёсашро ба ҳарду ҳад шинос.
Заҳмати ӯро магӯву ҳоли ӯ,
Аз кадомин бой камтар моли ӯ?
1995.

## БА ФИЗИЁДОНИ БУЗУРГ ФАЙЗИ НОРМУРОД

Таассуб шикастан чи душвор ин ҷо,
Шикофидани чарх осонтар ояд.
Бигуфтам, ки Бэкон ҳам ин ҷо бубояд,
Ки илми амал пар ба мардум кушояд.

Дар он ҷо, ки Бэкон сари хеш бардошт,
Зиёӣ таассуб таҳи по кашонид.
На тарсе зи дӯзах, на тарси калисо
Ба сар тоҷи илми амал барнишонид.

Дар ин ҷо зиёӣ гирифтори ваҳм аст,
Азон мешикофад ҷигаргоҳи гардун.
Зи хуни ҷавонҳо кашида харита,
Биҳишти хаёлӣ биҷӯянд дар хун.

Бисӯзад дилам бар туву чун ту олим,
Ту гардун шикофиву эшон бипӯшанд.
Ватан зор нолад ба чанги таассуб,
Ки рӯшанзамирон нагунсар биҷӯшанд.

Зиёӣ зи илми нар ин ҷо ба ларза,
Бирӯяд зи мағзи сараш риши мулло.
Ба ҷойи намози амал пеши дониш,
Сари хам, ба зону зада пеши мулло.

Дили гарми худро чу оташ нигаҳ дор,
Ки мӯҳтоҷи гармист чархи хунуксар.
Ту чун сурмаи дидаи чашми розӣ
Зи чашми замин низ кӯри фаробар.

## БА ФИЗИЁДОНИ ШӮҲРАТЁР АДҲАМ БОБОЕВ

Гарчи кӯрӣ солҳо афрохт кӯҳи Қофи ҷаҳл,
Ақли мо сӯи фалак зарронсаворӣ мекунад.
Ҷангали риши таассуб гарчи роҳи нур баст,
Офтоби мағзи худзо боз коре мекунад.

Аҷнабӣ бисёр буду мағзи мо бисёр хӯрд,
Гаҳ зи роҳи дину гаҳ бо расму ойинҳои тарс.

Аз таассубҳои мо моро касе чун мо нахӯрд,
Бо лаби бегонаву васвоси дӯзахзои тарс.

Ҳар куҷо як ориёӣ буд, пеши роҳи ӯ,
Ғайр зад кӯҳе зи оташ то зи ҳам дорад ҷудо.
Нест беҳуда Сиёвуш меравад оташсавор,
Ориёӣ то ба ҳам ояд бувад оташкушо.

Бин саманди илмро-оташсавор афтодааст,
Зррае ёбад заминро аз фалакҳои баланд.
Чун мани печида дар худ, меравад хуршедрӯ,
Ин саманди хокии моҷӯши посои баланд.

## БАРОИ АКАШАРИФ ҶӮРАЕВ

Аз шаршараҳо тор кашида ба дутораш,
Гулҳои Ватан сабз расида ба дутораш.
Гулрези садаф нест, ки чида ба дутораш
Армони дили халқ дамида ба дутораш.

Фарёди дили шаҳри куҳан бурд бари кӯҳ,
Бар гӯши фалак то бирасонад зи сари кӯҳ.
Печида ба ҳам кӯҳнаву нав шуд бадари кӯҳ,
Чун кабк Самарқанд бихонд аз камари кӯҳ.

Дидем басе panҷa, дилу рӯҳ навозад,
Чун панҷаи ӯ ку ки дигар кӯҳ навозад.
Дарёи дили халқ ба ду ҷӯйи дутораш,
Лаб мезанаду ҷӯш чу гулбоғи баҳораш.

То панҷаи ӯ ҷӯйкаши набзи наво шуд,
Гулҳои сари тоқии ӯ сабзи наво шуд.
Дар санги наво пайкари Меҳан битарошид,
Рангина камон духтари Меҳан битарошид.

Аз шаршараҳо тор кашида ба дутораш,

Гулҳои Ватан сабз расида ба дутораш.
Гулрези садаф нест, ки чида ба дутораш,
Армони дили халқ дамида ба дутораш.

**БАРОИ МАЪРУФХӮҶА БАҲОДУРОВ**

Садояш аз саройи дур меомад,
Сарахборе ҳам аз дарёи савти нур меомад.
Абистошеваӣ аз нойи буддоӣ гузар мекард,
Диле аз худшиносии диле ҷонро хабар мекард.
Ба хуни Монии Аржанг аз мӯе қалам мебаст,
Ба чашми осмон ҳам бӯйи нам мебаст,
Ва аз роҳи раги сантур меомад.
Вале сози биҳиштӣ мавҷи дигар зад,
Ду мавҷи рег аз як мавҷи дарё авҷи дигар зад.
Шутурмастии шамшери биёбоне, ки дин мегуфту хун
мерехт,

Ва хуннозии шамшери биёбоне, ки нон мегуфту хун
мерехт.
Ба як оҳангу чандин авҷ бар гӯши биҳишти ориён ҷар
зад,
Дигар мурғи биҳиштӣ рӯйи хун пар зад.
Чу аз ангуштҳои Борбад аз панҷаи дасташ
Ба ҷойи оби савти зиндагизо
Оби хуни мурдазо ҷӯшид.
Ва гӯши мағзҳои мо сияҳ пӯшид…
Зи дарёзойии хуршеди нуру ҳақзани Мансур
То шамшери ҳақпарвози Бӯмуслим
Роҳ то сегоҳ мезоид,
Ва аз ногаҳгурези шоҳ Хоразмӣ
Дугоҳе аз ҳавойи зарбаи Темурмалик
Дар кандани занҷир меомад.
Зи занҷири кашони пойи оҳангаш
Фиғони дарду дардангез бо ҳам ҷӯр меомад,
Ва аз ҷони суруди дардсӯзаш сӯйи Озодӣ

Дуои сур меомад.
Аҷаб ин буд, к-аз ангушти оҳангаш
Димоғи гӯши моро аз биҳишти дур
Ба ногаҳ бӯйе аз ангур меомад.
Ва рӯйи саҳнаи ойинаи ово-ш
Ба арғушти биҳиштӣ ҳур меомад…

**БАРОИ КАРОМАТУЛЛОИ ҚУРБОН**

Нури ҳусну нури завқу нури овоз,
Дар вуҷуди саҳна ҷони ноз мерехт.
Ҷон даруни нур рақси шод мерафт.
Осмон ҳам бар Замин овоз мерехт,
Аз гулӯи ӯ гулӯи гул садорез,
Ёсаминро субҳи дил парвоз мерехт…
Мастии парвоз аз парвоз мехест,
Ҷоми наргис май ба чашми соз мерехт.

**ГУРМИНҶ ЗАВҚИБЕКОВ:**

Нусхаи чархи фалак рӯйи Замин,
Ҳунари ҳусни малак рӯйи Замин.

## ЧАКОМАИ ХУДШИНОСӢ

Худшиносӣ таърихи бисёр куҳан дорад ва нақши пойи устувори онро на танҳо дар «Авесто» мебинем. Ду навъи худшиносӣ паҳлӯи ҳам пайваста ҷорӣ буда:

1) худшиносии зоҳирӣ;
2) худшиносии ботинӣ.

Аз ин ду худшиносии зоҳирӣ асосан барои парокандагӣ, гусастанҳо ва ҷангҳои ваҳшатноки инсон на танҳо хидмат кардааст, ҳамчунин зояндаи онҳо низ будааст. Вале худшиносии ботинӣ, баракси он барои ягона дидани инсон бо Кайҳони бузург ва барои худро

дар Худо ва Худоро дар худ дидан хидмати беназире ба раҳ расонидааст.
Худшиносии зоҳирӣ, ки моили сабукангорӣ ва эҳсоси ҷӯшанда аст, мисли ашёи лозими нафсонӣ ҳаводори ниҳоят зиёд ҳам дорад ва зиёд тарғиб низ шуда ва мешавад. Аммо дар даҳаи аввали асри XXI расонаҳо ва нашриёҳои зиёди дунё ба худшиносии ботинӣ гарм рӯ овардаанд. Шояд инсон аз худшиносии зоҳирӣ хаста шуд? Шояд дар тани ҷаҳонишавии имрӯза худшиносии ботиниро чун ҷон шинохт?

Зиндагонӣ Худост, мегӯянд,
Ҳамазое ба пост, мегӯянд.
Шав яке бо насим ё хуршед,
Гар худоӣ ҳавост, мегӯянд.
Ҳар чӣ пиндоштӣ, ҳамон шудаӣ,
Хешсоз аз ту хост, мегӯянд.
Зӯри Норак ба ҳар ҳуҷайраи туст
Хешпӯшӣ чарост? Мегӯянд.
Зиндагиро касе шумурд пашиз,
Зиштбини Худост, мегӯянд.
Ҳар кӣ бадбин ба хеш бошад низ,
Ӯ ба кини Худост, мегӯянд.
Буда танҳову ҳасту хоҳад буд,
Як тани бе дутост, мегӯянд.
Худ бизояд нафас-нафас худро,
Бе каму кост рост, мегӯянд.
Нури ҷонаш, ки дам ба дам тарак аст,
Марг аз ӯ ҷудост, мегӯянд.
Дил занад офтобҳо ба дилаш,
Нӯҳ фалак синаҷост, мегӯянд.
Аз қиёмат чи ҳоҷати ваҳм аст,
Ки ҳамин ваҳми мост, мегӯянд.
Мурдаву зиндаро ба ҳам резад,
Чун ба дарё, равост, мегӯянд.
Ҳама ашёи зодани нави ӯст,

Мурда ин ҷо куҷост, мегӯянд.
Пеши чашмаш пагоҳу фардо нест,
Рӯзи ӯ бепагост, мегӯянд.
Куфру дин нест дар забони тараш,
Яксадо шодхост, мегӯянд.
Рафтанат андар ӯст, ҳар ҷое,
Чап равӣ ё ки рост, мегӯянд.
Дар думи худ чӣ сон кашӣ ӯро,
Кӯшиши зарраҳост, мегӯянд.
Рози ту чист пеши асрораш?
Ханда бар худ равост, мегӯянд.
Ҳамқадам, ҳамсадош рав чу замин,
Аз ту худрӯ Худост, мегӯянд.
Ҷонканиҳот дар пайи шӯҳрат,
Зиндагии гадост, мегӯянд.
То ба кай чун гадо дуои талаб,
Чашм бар кисаҳост, мегӯянд.
Халқ аз ту гадоӣ омӯзад,
Худшиносӣ куҷост? Мегӯянд.
Санг будан сари шикастанҳост,
Гул бирӯ, хешзост, мегӯянд.
Ҷангу тарсат зи санг будан хест,
Сулҳу гул як навост, мегӯянд.
Сухани гул агар намешунавӣ,
Ҳақ шунидан куҷост, мегӯянд.
Чи Зародушт ё Муҳаммад гӯ,
Худ наӣ чун, хатост, мегӯянд.
На Масеҳо туӣ, на Буддоӣ,
Ту, ки дар ту баҷост, мегӯянд.
Дар Худо будану Худо ҷустан,
Ин аҷаб аз ту хост, мегӯянд.
Дин куҷову сиёсат аст куҷо?
Халқбозӣ чарост? Мегӯянд.
То ту худро Худо намеёбӣ,
Ҳаявонӣ турост мегӯянд.
Тарсӣ аз зиндагии рӯи замин,

Осмон ҳам ҷазост, мегӯянд…
Гар Худо кард манъи себи хирад
Дигар ӯ кай Худост? Мегӯянд.
Чӣ падар аз писар хирад зада дур?
Роҳи шайтонкушост, мегӯянд.
Бехирад кай шинохт Яздонро,
Ки ба худ н-ошност, мегӯянд.
Дилу рӯҳат хирад фароёбад,
Ҳис ҳамин рӯнамост, мегӯянд.
Неку бадро чӣ гуна фарқ кунӣ,
Чун хирад аз ту кост? Мегӯянд.
Рӯиш андар ниҳоди туст ниҳон,
Гуфт Зардушту рост, мегӯянд.
Аз фалак моҳро нишеман кард,
Нафси маҳро бикост, мегӯянд.
Бурд аз маҳ ба офтоб сипос,
Ҳамзабони гиёст, мегӯянд.
Тухма шуд Говмарду рехт ба хок,
Рӯиши нав бихост, мегӯянд.
Гашт ребос чеҳраи нави ӯ,
Нав шудан асли мост, мегӯянд.
Руст аз ӯ Машиву Машёна,
Боз нав шуд, баҷост, мегӯянд.
Гуфт Хайём: – Кӯза хоҳӣ шуд,
Кӯза, пас хоки мост, мегӯянд.
Ғунча, бингар, чарост кӯзасифат,
Кӯза гул гашту хост, мегӯянд.
Гул, ки дар мева нутфаи ту бисохт,
Тифл аз ин меваҳост мегӯянд.
То камоли дарун бибояд руст,
Рушдбандӣ гуност, мегӯянд.
Бо ту дар рӯиш аст низ Худо,
Хӯ ҳамин зиндарост, мегӯянд.
То камоли ту тухмазойи навист,
Марг ҳарфе хатост, мегӯянд.
Пас масӯзон табиати рӯиш,

Ҷанг аз ин дар садост, мегӯянд.
Заҳри рӯишхӯр аст сафсатта,
Кӯҳнарав банди пост, мегӯянд.
Ӯ, ки худро раҳо натонад кард,
Банди ту кай кушо-ст? Мегӯянд.
Бояд ахлот дур зад аз сар,
Сар на ахлотҷост, мегӯянд.
Гули нозат мадор олуда,
Ту дар ин хилту хост, мегӯянд.
Худ таассуб, ки нест ҷуз ахлот,
Зеби сар аз куҷост? Мегӯянд.
Пок чун тифл шав, биҳишт ин ҷост,
Аз ту дӯзах турост, мегӯянд.
Парбарорист ишқи васли худӣ,
Нур худ зинапост, мегӯянд.
Гуфт Буддо: «Маё зи пушти ман,
Раҳгумӣ з-ин хатост», мегӯянд.
Пайравӣ ғайри думшуданҳо нест,
Ришу дум мӯйҳост, мегӯянд.
Риши дум дор зад дусад Мансур,
Бо Худо хунбаҳост, мегӯянд.
Дар ту Зардушти дигаре хуфтаст,
Худгари худкушост, мегӯянд.
Хешро дӯст дору хор макун,
Лухтакӣ норавост! Мегӯянд.
Чанд бо ҳукми ин кушӣ онро,
Худгари ту куҷост, мегӯянд.
Умр як наъра дар сарои хамӯш,
Пешу пас бесадост, мегӯянд.
Ту, ки оҷиз ба рӯиши хешӣ,
Ҳай-ҳаят чун марост? Мегӯянд.
Ҷумлаи кашф баҳри кашфи худ аст,
Ба Вай аз ин чӣ хост? Мегӯянд.
Нусхаи нӯҳ фалак ба мағзи сар аст,
Роҳ аз ин бар фарост, мегӯянд.
Мағзи худро, агар биёбӣ роҳ,

Нӯҳ фалак ошност, мегӯянд.
Аз Гули Зиндагӣ бикаш нафасе,
Бӯйи рози вафост, мегӯянд.
Ҳашту даҳ шуд ҳазораҳо умрат,
Ҳақ зи ту ин нахост, мегӯянд.
Ҳашт даҳ созу даҳ бикун дую даҳ,
Дари гардункушост, мегӯянд.
Охирон, чордаҳ ба ҳаждаҳ шуд,
Ваҳдат ин ҷой хост, мегӯянд.
Пурс аҳроми Мисри аҷдодӣ,
Посухе бар ту рост, мегӯянд.
Рӯ зад аҳром аз даҳу дую даҳ,
Н-аз даҳу ҳашти мост, мегӯянд.
Гар ту инро саре намеёбӣ,
Сари ту зери пост, мегӯянд.
Осмон кай баройи худпӯшист,
Баҳри парвозҳост, мегӯянд.
Фалак, охир, на чодари араб аст,
На сарат шабсарост, мегӯянд.
Чанд дар тоби Соҳира сӯзӣ,
На Ватан регпост, мегӯянд.
Кашф хоҳӣ бирав табиат бин,
Ҳама донишгувост, мегӯянд.
Нашиносӣ бузург сӯфиро,
Рӯ ба рӯят Зиёст, мегӯянд.

* * *

Хоб дидам, ки қиёмат шуд,
Тӯда-тӯда абрҳо дар осмон
Мешуданд афшурда аз ҳар сӯ,
Ва ҷои борон,
Ғозкашон абрҳо мешориданд.

Офтоб ногаҳ се пора шуд,
Рӯи пора ва роғҳои миёни пораҳо
Ситораҳо ба паридан даромаданд,

Ва аз канори ҳар пора
Барқ ба давидан.

Рӯз
Мисли хонае шуд, ки чароғаш
Сахт хира месӯзад,
Мардум як борхалтаи равони тарс шуданд,
Тарс
Ҳатто аз либосашон
Чун сиёҳии шаб ба замин мерехт.
Касе ба касе нигаҳ барнамедошт.
Ва ҳама
Ба хона мешитофтанд,
Гӯё аз қиёмат
Дар хона паноҳ меёфтанд.
Рӯз рӯзи тирамоҳӣ буд
Бод чанг мезад.
Аммо
Бечора дарахтҳо
Бор надоштанд,
Танҳо
Бачаи зарди барг мепартофтанд…
Бедор шудам, ки барф меборид…

* * *

Сари ман шуд мазористони кӯҳна,
Русуми мурдаҷонро кони кӯҳна.
Русуми мурдаи ҳар қавм навпӯш,
Русуми мурдаи мо ваҳми худчӯш.
Чу чашми зиндаро гӯре ҳисобам
Ба расми мурда дар сар ҷо наёбам

* * *

Сӯйи покӣ синарӯ рафтам,
Дил чу кӯдакҳо ба рӯйи каф.
Хандаҳо сӯям чу борон рехт,

Ҷойи дил пур шуд кафам аз хаф.

Дар фалакҳо буд Худо ҳақҷӯ,
Дар Замин аз сабза то одам…
Рӯсабие ашки раҳмат рехт
Ҷон, ки сӯйи Пок медодам…

* * *

Гардун шаву бингар, ки Замин зарраи хок аст,
Не Шарқи заминшиштаву не Ғарби фалакпо.
Не сарҳаду не давлату не миллату не дин,
Не кӯҳ, на ҷангал, на биёбону на дарё.
Яъне ки ба Кайҳон будаӣ ҳамтану ҳамрӯҳ,
Сад бор биёиву равӣ бесару бепо.
Бар хеш чӣ гирйӣ зи бурун бо лаби сад кин,
Дар хеш даро, бо ду ҷаҳон ханда бурун о.

* * *

Ману Худо, ки ошиқу маъшуқем,
Дар миёни мо
Ҷуз ишқ чизе нест.
Дар ишқ ҷуз ишқ дигар чӣ меғунҷад?!
Бо ҳам ҳар чи шӯхӣ мекунем.
Ошиқона мекунем
Ва мебардорем.
Агар набардорем.
На Ӯ маъшуқ аст,
На ман ошиқ.
Дар ин миёна туро чӣ гап?

* * *

Як нафар
Бишнохт танҳоӣ
Ва танҳоӣ фурӯхт
Тан аз ҳисоб андохт.

Нафаре
Нашнохт, танҳоӣ,
Тан харид,
Танҳоӣ андохт.

Танҳоӣ боз танҳо монд
Ва худро ба дили дарахтон зад.
Беҳуда нест
Ки барги дарахтон ба чашми ҳайрат менигарад.

## БАРОИ НУРОФАРОНИ САНГТӮДА

Бо Аноҳиди забонвар буд Вахш,
Нури яздонӣ ниҳонгар буд Вахш.
Чун шаҳи фарзона шинад рӯйи тахт,
Ё паямбар зояд андар рӯзи сахт.
Фарри Яздонӣ бар он сар тоҷ буд,
Нури худзоро сари меъроҷ буд.
Чист фарр, эй зодаи нури баланд?
Нури нури нури нури бегазанд.
Чист нур, эй зодаи андешаманд?
Ин ҳамон андешаҳойи решаманд.
Мавлавӣ, бингар, чи зебо гуфтааст,
Аз баландии Сурайё гуфтааст.
«Эй бародар, ту ҳамин андешаӣ,
Мобақӣ, ту устухону решаӣ».
Эй ки фикри нурзоӣ мекунӣ,
Дар Замин кори худоӣ мекунӣ.
Хона рӯшан мекунад андешаат,
Сина гулшан мекунад андешаат.
Аз дили санъат, ки ҷорӣ мешавад,
Атласи «Сӯзи баҳор»-ӣ мешавад.
Мешавад ҷорӣ ба шасти коргар,
Мерасад то моҳ дасти коргар.
Мешавад андешаат зӯри Ватан,

Дар гитори сурзан сури Ватан.
Эй фалакгиру Замин андешаат,
Ҷисм мегардад чунин андешаат.
Эй ту ҷони нурафзойи Ватан,
Шодии нурат дили ройи Ватан.

**ХАЛҚ**

Аз минбари хуршедҳо
То минбари Ҷамшедҳо
Сӯям кашида дидҳо,
Чун минбари уммедҳо.
Аз минбари ҷони мунир,
То минбари пистони шир,
Аз майсаву аз дони пир
То минбари шамшеру тир.
Минбар ба минбар мехӯрад,
Минбар зи минбар мехӯрад.
Минбар чӣ минбар мехӯрад
То минбари сар мехӯрад.
Гаҳ ведаи сурам диҳад,
Гаҳ ояи нурам диҳад,
Гаҳ оби ангурам диҳад,
Гаҳ минбари гӯрам диҳад.
Гаҳ ақлро созад қалам,
Гаҳ ишқро созад алам,
Гаҳ фалсафа ронад даҷам,
Гоҳе паноҳ орад ба ғам.
Гаҳ рустие аз растаҳо,
Гаҳ хаста аз оҳистаҳо,
Ворастае аз бастаҳо,
Гаҳ ҳаста андар ҳастаҳо,
Бар ман расида дам хӯрад,
Дар пеши поям хам хӯрад.
Аз чашми ман Замзам хӯрад,
То аз замонам дам хӯрад.

Рӯида рӯи шонаам,
Покӯб бар пешонаам,
Шӯре диҳад мардонаам,
То вокашад аз хонаам.
Хуни маро раҳ мефитад,
Болокашам таҳ мефитад,
Аз минбари маҳ мефитад,
Бо ман дили чаҳ мефитад.
Бар дидаи минбаркашон,
Рӯидани ман ноаён,
Кай буд пайдо рушди ҷон,
Бо заррабинҳои ҷаҳон?!
Ман минбари худрешаам,
Дар хешрӯӣ пешаам
Не сангаму не шишаам,
Дарёкаши андешаам.
Дар ман самои дигар аст,
Обу ҳавои дигар аст.
Дину дуои дигар аст,
Нури худои дигар аст.
Дӯзах зи ман ларзад чу дин,
Гулпӯши ман хулди барин,
Дар хизматам бедор бин,
Он ҷо худои нозанин.
Ҷони Ватанро дар бало,
Хоҳӣ кушоӣ бандҳо,
Якҷо шавӣ то бо худо,
Худро кушо, бо ман биё.

* * *

Бомдод мехезам
Хуршед аз паси кӯҳ шири нур ба рӯям мепошад
Ки сапед бояд зист!
Хамёза мекашам.

Обро, ки нури ошамидани шодист,
Чу ояи таҳорат
Ба рӯ мезанам,
Об бо қаҳқаҳа пош мехӯрад,
Ки шод бояд зист!
Нафаси об дар гулӯи лӯла мешиканам…

Табассуми ҷўраб
Ва хандаи кафшамро
Ба пойҳо мекашам
Хандаи дарвозаро қуфл мезанам
Ва ба ҷустуҷӯи шодие, ки дар батни андеша аст,
Меравам берун...
Шояд кӯдакони сарироҳии шодӣ бизоям...

## УНВОН НИЗ ЧУ МАНСАБ БОШАД

Ба яке минбари дил,
Ба дигар боли тафаккур.
Ба касе мушту лагад бар ҷигари ақли авом,
Дар дили маҳбаси шӯҳрат
То бипӯсонад.
Ба касе мошинест,
Ки ба фарқи мардум
Бенигаҳ меронад.
Ба касе мисли сақич аст,
Ки то бӯйи даҳан
Биншонад,
Ба яке чеки раҳоист зи чанги милиса,
Ба касоне нафақа...

* * *

Чун хабари ҷанги ҷаҳон беш ёфт,
Посухи ҳайрат писар аз ман бикофт:
-Эй падар, аз чист, ки дар зиндагӣ
-Ҷанг чунин беш бад-ин бандагӣ?

Гуфтамаш: – Эй ҷони ду даҳсолаам,
Дар даҳи охир ба дусад нолаам.
Соате даҳ бор ба лаб «Эй»-ҳот,
Умри каму беш аҷаб «Эй»-ҳот.
Дар бағали зиндагии тезгард,
Мисли ту имрӯз ба шаш миллиард
Ҳар кӣ ба ҳар бор, ки «Эй»-е занад,
Аз ҷигари зиндагӣ «Эй»-е канад
Чун бихӯрад зиндагӣ «Эй»-и зиёд,
Низ диҳад зиндагӣ «Эй»-и е ба бод
«Эй»-и ҳаёт аст, ки ин ҷангҳост,
Ғуншуда аз «Эй»-и туву «Эй»-и мост.

## Ба рӯҳи шоди Аҳмадшоҳ Масъуд.

Низомӣ дил Эронзамин гуфту ман,
Туро хондаам дил барои Ватан,
Абӯмуслим аввал, ту охир шудӣ,
Барои сари Шарқ миғфар шудӣ,
Туро зод чарху замин тарс кушт,
Натарсад дигар тарс аз бамбамушт.
Чу хӯ кард бар зулмати асри дур
Натарсад зи бамбу битарсад зи нур.
Ту гуфтӣ зи нури ҷаҳонгири дил,
Ки Кайҳон бичархад сари тири дил
Таассуб сари нур чандон бихӯрд,
Ки нури Худо ҳам дигар раҳ набурд.
Паридӣ чу нури расо то само,
Ки рӯшан шавад роҳи нури Худо.
Бихезад най ин ҷо чу Мавлойи Балх
Ҷаҳон бӯ набурдаст аз лойи Балх,
Дамидӣ нафас дар дили Ориён
Кунун медамӣ дар дили осмон...

* * *

Олимоне ки мори Заҳҳоканд
Низ бинӣ ба дӯши донишгоҳ.

Баҳри пул мехӯранд мағзи ҷавон,
Мағзи хӯрда халоси мори силоҳ.

Хӯрда гаҳ кирм мекунад таҳқиқ,
Олими Ғарб дар биёбон низ.
То кушояд зиёда мағзи Ватан
Дар самову замину инсон низ.

Ватане к-аз пиёдамағзонаш
Ғарқа дар хуни халқи худ афтод,
Мағзи тифлу наберахоронро
Бингарад чун асири бефарёд:

Мағзи ояндаи Ватан хӯрдан
Мешавад суннати наве акнун.
Дар ҷаҳон ҳеҷ миллате бошад
Олиме зояд ин қадар бехун.

* * *

Зиёии мо дар раҳи миллат
Се истгоҳ дорад:
Яке маҳал,
Дигар унвон,
Се дигар чатан.
Раҳ ба раҳ башар низ мегӯяд,
Ба хотири он се.
Муллои мо дар тариқати Худо
Се истгоҳ дорад:
Яке ҷонамоз,
Дигар сари хони мардум,
Се дигар чатан.
Гаҳ-гаҳ миллат низ мегӯяд-
Ва аҳли исломро дар назар дорад,

Яъне, пеш аз ислом ӯ бӯзина будааст.

* * *

Олиме гуфт, ки илм собит кард:
75 дар сади одамон ҷонварандешанд,
21 дар сад рустанипиндор,
4 дар сад одамвор.

Гуфтамаш: – Чашм бар ин нукта
Нуқтаи ашки сидқ мемонад
Ва мебинад:
75 дар сад метананд, мекананд, мезананд
Ва ме...ва ме... ва ме... ва ме... ва ме...
21 дар сад мерӯянд, мешукуфанд, мепазанд,
Ва ме...ва ме...ва ме... ва ме.. ва ме...

4 дар сад меҷӯянд, мешикофанд, меофаранд
Ва офаридаро дар дасти 75 дида
Меҳаросанд,
Дар дасти 21 дида
Меандешанд,
Дар дасти 4 дида
Мезавқанд
Ва ме... ва ме... ва ме... ва ме... ва ме...

* * *

Ту ҷангаливу то дили ту синамол
Лабам чу мурғи парбурида меравад.
Чу оҷизе назора дасти ламс боз
Гиёҳи гуна-гуна чида меравад.

Канори чашмам аз гули ту пур шуда
Шамими барг-барги он дигар-дигар
Валек ҳар қадар дарунтар равам
Гули нави ба нав биёбам он қадар.

Лаби пиёдаам ба синагоҳи ту
Расидаву чу раҳгуми хаёлиест,
Ба пуштае ба ларза мебарояд ӯ,
Зи пуштае ба ларза мефарояд ӯ.

Ҳам аз шимолу аз ҷанубу шарқу ғарб
Ба сӯи синаи ту роҳи бешумор,
Валек роҳи бозгашти ӯ куҷост
Фитад ба ҷангал ар касе нахуст бор?

Чунон ки гӯш монда бар замин хамӯш
Садои чархаи қатора пояд ӯ,
Ниҳодаам ба синаи ту гӯши хеш
Ба бӯи тук-туки баланди қалби ту...

* * *
Ҷӯши нутфаи озодӣ дар бадани дарахтон
Баҳор аст,
Дар бадани инсон
Шаҳват.
Дар бадани давлат
Инқилоб
Ва ҳама хуни хушида мерезонанд:
Баҳор, хуни хушки дарахтон,
Шаҳват хуни хушки ҳаё,
Инқилоб – хуни хушки сиёсат.
Яке ба зиндони мева меафтад
Дигар ба зиндони бачадон,
Се дигар ба зиндони камону тӯб,
То рехтани хуни хушки андеша
Ҷӯши нутфаи озодӣ меравад боло...

## ЧАКОМАИ ОЗОДӢ

Озодӣ,

Ба рамзи Аҳурамаздо дар ҳалқаи шаш амшоспанд,
Ситораи рӯз дар даст берун омад.
Ва субҳро аз паи худ хонд,
Субҳ Хуршедро,
Хуршед Ҷамшедро,
Ҷамшед Зартуштро,
Ва Зартушт ҳафт ранги нурро тафсир дод,
Он қадар тафсири нуронӣ, ки ҷон ҳам хешро,
Андаруни нур диду гуфт:
Офаридан сулҳро обастан аст аз нур,
В-аз ғуломиву гадоӣ ҳар кӣ обастан бувад,
Аз куҷо мезояд Озодӣ?...

Сояи ин нурро Мӯсо асои хеш кард,
Мисрро дарвеш кард.
Соя чун гардад асо?
Аз барои панҷаи худ
Порае бирбуд Исо нурро,
Румро ӯ муму хеши кеш кард.
Мағзи Мағрибро калӯши пеш кард
Нурдуздӣ расм шуд...
Тофт бо як ранги тиллоӣ ба чашми халқ нур,
Ҳафт ранги нур шуд аз чашми маънӣ дур.
То намояд ҳафт ранги ҷовидони нурро,
Ҷомаи ҷисмонӣ пӯшонид Монӣ нурро.
Ишқи Исо гарчи з-ин тафсири нур
Боз нури тозаи ҷонӣ гирифт.
Ориё дар худ парешонӣ гирифт
Օнчунон кӯбид Мониро, ки Мониро қалам
Ҷониби Мағриб париду сабз шуд...

Ранги зардаш аз пайи Салмон биёбонбӯс шуд,
Нур бо шамшер пайваст,
Ҳамчу Салмони пушаймон нур пири кӯз шуд,
В-он ки яктоии яздонро ҳам акнун мешинохт,
Бар сари мойи ҳазоронсола яктоинамоз

Омаду зад, ки Худо яктост.
Нури шамшери Муқаннаъ ҷониби хуршед рафт.

Аз пайи моли Худо аз мо Худоро низ дуздида,
Дасти тазвири биёбон сохт
Дар биёбон аз дурӯғе устувона.
Ломакони мо биёбонхона шуд,
Пас Худо хӯйи биёбонӣ гирифт,
Шуд биёбонӣ.
Эй аҷаб, ин ҷо бихишту ӯ ба дӯзах хона кард,
Гӯиё ҷое беҳ аз он ҷо наёфт.
Ҳам Худо ҳам мағзи мо аз мо ҷудо шуд,
Меҳр коридан ба ҷуз кин бар надид,
Тан бихиштӣ, сар биёбонӣ ба аърофӣ кашид.
Офаридан мурдаву шуд зинда тарс
Чашми мо хушкид аз ин тазвиру ин тасвиру ин тафсир.
Тарсу тарсонанда обастан ба ҷанганду ғуломӣ...

Мавлавӣ зад нойи нури сӯдарун:
«Эй шаҳон куштем мо хасми бурун,
Монд хасме з-ӯ батар дар андарун
Куштани ин кори ақлу ҳуш нест,
Шери ботин заҳраи харгӯш нест.
Саҳл шере дон, ки сафҳо бишканад,
Шер он аст он ки худро бишканад...»
В-ин бурунзан шуд дарункан
Аз дарун худро шикастем он қадарҳо ки буруни мо намонд...

Бо сари хуршедии худ сина зад ду шери нар
Даст бар болои даст
Яъне, мегӯянд: «Аз мо то ба Хуршедии Зардушти дигар
Ҳар ки берун ё дарунро бишканад,
Нурро дар гавҳари хун бишканад,
Гуфтугӯяш бо ман аст,
Устувона аз дарун бошад, ки берун бошадат!

Роҳи мо аз нур то нур аст,
Не чу зулмат гӯр то гӯр аст.
Ҳар касеро нест Озодӣ,
Ӯ чӣ донад чист Озодӣ.
В-ар ҳамин нозест Озодӣ
Кай тавонад зист Озодӣ,
Офариданҳост Озодӣ,
Чун Худо худзост Озодӣ!»

* * *

Ай мо ки даридему фикандем ба ҳар сӯ,
Ҳам ҷомаву ҳам ҷони Ватанро,
Ҳам нони Ватанро,
Ҳам хони Ватанро.
Боре нигаҳ аз ишками худ бозбигирем,
То боз бубинем ҳам андоми Ватанро,
Ҳам номи Ватанро,
Ҳам ҷоми ҷаҳонбини Ватанро...
Афсӯс, ниҳода Ватан, афсӯс,
Дар синаи майдони ҷаҳони ҳамаомӯз,
Чун духтари берӯз,
Аз баҳри таҷовуз,
Урён зи ватандор,
Ларзон зи ватандор,
Яъне, зи ману ту,
Яъне, зи шикамрои шикамрӯи шикамхӯ...
Ку он ки кашад шими худашро,
Чун шими Ватанро,
То аз нигаҳи шарми ҷаҳон боз бипӯшад,
Як ними Ватанро...
1992.

## БА ҲАВОИ ҲАРАКАТИ ҚАТОРА

Бод, фис-с...
Бод, бод, фис-с...

Бод, бод, бод, бод…
Бодо бод бодо бод, бодо бод
Бодо бод, бодо бод, бодо дод, бодо дод
Мурда бод, зинда бод, зинда бод, мурда бод,
бода бод, бодо бод…
Бодо дод, бодо дод, бодо бод, бодо бод
Бодо бод, бодо бод, бодо бод
Бодо бод, бодо бод, бодо бод
Бод бод, бодо бод,
Бодо бод,
Бодо бод,
Бод… бод
Бод, фис-с
Бод – фис-с-с...

## БА 60-СОЛАГИИ УСТОД БОЗОР СОБИР

Рӯзи рӯидани ту рӯи замин
Сада медонаду ребос
Халос.
Рӯзи дар чашми замин шиштани ман
Ҷӯй медонаду бодом,
Тамом.
Номаи кисаи мо,
Бача будем, ки мегуфт дурӯғ,
То кунун низ ба мо
Шир мегӯяду медорад дӯғ,
Мо фитодем дар он саф, ки буванд
Фандашон дар киса.

Ман аз ин бегунаҳӣ рӯй ба ребос барам,
Чӣ аҷаб,
Дар замоне, ки ҳама гавҳари худ меҷӯянд.
Мо ҳам аз гавҳари худ ёд кунем,
Хирмани Одаму Ҳавво
Ки ба ҷуз як дона

Ҳама каҳ буд дурӯғ
Нафасе бод кунем,
Ва бигӯем ба олам, ки ҳазореву дувист
Миллати мо ба газоф
Хешро сӯхт, ки каҳ дона шавад,
Мо каҳи бод шудем.
Дигар аз ҷаҳли дурӯғон чӣ бигӯям, ки занаш
Ҷигари мард хӯрад хом,
Ва мардаш дили мард
Бирёнда...

Ман ба хуршеду ба ребос намоз овардам,
Ки яке чунки бисабзад,
Зи гияҳ то ба сипаҳ нарм диҳад нури асо,
Яъне, нур аст асо баҳри асо
Хӯи кӯдак дорад,
Дигаре чун бадар ояд,
Бегунаҳ рустани одам бисарояд,
Мешавад сабз дуои рӯиш.
Бӯи туршина хаёлаш бирасад чун ба димоғи дараҳо,
Мешавад оби даҳони дараҳо шаршараҳо.
Ва дуояш
Бӯи кӯдак дорад,
На ба он санги сиёҳе, ки чу як тухмаи зулмат
Бал чу сӯрохи сиёҳи фалаки ақли авом,
Нафаси тоза рубояд.

Ҳеҷ донед чаро Мавлавии нури ба нур
Бо дили сабз ҳама умр найи нур навохт,
Ӯ хабар дошт, ки ребосӣ буд,
Ва мегуфт:
«Рӯед, эй ҷумла суратҳо, ки суратҳои нав омад!»
В-аз баҳои сари дори Мансур
Рози ин пардадариро накушуд.
Ҳам аз ин буд, ки Сӯҳроби Сипеҳрӣ
Шуд гияҳҳомаву шуд нофасухан.

Мо гияҳ буда аз аввал, ки шутур кард калак,
Ва аз он аст, ки имрӯз аз он хоки барӯманд
Дарди Нодир хуши ман ояду Симин,
Пури Довуду Ҷунайдиву Ҷамолӣ
Ва Хусрав
Нуру ребос тиҳӣ қад кашад аз дини гуноҳ,
Ба Худо низ шавад рӯй ба рӯй
Орӣ аз шарми нахустини гуноҳ
Баски фирдавси барин
Одам олуд, на ребос
Яъне мехонамат, инак, ба биҳишти Ватани ребосӣ...

Қавми ребос фузун аст, кушо синаи хеш
Кунда гар тоҷик аст,
Шоха бар шоха расад
З-инглис то ба урус
Яъне, дар Амрика низ
Руста ребоси зиёд,
Яъне, бегона найӣ он ҷо низ.

Ту бигӯ сӯи нигоҳат,
К-ин қадар шӯр нарезад,
Тоҷикистон пури кӯҳи намак аст,
Ва ба ҳар хона ҳам аз ашк яке кони намак,
В-андар ин валвалаи бозорӣ
Намак овардану бифрӯхтан аз Амрико
Чӣ гарон меафтад.
Мо ки худ тухмаием,
Ҳар куҷое бифитодем, бирӯем
На ки бо ашки намак тухма бисӯзем.

Нӯшбодам ба дарозо афтад,
Чӣ кунам роҳ дароз аст,
Ва ту ҳамсӯҳбати ҳам нодирӣ, ҳам Нодирпур.
Ва ман акнун

Рӯзи рӯидани ту,
Мезанам бӯса ба ребос,
Чу дуруде ба ҳама ребосӣ.
Ва ду бодом ба хон мешиканам рӯзи дигар,
Гӯши ту баски дароз аст, дароз,
То ба лабҳои Ватан,
Ин садо мешунавӣ.
Мешунавӣ?
С.1998

## ДИЛАМ СӮЗАД БА ТИФЛОНИ ФАРАНГӢ

Таваллуд кун аё Шарқи шикаста,
Зи тифлони пари дониш набаста,
Ба боли ишқи дил парвозгорон,
Садоқатро сари эъҷоз дорон.
Зи тифлоне, ки ҷои мушаки марг
Заминҳоро саросар гул бикоранд,
Ниҳолоне, бараш ҷонбахши лимӯст
На ҷонбози лимонка[1]
Ниҳолоне ки чанги шохаҳошон
Ба монанди кафи тифлон ба мизон
Гирифтори гиронат не, аноранд...

Ба ҷуз инат ҳунар нест!
Таваллуд кун,
Зи тифлоне, ки тори ҳар кадоме
Фарангӣ бамбае дорад авезон!
Таваллуд кун,
Агарчи содаҷони сабзаворат
Ба олам ҷуз Худову модари бемор
Сарбоне надорад!
Падарҳои хуносоро бимон андар ғами ҷоҳ,
Зиёиро раҳо кун чун ҳаво сӯе ҳавое,

[1] Навъе гранат

Муҳаббатро бачо кун дар паси моҳ.
Барои шӯҳрати муфти ҳиҷоӣ,
Гиребони бародарро ба мушти худ гиреҳ зан,
Сари ӯро ба таҳ зан,
аз ҳунар раҳ зан,
Бизан лофи забаркаш
Бубин худро, ки чунӣ ту хабаркаш.
Мабин ӯро, ки чун аст ӯ ҳунаркаш!

Таваллуд кун, ки зери чархи миноӣ,
Фарангӣ гарчи дар паҳлӯи ҳар тифлаш
Яке мушак,
Яке тайёраву як танка биншонда
Ва ООН-ро
Барои тифли нози хеш модар, лек,
Баҳри кӯдаки ту хонда моиндар,
Валекин боз аз ҳар ишками обастанат, эй Шарқ,
Чу аз як бамбаи нав тифлакашро сахт тарсонда...

Дилам сӯзад ба тифлони фарангӣ
Ва мегӯям ба гӯши Шарқ оҳиста,
Ки шояд бас бувад зодан?!
Мабод аз тарси зоданҳои ту дар худ
Яке чун бамбаҳо таркад фарангӣ,
Ва ё ин хокдони ҳолиё чун тифли маъсумро
Диҳад бар бамбае табдил?
Ва он гаҳ ҳикмати «Мӯре маёзор»-ат чӣ хоҳад шуд?
Дилам баҳри Замин сӯзад
Чу бар тифли фарангӣ.
С.1990

## ФИҒОНИ ШЕЪР БАР МАШҲАДИ ХЕШ

Ман, ки гул бӯида будам
Аз нигоҳи гарми ошиқ,
Гуфтам: – Ин олам кунад гул

Дар паноҳи гарми ошиқ.

Ҷои гулкаф пои дилкӯб
Гарданамро шуд авезон,
Ҷои бӯи гул зи ман хест
Бӯи хуни тифли виҷдон.

Анҷуманро ёд дорӣ?
Баҳри пул по бар фалак баст!
Анҷуман қонун баровард
Баҳри сад пулбози пулмаст.

Лек қонунро ба виҷдон
Дод чун фарде гироиш,
Анҷуман омад ба фарёд
Ҳамчу зан ҳангоми зоиш.

Пири тири ҷангхӯрда
Бо қазо дорад қиёмат:
«– Кафчаи дарюза кардӣ
Ҷои захмамро ба давлат!

Баҳри ҷони ин сиёсат
Ҷон супоридам сари бод,
Ӯ диҳад то тангаам беш,
Бонги миннат дар ҷаҳон дод.

Баҳри худ сад дар сад афзуд
Бе саволу бе кашокаш!
Баҳри тифлон даҳ фисадро
Баста дар баҳси балокаш!»

Бо сиёсат чун дарафтам,
Мехӯрам худро зиёда,
Хокдони ӯ савора,

Осмони ман пиёда!

Бехабар хуни сиёсат
Баски дар ҷонам давида,
Ҷои гул бинӣ баҳорон
Ту мани гарданбурида.
1990

* * *
Эй насли нави зоидаи динаи ман
Қурбони сиёсати нави кӯҳнаи ман,
Хуни ту, ки бӯи ишқи навхезаш буд,
Аз ҳилаи навҷомаи кӣ резаш буд?!

Эй бодаки Варзоб, ту ҳам пир шудӣ,
Монанди шамоли қибла дилгир шудӣ,
Аз манзараи ишқи ҷавон гашта бурун,
Дар маҳшараи хуни ҷавон шишта забун!

Наврӯз, маё, ки кӯҳнарӯз аст ҳанӯз,
Ин пуштаву тал на лола дар даст ҳанӯз;
Монанди камони аскарони дина
Оташ бикушода пуштаҳо аз сина...
**феврали соли 1990**

## БАРОИ ЗЕБО АМИНЗОДА

Мисоли шоире, ки чашми гулчинаш
Кафи дарюзаи гулчини зебоист,
Замон буд зори зебоӣ, ки Зебо рӯи чашмони замин
бишнаст,
Ба чашмони замин ҳар кас нишинад мекунад чашми
замонро маст.
Бар ӯ чун бингарам бо ҳасрати зебо
Ба дил гӯям:

Чи болояст қадди нахли зебоӣ
Ки танҳо мерасад дасти расои бозгӯйи чашм,
Чи ширин аст бори нахли зебоӣ
Ки чун гирад ба лабҳо мепарад андар гулӯйи чашм.

Ҳамон рӯзе ки нахли мевадореро биафшонанд
Чи тифлони тиҳипое
Зи шохи кӯча зери нахл меборанд,
Наафтад бар замин то меваи ширин
Ба ғавғо домани худ боз медоранд;

Чу дасти савти зебое биларзонад ниҳолатро
Нигоҳи ман чу тифлон домани худ боз медорад:
Мабод аз нахли гардундори зебоӣ
Биафтад бар заминҳо бори зебоӣ...

* * *

Эй мардуми чун дили чакида,
Бечора зи тарси осмонҳо,
Дар дасти хазон расида себам
Бар ман бичакед бегумонҳо.

Бар хок чакидаед бисёр,
Хуршед надида хок хӯрдед,
Хуршед магар батар зи хок аст
Аз нур ба гӯр дил супурдед?

Шинед ба барги зардам урён,
Чун сояи чашми офтоб аст,
Он беҳ ки ба нуратон кунам гӯр
Дар хок ҷасад чӣ беҳисоб аст...

* * *

Нилуфари субҳи навшукуфта
Болои заҳоби тираи шаб.
Шаҳрест чу баҳри табгирифта,

Аз мавҷаи мардуми лаболаб.

Аз панҷари мижжаҳои соҳил
Ду завраки чашми якпара дур.
Ду мардумаи шикастапору
Лангарзани умқи баҳри пуршӯр.

Лангар ба миёни обу заврақ
То рафт аз об мешавад пур,
Гар сахраи рӯз мехӯрад ғел
Мавҷ асту ҷари шабони сархӯр...
1991

## КУ БА ҶОНАМ ЛАРЗАҲОИ ҶОНИ Ӯ

Чун фитод андар Хуросонаш гузар,
Хондаам, ки духтареро дид Умар:
Дар ризои ҷони бемори падар,
Сар ба пои ҷони бемори падар.
Шустушӯйи зеру боло мекунад,
Тифлро гӯё ки лоло мекунад.
Мекунад парпеч рӯзу шаб чу тифл,
Обу нонаш медиҳад бо лаб чу тифл,
Сӯзанаш мижгон барои хори ӯ,
Бӯса доруи дили озори ӯ.
Кони беморӣ тани зори падар,
Хори пирӣ дар тани хори падар.
Гуфт Умар: – Эй хоки пои ту биҳишт,
Сӯи ту оварда рои ту биҳишт,
Чун ту фарзанди малакойину дин,
Ман надидам, гарчи гардидам замин
Гуфт духтар: – Рост мегӯӣ, валек,
Жарф бинӣ, иллате ёбӣ ту нек;
Беҳтар аз ман ҳам худи ӯ будааст.
Дар танаш ҷон баҳри ман фарсудааст

Гарчи бо сар медавам дар хидматаш,
Мефишонам хидмати беминнаташ.
Хидматам бо хидмати ӯ кун қиёс,
Фарқи танро дар қиёси ҷон шинос:
Ман, ки будам тифли шӯхи тозаҷон,
Ӯ ҳам андар хидмати ман буд давон,
Медавиду буд ларзон ҷони ӯ,
Аз ғами ман дар тани ларзони ӯ,
Медавиду «ё раб»-аш буд дар забон
Ки наафтам дар даводав ногаҳон.
Гар ба поям ногаҳон хоре занад
Неш, гӯӣ, дар дилаш море занад.
Ман ки ҳоло аз пайи ӯ медавам,
Аз Худо ӯро дуоҷӯ мешавам:
-«Бор Илоҳо, ҷони ӯ бистон, ки зуд
Вораҳад аз меҳнати ӯям вуҷуд...
Меканам ҷон гар барои ҷони ӯ,
Ку ба ҷонам ларзаҳои ҷони ӯ?!»
Аз ҷавоби ӯ Умар дар худ хазид
Шарми виҷдон дар вуҷудаш медавид:
-Аз араб ин сӯ чи дин меоварам,
Бояд аз ин ҷо арабро дин барам.

## БА ЗОДРӮЗИ ХУДАМ

Шиори «бихару бифрӯш!»
Атласи муҳаббатро
Аз дӯкони чашму дил
Ва бозори даҳанҳо
Фарочид
Мағозаи «Ҷавоҳироти сина»-ро дузд зад,
Муҳаббат гирифтори бӯҳрони шадид шуд.
Дӯкони чашму дил
Ва бозори даҳанҳо
Аз алвони арзони кина ва ҳила пур шуд,
Ниҳоли қомат борвари дашном гардид.

Ва сабзаву гули хаёл
На зери нақвои бӯсаҳои баргҳои баҳории лабҳо,

Зери тафбоди дашномҳо рӯид.
Чун ғуломбачаҳо зери лагади хоҷаи бедиёнати хеш.

Дар нигоҳи булбулҳо,
Рӯйи гаҳвораи ҳумонизм
Ғунчаҳо таҷовузи калоғҳо диданд.

Чун дар ҳамаи замон ва дар ҳама ҷаҳон,
Зери карнойи Инқилоби нафс
Ҷаллобҳои дину давлат
Ва халқу Ватан
Ҷумъабозори тиру туфанг бикшоданд,
Нархи ҷонҳо ду пул шуд
Ва баҳои тиру туфанг ба осмон дакка зад.
Тири бегона, камони бегона ва каси бегонаро
Ба пули халқи худу Ватани худ мехариданд,
Ва халқи худу Ватани худро ба нишон менишонданд.
Забони бозаргонии «Оташ!»
Пойи курсии Худоро мелесид,
Дилҳо бегонаи тан шуданд
Ва сарҳо бегонаи дил...
Растаҳои «Ҳазору як майда-чуйдаи таҳқир»
Аз ин сари Ватан
То он сари ватан кашида шуд.
Кӯдакҳои бевапарвару зиёипарвар,
Ва беваҳову зиёиҳои навҳапарвар
Дар ин растаҳо зистанд
Ва матои бечорагиву ғарибӣ фурӯхтанд
(Соҳибватан ба баҳои Ватан ғарибӣ харид).

Модари намозии ман сигору нос фурӯхт,
Модари намозии ту шаробу оби ҷав.
Дилҳо сандалҳои даридаи кундаи поҳо шуданд

Ва сарҳо шикам:
Нони озодиро, ки аз хамири орди устухони иродаи
бародару умеди падар
Ва осиёи хуни модару номуси хоҳар ва ишқи додар буд,
Ишкам
Кам-кам ҳазм мекард
Ва дар се рӯз ба берун меафканд,
Ба ҷойи нойи мағзи зиндагизойи биҳиштӣ,
Табли шиками ғафси ғуломии дӯзах садо мезад.
Дар кӯчаи хазонзадаи бекаси Виҷдон,
Ҳуштаки шамоли зулмати авбош саялон мерафт.
Ва рӯдаи найи маърифат дар охири ин кӯча
Дароз афтода буд
Ва боди хазони умед бар лаби вай
Ба сӯйи дини нахустини мо ки «Наёзурдани ҷон» буд,
«Муноҷот» медамид,
Ватан зери навойи ӯ
Дарун-дарун мегирист
Ва намедонист киро дар сина парвардааст!

Ҷонро аз бӯҳрони муҳаббат кӣ мераҳонад?
Бе «Маъбади муҳаббати Ватан» Ватан чӣ Ватан аст?
Ва хоки сабзае, ки рӯи кафаш
Шабнами муҳаббати соҳибватан намеларзад,
Чӣ хок аст?
Касе мегуфт: – Одамӣ аз одамӣ холӣ ва аз гург пур
мегардад!
Касе мегуфт: – Коҳилии бадтар аз гург, мешавад аз
одамӣ дур!
Касе мегуфт: – Аз зиндагӣ ба биҳишт бармегардем
Касе мегуфт: – Аз биҳишт ба зиндагӣ бармегардем.
Ки ҷоест барои офаридан,
На як авборидан...

1992

**СОЛИ 92**

Сухан, ки рӯ ба офтоб пар мезад
Пиёда шуд,
Ва лучи модарзод ба кӯча баромад...
Мисоли чашми бесурма
На мода буданаш пайдо буд, на нар,
Ва батни нигоҳаш
На аз меҳр обастан мешуд, на аз ғазаб...

Осмон,
Бо сулфаҳои гунг бар сараш
Парча-парча дуди хонаҳоро мешикаст.
Нофҳо калобаи гушнагиро ба пояш мебаст.

Аз кӯчаҳо ба ҷои хандаи сафеди даҳанҳо,
Хандаи сурхи баданҳо мешорид.
Ва ба дӯшаш қаҳ-қаҳаи қарқи гиребонҳо мерехт.
Ва попӯшҳо хаёли аз по гурехтан мекарданд,
Ба хандаҳои сиёҳ.
Пойҳо бо дандони ангуштон
Роҳҳоро мегазиданд
Ва сангҳоро мисли ғӯлинг мехоиданд...

Чашме ба сӯи рост фиканд
Ватанро аз по пӯст меканданд...
Ба сӯи чап чашми ҳайрат дӯхт,
Дар занбӯрхонаи[1] адаб
Рӯдакиро[6] аз ҷониби сар пӯст меканданд.
«Чанд мисқоли расадашон лаҳмаш?
Гӯшти гав қимату Рӯдакӣ арзон..»[2]

Ва сухан
Нигоҳи ҳазине ба офтоб андохт...

---

[1] Иттиҳоди нависандагон
[2] Ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ низ дар назар аст.

Ба чармхона роҳ кашид.

1993

## БАРОИ АБДУЛҲАМИДИ САМАД

Дар ин рӯзҳое, ки Симурғи майҳан
Сари чашмаи дил нишеман гирифта,
Бишӯяд пари хешу паррончаконаш,
Зи хуне, ки аз захми Риман гирифта,
Зи даврони паррончакӣ ёдам ояд
Ҳамон тухми озодӣ озодам ояд.

На танҳо Каюмарз зоида ребос
Ки пайғамбарон ҳам дар он тухма буданд.
Зи Симурғи модар маро ҳайрат афзуд,
Параш то насӯзам напурсад зи фарзанд.
Зи Симурғи Аттор пурсам ҷавобаш,
Худоёни хокӣ кашанд аз танобаш.

Калиди тилои сухан ҷустани мо
Ба қулфи дили халқ сангин ҳунар хест.
Ҳама халқ бар қуфли қонун нигаҳ дӯхт
Ба қулфи дили худ касеро назар нест.
Чи маҳбус озоду озод маҳбус
Зи оянда то мо, зи мо то ба Ковус...

## СУРУДИ ВАҲДАТ

Тоҷикистон, ҳама хешем, ки хешем ҳама,
Ба намози Ватани ойинакешем ҳама,
Кӯдаки мост Ватан, хез, сари дӯш кунем,
Обро дар даҳани кӯдаки худ нӯш кунем.

Кӯҳро пайкараи ханда кунем,
Бодро шаршараи ханда кунем,
Лола оҳубараи ханда кунем,

Ҳар дари худ дараи ханда кунем.

Хезу бархез, фалак аз пайи мо мепӯяд,
Хезу бархез, ки хуршед зи мо мерӯяд,
Ба гиребони худ аз атри гули дил зану хез,
Ки Худо низ гиребони туро мебӯяд.

Тоҷикистон, ҳама хешем, ки хешем ҳама,
Ба намози Ватани ойинакешем ҳама,
Кӯдаки мост Ватан, хез, сари дӯш кунем,
Обро дар даҳани кӯдаки худ нӯш кунем.

Кӯҳро пайкараи ханда кунем,
Бодро шаршараи ханда кунем,
Лола оҳубараи ханда кунем,
Ҳар дари худ дараи ханда кунем.

## БЕГУНОҲИ ГУНОҲ

Мекунад бедор субҳи бегуноҳ,
Рӯи ман мешӯяд оби бегуноҳ,
Дар димоғи ҷон ҳавои бегуноҳ,
Мекашад гӯш офтоби бегуноҳ.

Тифли нози бегунаҳ дар хоби ноз,
Нозе аз ояндаҳои бегуноҳ.
Мешуморад чашм пӯшида падар
Тасбиҳи номи Худои бегуноҳ.

Чун фаришта шишта рӯи ҷонамоз
Модарам – ҳусни расои бегуноҳ,
Тавбаро гирад гиребони худаш
Чун гиребони дуои бегуноҳ.

Менишинам пеши хони бегуноҳ,

Рӯ ба рӯям рӯи нони бегуноҳ.
Мениҳад як коса шири бегуноҳ,
Ҳамсари қисматпазири бегуноҳ.
Мебароям рӯи роҳи бегуноҳ,
Соядори сар ниҳоли бегуноҳ.
Бингарам мактабшитобу боғча,
Кӯдакони синну соли бегуноҳ.

Бо саломи бегуноҳе бигзарам,
Аз бари ҳамсояҳои бегуноҳ,
Ҳамрадифи ҳамзамони бегуноҳ
Меравам то корҷои бегуноҳ.

Менишинам пушти кори бегуноҳ,
Дафтару мактубу мизи бегуноҳ,
Худ ба худ ларзонадам андешае
-Оламе дорам тамизи бегуноҳ.

Пас мани з-олам гунаҳҷӯйи гуноҳ
Аз куҷо афтода паҳлӯйи гуноҳ.
Аз замин то осмонҳо бегуноҳ
Ман сияҳрӯям ва ё хӯйи гуноҳ!

Дар тарозуи хирад гар баркашам
Бегуноҳии гунаҳ ёбам чу моҳ.
Гар бисанҷам бар сари мизони Нафс
Бишканад Мизони чархи бегуноҳ...

* * *

Оҳи ман чун қӯи фаввора,
Сӯи гардун мезанад минқор.
Пашшаи беболи наззора,
Рӯи болаш мехазад ҳамвор.

Бар сари тухми ҳавас шишта,
Курки мардум дар канори ӯ.

Чӯҷабар ғози қафас ришта
Дар баландӣ интизори ӯ.
1992

* * *

Пеши по зад мурдаҷонӣ нони рӯҳ,
Кай парад безиндаҷонӣ ҷони рӯҳ.
Рӯҳ мепӯсад ба ҷисми мурдаҷон
Туф-туфи гардун ба исми мурдаҷон.
Минбари рӯҳ аст ақли пештоз
Кист гӯри рӯҳ? Пушту пешноз.

* * *

Дар кӯҳи Хоҷа Ғозиён ғоре фарох буд,
Буд қисса ки шамоли ҷаҳонро даҳона ӯст,
Боди даҳони шоирон ақлам ба бод дод.
Гуфтам: – «Шамоли тоза кашонам аз ӯ накӯст!»
Дидам ки як нафаскашӣ дар ғор бод нест.
Пурсидамаш: «Чӣ шуд, ки чунин бенафас шудӣ?»
Нолид: – «Ними боди ман мулло рабуд, дӯш,
Ними дигар зиёии бенашъаи худӣ!»

* * *

Офарин бар ақлу бар ҷони яҳуд,
Бе маҳалбозӣ ҷаҳонбозӣ намуд.
Бин сари сарду ниҳоди гарми ӯ,
Камшумору бо ҷаҳоне рӯ ба рӯ.
Аз барои ӯ ҷаҳон бозича шуд,
Мо ба дасти оламе бозича худ.
Рӯи пору паҳн моро ҷонамоз,
Рӯи девон шаҳвати ӯ бонамоз.
Сӯи Яздон гарчи Исо зини ӯст.
Худ милал гӯсолаи заррини ӯст,
Ӯ ниҳони мо кашида то бурун.
Ошкори ӯ кашида мо дарун.
Рӯи саҳна шаҳвати ӯ шойгон,

Шаҳвати мо андар оғил ройгон...

* * *

Зиндагӣ туф карда рӯи камбағал,
Пештозӣ хӯрда хӯи камбағал,
Ақли худсозаш ҷудо пӯсидааст,
Дар канори ӯ Худо пӯсидааст.
Медиҳад худро ба таҳқири ҳама
Шуд зи таҳқири ҳама зери ҳама.
Гурги бедандон ҳуқуқаш медарад,
Ҳар саги кӯ ҳолу ҷонаш мебарад.

* * *

Ошное ранҷид
Ки дидамашу бе доруд гузаштам.
Маъзур, эй дӯст,
Ман дар кадом паскӯчаи таърих,
Ҳақи миллат меситондам.
Ва шояд дар даҳани сухане
Ғӯлинг будам.
Ё дар шоҳроҳи раги гул
Масти бӯи ҷустуҷӯи Худо будам,
Ва даруни ҳунар
Ҷои шайтон ногаҳ Худоро дида
Аз дурӯғи муслим ҳайратзада мерафтам...
Ту аз кӯчаи Душанбе мегузаштӣ...

* * *

Ҳуфра бояд зад ба гӯристони андеша
То боли Симурғ аз таҳи реги биёбон вокашем,
Лек файласуфҳои замон
Фалсафаҳои мурдаро чун ҷасадҳои худ
Дар тобути фалсафаи мурдаи пешин задаанд.
Рӯяшон пошида гули коғазии унвонҳо,
Рӯи дӯши мағзи зиндаи мардум гузоштаанд.

То яке аз худ напурсанд:
Фалсафаи мурда кадому зинда кадом?

* * *

Қасри Ваҳдат мениҳодам ман зи ҳарфи хуни дил
Талҳакеро аз тамошояш забон хориду гуфт:
Ҳарфҳоро мағз берун резу сарҳошон бичин,
Аз манори каллаи Темур нахондӣ дарси муфт?
Мағзи сарҳоро кашиду чид аз сарҳо манор
То бубинад ваҳдати сарҳо дар ин дунёи зуфт.

* * *

Эй ту, Наврӯз,
Эй ту, Наврӯзи куҳансӯз,
Аз дами мои ватансӯз
Шуда номи ту даҳансӯз...

Эй ту Наврӯз, эй ту Наврӯз,
Ин чи рӯест қалампӯст!

Ёдам ояд зи фалонзоди фалон
Дар замонҳои замон,
Чу буриданд яке дасти варо
Бо дигар даст
Хуни худро ба рухи худ бишакид,
То нагӯяд душман
Гаҳи мурдан зи рухаш ранг парид...

Эй ту, Наврӯз,
Ин туӣ ё ватани мост бад-ин рӯз?!
Эй ту, Наврӯз,
Эй ту, Наврӯзи куҳансӯз,
Аз дами мои ватансӯз
Шуда номи ту даҳансӯз.
1993

## РАҚҚОСА

Эй нози ту ноз дар дили рақс,
В-эй нози ту роз дар дили рақс,
Аз нози ту нозанин шавад дил,
Дилбозтар аз замин шавад дил.
Ай субҳи дамида рӯйи саҳна,
Чун субҳ рамида рӯйи саҳна.
Дар саҳни наво навогурезӣ
Тан рехта чун наво бихезӣ.
Оҳанг зи ту ба ҷилва ояд
Бо ҷисми ту дар ҷигар дарояд.

* * *

Пири моҳигири дарё,
Бастаи занҷири дарё,
Зӯри тӯраш бурда моҳиҳойи дарё,
Чида гулсанге ба зери пойи дарё,
Зӯри шасташро чу хуни дасти шасташ,,
Мак зада аз роҳи набзи шасти досташ
Обсабз оварда дарё,
То лаби во бурда дарё…
Моҳиеро мекашад бо зӯр
Кай расад зӯраш кунун то зӯр
Зиндагӣ афканда андар тӯри ожангаш,
Дода банди тӯр моҳиро пайи чангаш...

## ТАРОНАИ МАНИЖА

Ту ҳамсари баҳорӣ,
Ман ҳамсари зимистон.
Болини ту Гули Ноз,
Болини ман зи тӯфон.
Нози наво ҳавохез,

Рози ҳаво навохез.

Овози ту шунида
Хуршед аз лаби гул,
Резад мисоли шабнам,
Дар пои гул шаби гул,

Оби наво ба мастӣ
Тоби наво ба ҳастӣ

Аз гул ба гул рабоӣ
Овози осмонӣ,
Бо бӯйи гул кушоӣ,
Парвози осмонӣ.

Нӯши навои гӯшам,
Ҳуши навои гӯшам.

## БАРОИ НИГОРА ХОЛОВА

Нони ҳунар расо шавад,
Хони ҳунар расо шавад.
Решакушо ҳунар шавад,
Ҷони ҳунар расо шавад.

Дидаи гул расо шавад,
Чашми расо Худо шавад.
Хушҳунари ҷаҳон ҳама,
Хеши азизи мо шавад.

Ҳар кӣ ҳунаркушо шуда,
Ҳусни Худо баҳо шуда,
Холасаро Нигора бин,
Холаҳаки Зиё шуда.

**ДАВЛАТМАНДИ ХОЛ:**

Гуфтам: Эй кӯҳ, авҷи зина-зинахезит аз куҷост?
Гуфт: – Пурс оҳанги сӯфихези Давлатманди Хол.

**БАРОИ ИСКАНДАРИ ХАТЛОНӢ:**

Умри шабпаймойи миллат машъали дигар наёфт;
Хуни фарзандон раҳи ӯро чароғон кардааст.

## БАРОИ ГУЛРУХСОРИ САФӢ:

Духтаре, ки ду фаришта дар ду китфаш буд,
Орзуи паркашии халқи лутфаш буд.

Дар паноҳи сабзаву гул
Як саҳар хуршедро дар ашки шабнам дид.
Сурати шабнам дили сӯйи замин хам дид,
Дил ба дӯши шабнам афканд,
Шамнаму хуршед ҷар шуд.

Войи дил! – гуфту ба доман шабнами дил чид,
Не каме дил чид;
Сӯйи мардум рафт бо як домани дил,
То шиносад халқ аз ӯ ҷону тани дил.

Лек мардум дид доман, дил надид,
Даст бар доман заду аз дил рамид.
Домане дил зери поҳо пош хӯрд,
Бас даҳан дилро мисоли ош хӯрд.
Пойи бас лағжид рӯйи дил, ба пушт,
Ройи бас лағжид рӯйи дил, ба пушт.

Обро ӯ гуфт: – Дил шав! Дил нашуд,
Нурро ӯ гуфт: – Гил шав! Гил нашуд.
Дилхамири тоза шуд хоки Ватан,
Нони хони мотам-идроки Ватан.
Зери каф молид маҳкам дилхамир,
Ҷойи дилро чид маҳкам дилхамир…
Шабнаме шуд дар кафи поки Ватан,
Шуд гиребони дилаш чоки Ватан…

## КИМИЁ

Ҷаҳоне бо замонҳо кимиёхез,
Замину осмонҳо кимиёзхез.
Ба ҳамройӣ, ки як дил офариданд,
Ба як дил шишта дунё кимиёхез.
Зи дирӯзу зи имрӯзу зи фардо,
Бувад пайванди ҷонҳо кимиёхез.
Зи тифливу ҷавониву зи пирӣ,
Бизояд умри бино кимиёхез.
Ватанро болу пар аз мо бирӯяд,
Ҳунар пар зад гар аз мо кимиёхез.

## БАРОИ МУҲАММАД ҒОИБ

Дарёйи замин куҷост дарёйи дилаш,
Кай рӯйи замин ниҳода по пойи дилаш.
Ӯ ғамсафару шарики армони дил аст,
То бехта шуд зи ишқи дил ҳойи дилаш.

Дарёйи замин, ки сина молад ба замин,
То нони шумо шавад, бинолад ба замин.
Дарёйи Муҳаммад асту побӯсии дил,
То дил ҳама як шавад, биболад ба Замин.

Ду чашми тари ӯ, ки зи як Данғара хост,
Аз данғараҳойи дашти шеър обилапост.

Гар донаву фасли дона як будаву ду,
Ӯ донафишони ҳама рӯзу ҳама ку.

Аз модари хеш то ҷудо афтодаст,
Айём чу модараш бағал накшодаст.
Ӯ мераваду ашки ятимӣ пайи ӯ,
Чун аз паси модараш равон тай-тайи ӯ...

* * *

Ту магӯ, имрӯзи танҳоям,
Бо замин ҳамзоду ҳампоям...
Дон, ки ман пеш аз Замин будам,
Бо Худо ҳамофарин будам.
Баъд аз ин вогӯ, ки мурдан чист?
Дар ду дунё ҳеҷ мурдан нест.
Гирди худ гаштан чӣ дерин аст,
Навшавиро ин худ оин аст.

# ГУЛБАРГҲОИ КАФИ БОД

* * *
Миллати ашкфурӯш
Хуни худ бепул дод.

* * *
Ҳайрони андешаи бодам,
Ки гулро мебӯсаду ба хок меғелад...

* * *
Ҳарфи ӯ аз сайри гардун меравад,
Баҳси ман аз чирки нохун меравад.

**Мавлавӣ:**

* * *
Марди комил дар замири Мавлавӣ
Нест ҷуз Зардушти нури маънавӣ

* * *
Рафт болотар зи Қурон «Маснавӣ»
Лек ку ақле, ки бишносад қавӣ?!

* * *
Шарқу Ғарб? Ин чӣ сухан? Ваҳдати Кайҳон ин ҷост,
Чу Худо сӯйи Худо рӯиши инсон ин ҷост.

* * *
Гар бубинӣ аз нигоҳи маънавӣ,
Навтар аз Иқбол ёбӣ Мавлавӣ.

* * *
Эй Робиаи Балхии ман дар ҳама дунё,
Гармоба шуда бар ту таассуб ба замонҳо.

* * *

Он ки гӯяд: – «Ҳақ манам, танҳо манам!»
Дар ҳубоби хеш зиндоне санам.

* * *

Осмон ҳам об дорад дар ҷигар,
Аз Замин сад тоб дорад дар ҷигар.

* * *

Аз минбари гул илми амал сӯйи фалак бурд,
Мо дар фалаки кинаи худ бесару поем.

* * *

Зи гаҳвора то гӯр тарсондаанд,
Ва дар гӯр ҳам мункаре мондаанд.

* * *

Осмон бо чароғи худ мегашт,
Рӯзу шаб дар суроғи худ мегашт.
Одамӣ бар умеди ин раҳгум,
Мешуморад ҳанӯз худро дум.

* * *

Чунон кушт одамӣ дар хеш инсон,
Ки бӯйи одамӣ ҷӯяд зи ҳайвон.

* * *

Дил гуфт, ки «Хоки Ватанат хуб шиносӣ?»
– Хоке ки ба чашмам задаӣ чун нашиносам?

* * *

Нест хушдил бо зану фарзанди худ
Ифтихори хешии Одам кунанд.

* * *

Бо оби ҷигар хаташ навиштам,
Хандид, ки «нақши рӯйи об аст.»

* * *

Сар то ба пойи олам бутзор шуд аз одам,
Беҳуда бут шикаста бо хуни дил Пароҳим.

* * *

Замон бе замина равон чун хаёл,
На аз ҳаҷр тарсад, на ёди висол.

* * *

Ҳайфи шамшери муғул, ки кунд шуд,
Дар буриданҳои гарданҳои суратҳои мо.

* * *

Шикоят чун зан аз шавҳар кушояд,
Ба сӯйи ошиқи худ дар кушояд.

* * *

Шикоят сӯйи пӯсидан ниҳад хӯ,
Иродат сӯйи рӯидан ниҳад рӯ.

* * *

Зиндагиро содаҳо зоидаанд,
Тарсамаш, мирад зи дасти пухтаҳо.

* * *

Одам оламро кашида бар салиб,
Боз хоҳад зиндагонии наҷиб.

* * *

Саркашон зеботар аз субҳи фурӯғ,
Ногаҳон рафтам дили шоми дурӯғ.

* * *
Подарҳавои танҳо ку дар ҷаҳон чу қонун?
Омаш намешиносад, зӯраш кашад таги по.

* * *
Пирӣ тиллост,
Худро худ натавонад истифода кард.

* * *
Баргҳои зардро меканд боди тирамоҳ
Чун кафи хушки дуои ман зи шохи зиндагӣ.

* * *
Пайғамбаре, ки дин сари шамшер бурдааст,
Аввал Худойро ба дами тир бурдааст.

* * *
Алломашуморони худ аз баҳри мукофот,
Боре биҷаҳед он тарафи наҳри мукофот.

**Ҳамдардие ба Иқбол**

Сад сол биҷӯшондӣ, ин мурда ҳамон бошад,
Дар хуни худӣ хӯрдан худхӯрда ҳамон бошад.

* * *
Бар сари ҷӯши хатар бин қаҳрамони пештоз,
Дар фиреби содаи ҳам қаҳрамон афтода мо.

* * *
Ҳамагӣ зодаи ишқем, ҳама зодаи нур,
Нур бо нур кӣ дидаст, ки зид омаду дур.

* * *
Мардум ба боли хониш парвозгар ба Миррих,

Аз гӯши ҳам фаротар кай мепарида бошем?!

**Барои сӯфии бузурги Ҳинд Ошо**

* * *

То зиндагаре туро чу як Ошо хест,
Сад мурдагари ту бо дусад ғавғо хест.

* * *

Гуфтем зи бедорӣ девонагии нав шуд,
Бедории девона бегонагии нав шуд.

* * *

Кӯҳнашӯи тозаҷӯро дил куҷо озод буд,
Дар дили шаҳри азимат ом Юмгон офарад.

* * *

Сояи теғи Сикандар диду мушакҳои рӯз,
Бо ҳама қудрат наёрад тоби як сӯфӣ ҷаҳон.

* * *

Диниён бинам зи сӯфӣ тарсёб,
Аз сиёсӣ то зиёӣ з-ӯ ба тоб.
Халқи раҳгум чун биёбад рӯҳи пок,
Чун зи як сӯфӣ чи раҳбарҳо қимоб.

* * *

Ояд нафаси кӯдаки шир аз даҳани субҳ,
Хушбӯтар аз ӯ хандаи нозе нашамидам.

* * *

Ин ҷаҳон хӯи ту дорад, тифли ман,
Менавозам, то навозад ӯ туро.

* * *

Тифлон

На танҳо ба ханда,
Ба гиряи озод низ
Ҳуқуқи озод доранд.
Гӯё табиати бузурганд.

* * *

Жандабӯсии мазори душманон,
Жандапӯше кард ҷонро дар бадан.
То биёбиву бибӯсӣ гӯри дил
Хорзори синаро оташ бизан.

* * *

Иқрор низ мардӣ металабад,
На камтар аз синасипарсозӣ барои Ватан.

* * *

Зиндаҳо хомӯш бо ҳам рӯ ба рӯ,
Мурдаҳо ғавғоии тозон ба кӯ.

* * *

Тифли ҳарфи дил баромад боми лаб,
Лағз хӯрду мурд дар тобути гӯш.

* * *

Бесадо пои нигаҳ рӯ сӯи зебоӣ равон,
Пои зебоӣ чунин то синаи мо шуд давон.

* * *

Ҷӯши ишқам дар забону ҷӯши шаҳват дар бадан,
Оламе ҷӯшад ду оташ.
Бӯстони зиндагонӣ
Об аз оташ мехӯрад.

* * *

Як ҷомиа менолад аз бори дурӯғ, аммо
Як дӯш намеёбӣ боре кашад аз як рост.

* * *

Чун чашмаки дар дусӯя бинад дили ман,
Як олами худ дурӯя бинад дили ман.

* * *

Лаззату тарс умри чидаи зан,
Шаҳвату тарс умри дидаи мард.

* * *

Нони хушке аз дари хуршеду маҳ хоҳад,
Зиндагӣ дарвеши раҳгумкардаро монад.

* * *

Аз ишқ водамидӣ, чун нур ворасидӣ,
Якҷо ниҳону пайдо, якрӯ нави кӯҳансӯз.

* * *

Дар чашми ишқ дида ӯ дини зиндагонӣ,
Ҳаргиз надида чашме дине бад-ин фатонӣ.

* * *

Санги осиёи рашк бар одамӣ давон аст,
Магар ин ки орд созад дили гандумии одам.

* * *

Ину онро бишнавӣ ранге садо,
Чун садо яклухт ёбӣ гум садо.

* * *

Ҷанги сарди хона аз сардии зан,
Ҷанги гарми хона аз гармии мард.

* * *

Муфтхору коҳили рӯйи замин,
Зодаи некии заҳматкаш бубин.

* * *

Гули тирхӯрда дидам, дили тифл ёдам омад:
– Чи диле ба тифлии худ зада аз камоли худ тир.

* * *

На Шарқ аз таассуб биёсуду хест,
На Ғарб аз таассуб ба ҷон вошукуфт.

* * *

Зеботар аз ишқи ту дар олам чамане нест,
Хушбӯйтар аз бӯйи танат бӯйи тане нест.

* * *

То биёбӣ хештанро дар замоне зиндапанд
Мурдафанде панд хону мурдапанде зиндафанд.

* * *

Саҳар, ки аз тароватӣ гули шабнамзада
Дилам мешукуфт,
Ногоҳ гул таънаам зад:
– Хабар дорӣ, ки лаби гули дили ёрат,
Бешабнами бӯсаи ту хушкид,
Чунон, ки фарёди шикастанаш ба гӯши ман бирасид?

* * *

Ҳама шарми ҷаҳон бори сарам шуд,
Пайи пӯсиданам дори сарам шуд.

* * *

Чашми шӯхат аз тамошо баста буд дар,
Гӯши ту аз ҷумла ғавғо баста буд дар,
Ҷони ту аз доғи ғамҳо шустушӯ дошт,
Пайкарат бо пайкари ман гуфтугӯ дошт…
Субҳидам оби даҳони танги ҷаннат,
Рӯйи гул дидам чакида…

* * *

Насиҳат зиндагии зиндаро хӯрд,
Ҳама эъҷози дил гӯри сияҳ бурд.

* * *

На ба ҳикмат, на пайи кешам,
Аз пайи зиндагии хешам.

* * *

Корҳое бахри пул шояд хатост,
Ношиноси қадри кор аҳли зиност.

* * *

Чу аз гардун даҳанвоӣ гирифтам,
Замини ишқро вое гирифтам.

* * *

Ҷаҳон зан гашт пиндорӣ, ба сад умр,
На кас фаҳмад, на худ худро биёбад.

* * *

Дар ҳама Кайҳон наёбӣ мурдае,
Ишқ меҷӯшад дар ин болову паст.
Тарси мурдан чист дар дарёи ҷон,
Он кӣ худро нав назояд мурда аст.

* * *

Чун ба кӯҳе такя дорам ман ба таърихи дурӯғ,
Гар фитад, тарсам фитад, ҳам ростӣ пешам бапушт.

* * *

Чанд дурӯғи пушти сар чун лаҷанам барад фурӯ,
Чанд зи гарданам кашад боғи дурӯғи пеши рӯ.

* * *

Лухтаки зиндаи ҷаҳон зиндатар аст дам ба дам,
Бар сари мурда лухтаке умр ба бозиам гузашт.

* * *

Муқаддас китобест олам, ки Қурон,
Шуд охир ба як шарҳи як ояти он.

* * *

То задам дар орзуи пучи луч,
Худ шудам як орзуи лучи пуч.

* * *

Бале, дунё надорад ҷойи холӣ,
Чу доное равад сад аблаҳ ояд.

* * *

Баҳс бо гармии хуршед кунад бӯсаи ишқ,
Лаб чи сард аст чу качкӯл зи бӯси садақа.

* * *

Дар Каъбаи казино
Гардон сақои сарҳо.

* * *

Гӯ ҳадисе мурдатар сӯи ҳадиси мурдае,
Мурдаи гӯри сухан то файласуф хонад туро.

* * *

Хандидӣ:
– Аз сардии оҳе, ки кашидӣ,
Зимистонро дар ҳути кампиркуш
Сармо зад!

Хандидам:

– Бигзор!
Аз гармии нафасат,
Зимистони сармозада баҳор мезояд.

* * *

Пари маънӣ шикаста дар суханҳо,
Суханкуш аз луғат дорад кафанҳо.

* * *

Қаҳрамонҳои асарҳо устухону решаанд,
Қаҳрамони мурдае хоншон, ки беандешаанд.

* * *

Нашавад ростии мо сари ин пояи паст
Ки дурӯғи дигарон ростии мо бихӯрад.

* * *

Сӯйи дил кӯрӣ дошт,
Камбағалзӯрӣ дошт.

* * *

Таърих карда тороҷ омад сари бузургон,
Аз ғорати заминҳо омад сари забонҳо.

* * *

Ҷумлаи паямбарону бузургон
Бисёр ҷон ба гарав заданд,
То бузургии Худоро
Ба Худо шиносонанд,
Асаре напазируфт,
Зеро Худо «ман» надошт...

* * *

Хатоҷӯӣ макун дар куштани ман,
Намирад то Худо ман ҳам намирам.

**Барои Гулчеҳра Содиқова**

Як чеҳраи Гул бубину ин бори Фалак
Аз чеҳраи гул шукуфта бин кори фалак.
То чанд кашӣ нола ту аз дори фалак,
Чун тори кафаш маст шав аз тори фалак.

* * *

Пайравон худкушони худ бошанд,
Душмани рӯҳу ҷони худ бошанд

* * *

Лаъли анорхӯрдааш ваъдаи бӯса медиҳад,
Медиҳадам ба ваъдаҷо ашки анорхӯрдаро.

* * *

Замину осмон дар ҷӯши шаҳват,
Чи сар хоҳад бигирад дар итоат?

**Муқаддас:**

Гар гулӯшӯи гул омад офу об,
Шӯяд овозат гулӯи офтоб.

**Хурмо:**

Аз гулӯи гул ба гардун пар бубаст,
Дар гулӯи нур овозат нишаст.

**Тоҷиддин:**

Даҳони гул кушод об аз садоят,
Гумон бурданд шабнам рӯи гул рехт.

* * *

Гуфта будам, ки шавам шаҳрию як шаҳри тафаккур,
Шаҳр аз пунбазиёӣ, нигарам, саҳроест.
Мезанам боз каланди қалами деҳқонӣ,
Вақти об аст ба мағз, оби сафо пайдо нест.

* * *

Панҷа бар ожанги рӯ молид,
Гӯри ҳусни мурдаро нолид.

* * *

Аз ҷисми ту то ишқи ту роҳи сафедам мебарад,
Наврӯзи нурам мекашад, рӯъёи идам мебарад.

* * *

Хубон чи зиёданд, вале шуллазада,
Бадхӯ чи каме, лек аҷаб шӯълазада.

* * *

Бишкуфад то хуни ранги зиндагӣ,
Гул бирӯёнам зи санги зиндагӣ.

* * *

Зи бешавҳарӣ ҷонаш оташ гирифт,
Ки бо ҳар кӣ дар хона буд, ғаш гирифт.

* * *

Одам шудани маймун афсонамиҷоз омад,
Маймун шудани одам дар дида фароз омад.

* * *

Танаш аз дил, дилаш аз тан бинозад,
Кӣ дида зан зи ҳусни зан бинозад.

* * *

Оби дунё лой шуд,
Моҳиён дигар куҷо?
Ҳам наҳангон кӯр монда,
Эй Аноҳид,
Шустушӯи обро чашме кушо…

* * *

Ишқҳо дорам зи дунёи дурӯғ,
Рост мегирад аз ин гулхан фурӯғ.

* * *

Гуфтам:
– Дидӣ, ки аз ҷӯши шавқ гул шукуфт.
Гуфт:
– Надидӣ, ки як даҳан хандид
Ва бо як ханда хазонро ба доман чид.
Гуфтам:
– Кадом хор начид?

* * *

Хамӯшӣ на даҳан дорад на шикам,
Вале ҳамаро бо ғавғоҳошон фурӯ мебарад.
Ва на мебинияш, на мешунавияш.

* * *

Ҳар сол
Танҳоӣ ва хомӯшии дарахтҳо
Мева мешаванд,
Ва дарси сӯфӣ медиҳанд.

* * *

Гулҳо
Хандаи поки худро
Танҳо ба тифлон тӯҳфа меоранд.

* * *

Мо миллати ихтиёри бодем,
Бо иллати ихтиёри бодем.
Ҳар бодзане, ки домане зад,
Чун бод ба ҷони худ фитодем.

* * *

Ман гаравидаи дини гулам,
Ки аз бӯи намозаш
Димоғам мешукуфад,
Ва аз шукуфтани дасти дуояш,
Дилам.

* * *

Эй худои орзуҳои биҳишт
Пойи озодӣ бибӯс.
Пойи озодӣ, ки бӯсидан нашуд,
Ҷойи озодӣ бибӯс.
Ғуломи озодӣ будан оё озодист?

* * *

Чи солҳост, ки хуршед мегӯяд:
– Зиндагӣ нур аст!
Замин мепазираду он чи бар ӯст,
Ба ҷуз одам, ки тарс аз зулмати худ хӯрда.

* * *

Ҳар ниҳоли ширин,
Аз андешаи ту рӯида,
Ҳар талхмевае
Аз ёваҳои ман.

* * *

Зиндагӣ сахт, ки шуд нарм даро,
Каме аз хорасанги шарм баро.

Бағали ёр агар ки сард шавад,
Бағали Хоҷа Обигарм даро.

* * *

Агар бар хеш меоӣ паямбар боз мезоӣ,
Чи ҷойи ҷони пайғамбар Худо аз худ бадар оӣ,
Ҷаҳон сӯйи ту метозад, ки тозии замон созад,
Ту чун бар хеш метозӣ чу тозии ҷаҳонхое.
Сари озодиӣ аммо ғуломиро чаро поӣ
Аё момои озодӣ чаро ту банда мезоӣ?

* * *

Ҳангосзанист гар нишони ислом,
Хар аз ту баландтар занад ҳангос,
Нолидан агар нишони ирфон аст
Беш аз ту басе магас занад ғингос.

* * *

Ҳадиси худшиносӣ халқсӯз аст,
Чу сӯфии ту бо ту дар ту Зиндон.
Чу зарпечак ғамат береша аз дил,
Вале шодӣ чу гул мехезад аз ҷон.

* * *

Пойи ман афтодаи доми сарам,
Доми сар вомондаи хоми сарам.
Дасти дил бишкаст сад зиндони сард
Дил наметонад шикаст оми сарам.

* * *

«Зи хурдон хато в-аз бузургон ато»,
Бигуфтанду дорам дар ин гап гумон;
Набахшид боре ҷаҳони бузург
Хатои мани зарраи содаҷон.

* * *

Аз лаби ман то лаби ту
Як биҳишти нозанин роҳ аст;
Гар зи дӯзахзори ҳасрат раста оям ман.
Ту зи аърофи гумонҳо ҷаста боз ой...

* * *

Забони гуфтугӯи дил куҷо шуд,
Ки чун боли магас лаб мезанад пар.
Забони дил ба нур омӯзад оҳанг,
Забони лаб кунад гӯши Замин кар.

* * *

Ишқҳо меҷӯшад ин ҷо бесухан,
То заминро ҳам ба гуфтор оварад.
Тарҷумони худ бигирад офтоб,
То ҷаҳонро якзабон бор оварад.

* * *

Беҳтарин сӯҳбати дунё, ки шудӣ,
Беҳтарин гӯш манам.
Беҳин андешаи боло, ки шудӣ,
Сари хомӯш манам.
Ишқи болотар аз уқбо, ки шудӣ,
Дили дар ҷӯш манам.

* * *

Бо туам рӯи кафи рӯз,
Зери поҳои шабам бе ту.

* * *

Рӯз шуд пироҳани ту.
То намонам урён,
Ҷомаи худ кардаам шабро.

* * *

Ҳар кӣ андар дидаи кӯдак Худоро дидааст,
Зиндаи нури Худо ҳар ҷо ба дунё дидааст.
То худобинӣ ба чашми кӯдакон раҳ дур нест,
Бинад он ки дил даруни субҳи зебо дидааст.

* * *

Ту нахуст ошиқи худ шав, ки шавам ошиқи ту,
Лоиқи ҳусни дилат шав, ки шавам лоиқи ту.
Хешро гум чӣ кунӣ дар талаби сидқи касон,
Сидқи худ кун, ки ҷаҳон пур шавад аз содиқи ту.

* * *

Чунки Кайҳонро фарогирем,
Кай зи худ худро ҷудо гирем.
Ин кабириву сағирӣ чист?
Мо, ки худ нури Худогирем.

**Харитаи Тоҷикистон:**
Гулбарги харитачидаро монӣ,
Оҳуи зи ҷо ҷаҳидаро монӣ.

* * *

Эй ки аз пайхор[7] дуде то димоғат бурдаӣ,
Пуфи зулмат ҷониби ақли чароғат бурдаӣ,

* * *

Ду нафар насиҳат мекард:
Яке беҳунари коҳил
Дигаре бе хиради танбал.
Бехиради беҳунарҳое шунавандаи он ду буданд,
Хушхираду ҳунар даруни хирад гум буду даруни
ҳунар…

* * *

[7] Пайхор-героин.

Забонхону забондонам, забонрону забонбонам,
Забонаш дар даҳон, аммо намедонам забонашро.
Ҷаҳондору ҷаҳонёрам, ҷаҳонкору ҷаҳонсорам,
Ҷаҳонбахшу ҷаҳоннақшам, намефаҳмам ҷаҳонашро.

* * *

Умри ман ҳамсоли ман буд,
Зиндагӣ ҳамсоли ту,
Моли хоми зиндагӣ ман,
Зиндагонӣ моли ту…

* * *

Ғайрати Носир занад наъра зи Юмгон ҳанӯз,
Ҳар вараќи Занди кӯҳ хонда ба рустан маро.

* * *

Ҳосили ҳикмати дунё ба Худо пайвандад,
Мо яке ҳикмати ӯему ба худ вонарасем.

* * *

Гирифтам олами тасвирро дар чашми оятҳо,
Зи дунёи шикоятҳо ба домони ривоятҳо.

* * *

Ислом, ки аз решаи мо об гирифт,
Аз реша фаромӯшу ба барг об занад.

* * *

Дарёии халқ чун шиносӣ,
Дарё нашавӣ яке палосӣ.

* * *

Ишқ то аз ман нигаҳ бардошта,
Хоки мурда зери каҳ бигзошта.

* * *

Ин хоҷасароёни талабгори ҳама,
Тобанд ба дида гул, вале хори ҳама.

* * *

Мураккабро ҷаҳонхоре чу шуд ном,
Чӣ хонӣ сода ошиқро ба дашном.

* * *

Ҷуз мутаассиб нашуд ҳосили пайғамбарон,
Мурда ба худ бурдаанд оинаи дини худ.

* * *

Дидем басе, ки туф сари гул фиканананд,
Кас дид, ки гул низ ба кас туф бизанад?

* * *

Ғарб ба соҳат давид, Шарқ ба жарфо кашид,
Оқибаташ бингарӣ соҳату умқи якест.

* * *

Аз дидаи худ гар биканӣ холи таассуб,
Рӯшан бишавад: – Кундаи раҳ ғайри ту кас нест.

* * *

Ба китобхонаи дил бидарову хон китобе,
Ки фаришта низ ояд пеши ту намозхонӣ.

* * *

Чу худро биёбӣ хушунат гум аст,
Чу аз худ буруни, хушунат туӣ.

* * *

Дине, ки на дар шукуфтани мост,
Ғоратгари рӯҳи бефани мост.

* * *

Чун Замини кӯдакистон пур шуд аз тифлони пир,
Кӯдаки ояндаро гӯ: – Навбати оянда гир.
* * *
Аз мағалҳои гарони кӯдакони мӯсафед,
Кӯдаки гаҳвораи оянда меларзад чу бед.

* * *
Тарси ту дӯзахкушое зери по
Шаҳватат фирдавсзое дар само.

* * *
Гар даҳон гардад саросар осмон,
Кай биғунҷад ростӣ дар он даҳон.

* * *
Мурдаҳои зиндахӯр афзуду афзун зиндаҳои мурдахӯр,
Ин заминро метавон гуфтан сарои мурдахӯр.

* * *
Зиндазори дил агар бо чашми мурда бингарам,
Аз биҳишти зиндаи худ сӯйи дӯзах мепарам.

* * *
Ба зиндони паямбарҳо чунон хобидаанд афзун,
Ки модарзода кӯр оянд олимҳояшон берун.

* * *
Мурдадилҳо зиндагиро баски дӯзах дидаанд,
Мурдаи худро чу дӯзах сар-сари раҳ чидаанд.

* * *
Тафаккур чун ба зиндони маҳал мурд,
Бигӯ: – Дар мабраз ин кирми касал мурд.

* * *

Дил бар маҳали хеш фишонад рӯбоҳ,
Мурғ аз маҳали дигар кашонад рӯбоҳ.

* * *

Ҳар ду олам шуд ба яктан ростӣ,
Аз даруни ростӣ бархостӣ.

* * *

Ҷаҳон дар ман асту ман андар ҷаҳон,
Ҷаҳон дам ба дам нав, чаро ман куҳан?

* * *

Гули зиндагонӣ бибӯву бирав
Гуле то бибӯяд гуле шав зи нав.

* * *

Чашми нози нигаҳи имрӯзӣ,
Чанд бо хоки куҳан месӯзӣ.

* * *

Таассуб чун бубинад чеҳраи нав,
Ки буда кӯри модарзоди якрав?

* * *

Аз нафарҳои бузург омад сафарҳои бузург,
Зинахун кай мебарад то зинафарҳои бузург.

* * *

Бо гул урёни дарунобод зӣ,
Чун Замину Осмон озод зӣ.

* * *

Ба сайёразоӣ фалак чид гард,
Пайи зодани ман Замин чид дард.

* * *

Ин ҳама ғавғойи Замину Замон,
Нест ба ҷуз ғиж-ғижи як чархи чарх.

* * *

Ногоҳ Замин таркаду резад чу нафас,
Бар гӯши фалак нест ба ҷуз ғинги магас.

* * *

Чу хуршедхӯӣ биёмӯзамат,
Бубояд чу хуршед ҳам сӯзамат.

* * *

Маҳбаси сад тарс ба дил зодаам,
Рӯшании умр зи каф додаам.

* * *

Ношиноси хубии зан зан занад,
Хештанро бадтар аз душман занад.

* * *

Ҳазорон сол шуд, ки аз дари хун,
Худамро мекашам аз хеш берун.

* * *

Ҳар шаб маро маҳ мехӯрад, хуршед мезояд саҳар,
Ноҳақ замини ширдеҳ манхори худ пиндоштам.

* * *

То чун даҳони гардун шуд бесухан даҳонам,
Мисли ситора мардум аз ман гурез доранд.

* * *

Ман ба се бурҷи накӯӣ тохтам,
Дар бади шаш бурҷ худро бохтам.

* * *

Ин худотарсони дӯзахрӯйи халқ,
Аз таассуб зода дӯзах сӯйи халқ.

* * *

То чу афғон мондайӣ зиндони ҳис,
Кай Худоро дидайӣ дар ҷони ҳис.

* * *

Баски чун нур дарахте шудаам сар ба фалак,
Дӯстони хасакӣ рехта чун тути хасак.

* * *

Ҳеҷ кас чун мо нашуд ғозии дин,
Дигарон динбозу мо бозии дин.

* * *

Дар биёбони сари хеш гумам,
Лаби дарёи дили худ ғарқа.

* * *

Камоли маърифат дунёпазир аст,
Ки ҳам поёну ҳам болопазир аст.

* * *

Кунанд одоби қаҳба суннати ом,
Вале одоби навҷӯӣ таҳи гом.

* * *

Фарзанди бузурги офтобам,
Ин ҷой думомаде битобам.

* * *

Кай шиносӣ нав набинӣ кӯҳнагии хешро
Кай чу гул аз чашм чинӣ кӯҳнагии хешро.

* * *

Дигарон ҷосуси мо, мо низ ҷосуси худем,
То куҷо беҳудасӯзи ҷони номуси худем.

* * *

Замин ҳам нусхабардори фалакҳост,
Чи гулҳо офтобу моҳсимост.

* * *

Мебарам бори замину осмон,
Боргар гӯяд, ки кам бардоштам.

* * *

Бигардонед занҳоро ба занҳо,
Ки шояд мардҳои мард зоянд.

* * *

Ҷаҳон хундори худ монад ҳамеша,
Зи худхорӣ гирифта реша пеша.

* * *

Дар мағзи хок дидӣ пӯсидани тамаддун,
Аз мағзи хеш бифкан пӯсидаи таассуб.

* * *

То пайи инкори худӣ зистам,
Ҷуз ба худӣ душмани ҷон нестам.

* * *

Меҳр! – гуфтам ба ҷаҳон, Ҷаҳл! – ҷавобам доданд,
Гӯиё ман ҳама дил, халқи ҷаҳон буд сарам.

* * *

Ҳарфи ноби зиндаи дил чун бадар шуд аз лабам
Мефитад чун мурдаи садсола дар тобути гӯш.

* * *

Бар хеш сачда орам гӯянд номусулмон,
Бар ғайр сачда орам гӯянд марди имон.

* * *

Зи расми мурдаи даврони кӯҳна,
Сари ман шуд мазористони кӯҳна.

* * *

Чашми кӯру танги дунёношинос,
Пора-пора кард дунё чун палос.

* * *

Замин аз ишқ меҷӯшад чу гулхан,
Нигар бар шӯълазори боғу гулшан.

* * *

Чашми шаҳват ҳар чи омад бозтар
Кори ҳис омад ба дунё созтар.

* * *

Мезанад болову поён чархи маст,
Ишқ дар ҳангомахезии худ аст.

* * *

Ман таҷрибанодидаи як умри дарозам,
Пистонмаки пандам, ки ба гаҳвораи бозам.

* * *

Ҳайрати дин бозгашт аз остон,
Ҳайрати ман бишканад ҳафт осмон.

* * *

Дидему гузаштем ҷаҳонро сари роҳӣ,
Хушбӯтар аз ӯ ғайри ҷавонӣ гули тар нест.

* * *

Устоди насиҳатем дар рӯйи ҷаҳон,
Дар хона насиҳатгари мо фарзандон.

* * *

Ҷаҳон чеҳра пинҳон гирифт аз ҷаҳон,
Набинӣ дар олам ба ҷуз рӯйи худ.

* * *

Ҷаҳонпечидатар аз худ надидам,
Зи худ ғеҷидатар аз худ надидам.

* * *

Ҷаҳон дар хеш зад он гуна хӯяш,
Ки чун хӯяш ниҳон афтод бӯяш.

* * *

Имонфурӯшро чи ҳақи эътирози мо,
Аз танфурӯши кӯчаву дар боядаш ҳаё.

* * *

Гӯсолагии моро донад замини гавшох[8],
Хомӯш медиҳад шир, оё ки гов гардем.

* * *

Ба ҳабси як-ду рӯза сад таку дав,
Ба зиндони таассуб шоду хушрав.
Зи зиндони таассуб гар биронӣ,
Бихезад бар сари ту ҷонситонӣ.

* * *

Тамаддун буд ҳамқадди нигоҳам,
Таассуб гом зад аз арш боло.

* * *

---

[8] Киноя ба ривояте, ки гӯё Замин сари шохи гов меистода.

Ғалламусе гуфт аз рӯҳи баланд,
Хандаҳо афтод дар кӯҳи баланд.

* * *

Мастез, фалак, беш аз ин бар сари ман,
К-ин кишвари ман зи кӯҳ дандон дорад.

* * *

Як ҳуҷайра дар Худоям ноаён,
Мухтасар шуд ҳар чӣ нуре мешавад.

* * *

Беҳтар аз гул ҳеҷ кас нашнохт ишқ,
Беҳтар аз хуршед нашносид кас бурҷи дилаш.

* * *

Офтоб аз санг гулрӯён расид,
Аз гули дил сангрӯён омадам.

* * *

Ҳавас шудгорҳо зад олами ишқ,
Ҷаҳони ишқ дашти Карбало шуд.

* * *

Бозори орзуи мо осмон гирифта
Мардум ҳунархаранду мо орзуфурӯшем.

* * *

Кашокашҳо сари бозори дунё,
Гирифтанд ошиқонро бори дунё.

* * *

Ту бедандон магӯ дарёи кӯҳӣ,
Забонаш ҳам пури дандони мавҷ аст.

* * *

Ишқ омад посбони мо, вале
Посбонро мо ҳаво пиндоштем.

* * *

Саропои ҷаҳон фарёди ишқ аст,
Фалак гӯше барои доди ишқ аст.

* * *

Дар хона ғавғо то фалак,
Берун ҳама моҳу малак.

* * *

Тангии даҳонат ҳаваси дони анор аст,
То хурд шавад хуфтаи зиндони анор аст.

* * *

Он нур, ки меҷӯӣ дар синаи ту пинҳон,
Зулмат, ки ҳаметарсӣ дар кинаи ту пинҳон.

* * *

Ҷаҳон сад бор қисмат мешавад, лек,
Насиби мо ба ҷуз мушту лагад нест?

* * *

Чу дӯзах рӯ зад аз мағзи таассуб,
Биҳишт андар забони шоирон руст.

* * *

То меҳр наҷӯшад бағали дил накушояд,
Ин баргнавозон хабар аз реша надоранд.

* * *

Зиндагӣ чун наъраҳои шер шуд,
Фалсафа аз фалсафа дилгир шуд.

* * *

Аз бало чӣ тарсонӣ чун на аз Худо хезад,
Гар на аз ману аз ту, аз куҷо бало хезад.

* * *

Эй ҳама олам даруни ҳақ чу гард,
Ҳақ бишав, дигар ба гирди ҳақ магард.

* * *

Эй монда дар иҳота монанди Тоҷикистон,
Тарсам, ки ҳазм гардӣ чун панди Тоҷикистон.

* * *

Ба чашмеву абру тавон ҷанг дохт,
Ба ҷон кандан, аммо, тавон сулҳ сохт.

* * *

Аз гиряи ман хандаи ту тозаву тар шуд,
Ҳайрони гули дил шудаму селпарастиш.

* * *

Аз худу аз ҷумла берун, дар Худоям андарун,
Дар Худо ҳар кас ки бошад дину дӯзах мурдахун.

* * *

Миллати ман баски сӯфимашраб аст,
Ҳарфи савдоӣ барояш мактаб аст.

* * *

Худоро чу худ чун гадо сохтам,
Биҳишти дарун бар гадо бохтам.

* * *

Болойии фалакҳо жарфойии ман омад,
Ғарқидан андарунам омад фалаксаворӣ.

* * *

Онҳо, ки худобозанд, бо номи Худо созанд,
Онҳо, ки Худоёранд аз илму ҳунар нозанд.

* * *

Ғайри ман дунё набуду ғайри ман дине набуд,
Ҳарчӣ аз берун дарун бурдам дурӯғу кина буд.

* * *

Олам, ки ҳама ба гуфтугӯ гарм тапид,
Фаҳмидани ҳам ба хотири кас нарасид.

* * *

Олам ҳама варзиши дурӯғ омӯзад,
Бошад, ки фитад ба боғи фирдавси дурӯғ.

* * *

Дар фалак оворатар аз ман Замин,
Гӯиё ҷон омадам ман, тан –Замин.

* * *

Ин Худокушҳо, ки манро куштаанд,
Пеш аз ман хештанро куштаанд.

* * *

Аз хокзанӣ задем дар хок,
Мондем зи хешу хоку афлок.

* * *

Тарсат зи дарун рӯйи фалак зод Худо,
Тарсат зи бурун зод Худо аз авбош.

* * *

Бишӯӣ ҳар қадар ғаждии кина,
Муҳаббат он қадар ҷӯшад ба сина.

* * *

То панаҳ ёбад ба чашми гову баргу обу кӯҳ,
Дӯш ирфон аз нигоҳи ман гурезон шуд чу нур.

* * *

Поктарин шоҳи ҷаҳон аст тифл,
Гиряи ӯ ҳукми ҳаёти замин.

* * *

Ҳар субҳ офтоб диҳад ханда ёду ман,
Бе хандаҳои чашми шабат бесаводи ханд.

* * *

Гурбае бо силае аз синаам пай бурду лек,
Дар канорам хуфтаӣ умре, набурда пай дилам.

* * *

Фиғони мард аз занҳои сард аст,
Зани сард аз куҷо зан, сарддард аст.

* * *

Ба вақти гирифтан даҳан аждаҳоӣ,
Ба ҳангоми додан кафе мӯрпоӣ.

* * *

Олам ҳама пур зи нур, аммо,
Ку чашм, ки бинаду шиносад.

* * *

Нуре, ки ба сӯи ту давад рост, сафед аст,
Нуре, ки гузар кач кунад аз чашм, сиёҳ аст.

* * *

Донӣ ту, ки ман рост ба сӯйи ту равонам,
Бар чашми паямбар сияҳам гарчи, савоб аст.

* * *

Аз «бади» худ хам задан шаст фикандан ба худ,
Боди биёбондавӣ моҳии зар кай кашӣ.

* * *

Замин оташандозу афлок тир,
Миёни ду авбош дарёбу гир.

* * *

Ҷаҳон аз худпарастӣ шуд балохӯ,
Вагарна нозанинтар аз ҷаҳон ку?

* * *

Хамӯширо ба покӣ мон ба мизон,
Тарозу ларзад аз ҳайрат чу мизон.

* * *

То туро дидам ба чанги дил задам,
Аз бурун бар душмани дохил задам.

* * *

Аз ҳар даре, ки роҳ кашӣ сӯйи хомушист,
Ҷӯши хирад биҳишти ҳунар хомушона ёфт.

* * *

Гаҳ аз инсон чи ҳайвон созад одам,
Гаҳ аз ҳайвон чи Яздон созад одам.

* * *

Мағзи ҳарҷопари ман ҳеҷ маро рӯз надод,
То гули нури ту дар боғи дилам ноз нарехт.

* * *

Ман, ки аз хеш холиям бе ту,
Чун нигоҳи хаёлиам бе ту.

* * *

Гӯянд, ки бе одам корат набарад сомон,
Аммо, чӣ кунам ин ҷо одам, ки намебинам.

* * *

Беди Маҷнунро ба бебории чӣ шармаш медиҳӣ,
Меваи садбаҳра дорад аз беҳин ошиқ ба бар.

* * *

Дӯст медорам ҷаҳону халқи олам баҳри ту,
Гар набудӣ халқу олам чун туе кай омадӣ.

* * *

Туро бо ин фалак ҳангомае чист,
Замин худ ин фалакро гарди гӯш аст.

* * *

Зишт мегӯӣ ҷаҳони нозанин, эй мурдадил,
Хешро, боре бигӯ, зебойи олам кардаӣ?

* * *

Куфру дин нест сиёсат ин ҷост,
Омро дидаи ғорат ин ҷост.

* * *

Чу об медавонадам ҳавои бӯсаҳои ту,
Тапиш ба хок афканам зи нори лабчарои ту.

* * *

Ба доман оташ асту синакӯбон меравад чун об,
Занад бар чашми ишқам хоки дил, ки нест ғайри бод.

* * *

Замину осмон гӯяд зи зиндон,
Зи озодӣ «Шукуфтан!» хонда Наврӯз.

* * *

Худоят зинда зода то ҷаҳонро зиндатар дорӣ,
Ҷаҳонро то кунад зиндон заифӣ аз ту зиндон сохт.

* * *

Як раҳ назода худро сад қаҳрамон бизоянд,
Шояд ба хешзойӣ з-ин раҳ даре кушоянд.

* * *

Ба барфи раҳ билағзӣ зуд хезӣ,
Ба барфи сар билағзӣ дуд хезӣ.

* * *

Чи рустамҳо, ки пушту шонаҳошон,
Зи бори нози як зан варшикаста.

* * *

Дар домани гул духтари бӯяш ба чи нозест,
Хунмасту майи дил ба даҳан, ҷома намозист.

* * *

Зебоии ту омад ҳамқадди покии тифл,
Ширинии нигоҳат чун қанди лафзи кӯдак.

* * *

Дармондагони Ҳофиз оред рӯ ба мо низ,
Зардуштро бихонад Исо намози аввал.

* * *

Намози мурда хонӣ гар дусад сол,
Нагирад ҷойи як оҳи сари ҳол.

* * *

Дар ҷавонӣ зад ба гардун боди сар умри маро,
Рӯзи пирӣ то ба гӯри тар барад боди шикам.

* * *

Балхиён чун нурафрӯзӣ кунанд,
Олами шабпӯшро рӯзе кунанд.

* * *

Ҷаҳон ҷӯгиву бар ҷӯгӣ бихандад,
Чӣ ҷӯгие Худоро дида ҷӯгӣ.

* * *

Чи сангин хешзоӣ дар ҷаҳолат,
Ки шамшер оварад пайғамбараш низ.

* * *

Ту аз мулки ҳимоят дар ҳимоят,
Ман аз дори ривоят дар ривоят.

* * *

Сарҳо ба сарқонун давон,
Поҳо ба поқонун равон.

* * *

Гуфт Буддо: – «Ту сари хеш сари дори Худо хор макун!»
Мағзи худ мо ба дили тобаи рег афкандем.

* * *

Ҳар киро бардоштам бар сар замингирам намуд,
Дӯстони ман ҳама чун бодаи сахт омада.

* * *

Бар хеш чӣ гириӣ зи бурун бо лаби сад кин,
Дар хеш даро, бо ду ҷаҳон ханда барой.

* * *

Дар диле, ки ишқ бозоре накард,
Зиндагӣ бехуд мазоре меканад.
* * *

Ҳазор авбош афтода қабулаш,
Ба як шоир дусад туршии нӯлаш.

* * *

Сад ғалат дар пеши чашмам ҷилваноз,
Ман хатоҷӯйи дусад соли маҷоз.

* * *

Ҷаҳон хони Симурғ омад маро,
Ки ҳамҷони Симурғ омад маро.

* * *

Дар навори чашми ман дӯзах бубинад ҳусни ту,
Мегазад ангушти оташ пеши пои сабри ман.

* * *

Дӯшизаи афсонаҳо будӣ,
Нутфаи андеша дар батни мағзи ту рехтам,
Ба ҷои зебоии саломи офариниш
Деви сиёҳи кина зоидӣ
Афсӯси гавҳари падарӣ гуфтам...

* * *

Шишаат ҷоми диламро нӯшид,
Гул саҳар шабнами мастӣ бардошт.

* * *

Шеър бод шуд,
Хонанда бодхон
Тафсир бодпарак...

* * *

Хезоби ҳодиса ба фалак дакка мезанад
Гирдобвор мо ба яке по ситодаем.

* * *

Якподавӣ омӯхт қалам бӯсаи ҳарфат,
Тай-тайзани тифли лаби ман қанди лабат буд...

* * *

Шаҳрҳо курк шуданд,
Курки онҳо накушод ашки равони модар.
Ба сари тухми тафаккур бинишонед саҳар...

* * *

Дидам лабатро рашкам фурӯ мурд,
Дандон шикастам дар ҷоми лола.

* * *

Миллате саг хӯрда заҳмат мекашад аз баҳри умр,
Миллати ман лошаи саг шуд барои умри саг.

* * *

Гуле ки барои бӯсаи хуршед лаб кушод
Аз бӯсаи ту армон шикаст.

* * *

Ҷуз шаби Ялдо намепурсид дил,
Аз дили мо камнамотар будаӣ.

* * *

Ту мерафтиву хуршеди шафақпӯш аз замин мехест,
Бад-он шарме, чаро мисли замин дар зери поят нест!

* * *

Ҷумла олам зиндаву ширин ба рӯҳ,
Лек одам аз ғами тан дар сутӯҳ.

* * *

Одамшиканӣ хандабарангез ҷаҳонро,
Аз бутшиканӣ хашми ҷаҳонхез замонро.
* * *

Эй зи фурӯғ мурдаву мурда кашида бо дурӯғ,
Мурдаи ту намешавад пилтачароғи як фурӯғ.

* * *

Ақлам заду дил, ҷигар кашидам,
Ғоратшудагон чӣ тӯҳфа оранд?!

* * *

Бин, ки бесӯён чи тансӯ медаванд,
Аз ҳама сӯҳо даҳансӯ медаванд.

* * *

Хуни имрӯз дар соҳати Иттифоқ рехта
Дар набзи Замин ба ҳайрат садо мезанад:
– Гӯё 70 сол на иттифоқи инсонҳо,
Иттифоқи шайтонҳо буда.

* * *

Ҷосуси худу ғуломи ҷосуси касон,
Бифрӯхт Ватан ба дуллару бӯси касон.

* * *

Ту лаб бар гап кушо ман бӯса бар лаб
Чу лаб бар лаб расад дунё шавад хап.

* * *

Ангушти ҳайрат мегазам чун гул сари гулзорҳо
Ангушти хунини Худо дар чанги мушти хорҳо.

* * *

Биҳишти ишқ дар дилҳо кушоданд,
Калидаш бӯсаи лабҳо ниҳоданд.

* * *

Дӯш ба дӯш мебаранд фалсафаҳои мурдаро,
Ишқ куҷо шунида буд мурдаи зиндахӯрдаро.

* * *

Лабаш хандид чун чоки гиребон,
Забон дил зад, ки урёнтар зи оҳам.

* * *

Ҳангомаам ба хок на ҳамгомаи ман аст,
Ободии Замин ба фалак номаи ман аст.

* * *

Ҷавоне ба чанор мегуфт:
– Хулосаи замин туйӣ
Хулосаи таърих манам.
Духтаре ба гул мегуфт:
– Хулосаи зебойӣ туйӣ,
Хулосаи ишқ манам.
Нур ба борон гуфт:
Хулосаҳоро бирӯён,
Ки бӯйи пажмурдан надиҳад.

* * *

Ману авбош бародарем
Ва ҳарду урёнгарем:
Ман дунёро пеши ақл урён мекунам,
Ӯ ақлро пеши дунё.
Ба якрӯӣ ҳар ду ғалатварем…

* * *

Замин яке китобхонаи ишқ аст,
Дар китобхона сӯҳбат ба чашму абрӯ беҳ.

* * *

Даҳани мо шуда во пештар аз дидаи мо
Ширҷӯему ба хун модари ғарқидаи мо.

* * *

Шеъре, ки қабули ом афтод
Аз гӯшаи боми ном афтод.

* * *

Сад забони халқҳо омӯхтем
Бе забони ақл худро сӯхтем.

* * *

Зиндагиҷӯ мо зи ҷилди ҳар китоб
Зиндагӣ аз зиндагонӣ зиндаёб.

* * *

Тафаккури гул бодро гарон омад,
Сари ҳар қадам бинӣ ба замин месуд.

* * *

Бод ҳарчанд ба паҳлӯи гул лагад зад,
Андешаи шукуфоӣ ва атрзоӣ
Аз сари ӯ берун кардан натавонист.

* * *

Хуршед бар тафаккури гул шарҳи нур дод,
Шабнам ба баҳс ҷониби хуршед пар кушод.

* * *

Хуршед буд кулоҳи сари сермӯйи ман,
Бисёр танг буд.
Додам ба осмон, ки бипӯшад сари калаш.

* * *

Ман аз миёни ҳизбҳои асри хораам,
Чу Гулливер зи шаҳри лелепутҳо
Гузораам.

* * *

Абре,ки ба тасхири офтоб хеста буд,
Пеш-пеши лагади бод гиря мекард.

* * *

Сӯи мардум гӯиё
Зиндагӣ гум карда буд сӯ,
Сӯи худ хонданд соҳибминбарон бесӯ,
Ҷумла часпиданд сӯи зиндагонӣ,
Аз гиребонаш кашиданд:
– «Нест сӯи зиндагӣ он сӯ!
Биё ин сӯ!»

Зиндагӣ лабханди талхе зад,
Як даҳан хун афканиду гуфт:
– «Ин сӯ низ сӯйи зиндагист!»

* * *

Худоё, ин ҳама ҳазораҳо
Хуне, ки туро нашинохта, барои ту мерезанд,
Ба гардани кист?

* * *

Майро ба номи хуни Худо дам кашидаанд,
Хуни Худо ба ҷоми риё дам кашидаанд.
Гуфтам, ки май чу хуни туи аз гумон тиҳист,
Дил, ки ба бӯи ишқи ту хун аст, хуни кист?
Хуни ту гар ба дасти расул оби бозӣ аст,
Хуни маро гурез кай аз турктозӣ аст?

* * *

Ақл падар омад
Дил модар,
Пиндору гуфтору кирдор фарзандон.
Ақл агар бангӣ шуд,
Ё дил русабӣ
Фарзандон, лоҷарам ё зиндаятиманд,
Ё сарироҳӣ.
Бохтар падар омад,
Суғд модар,
Ва ориё ҳама ҷигарбандон.

* * *

Эҳсосро метавон фурӯхт,
Ё ба гул тӯҳфа дод
Ё дод ба бод,
Ё ба борон шуст,
Ё ба намоз иваз кард.

Пуле ки баҳои ақл бишносад, нест,
Гул мепажмурад ақл эҳдоаш кунӣ
Бод бардоштанаш натвонад,
Борон бар сари ӯ мегиряд.
Намозро аз ақл вараҷа мегирад,
Чунон ки Боязидро аз намоз.

* * *

Ойинаи дунё ба қоматам рост наёмад,
Як қад баланд будам аз ӯ.
Ойина сохтам,
Бурунамро намоиш дод.
То ба худ нигарам,
Бояд ҷаҳонро як қад афрозам…

* * *

То шаҳомати ҳусни ту шиносанд,
Хостам бар кафи барги гул.
Қасре биҳиштӣ бароят афрозам,
Нардбони хуршед паст омад,
Ва зинаҳои нураш зери по шикастанд,
Реги биёбон чашми маро нишона зад.
То ба сӯйи дил накӯчад рег
Чашмаи чашми қаламҳоро кушодам.

* * *

Тафаккури гул,
Ҳам бӯ дорад, ҳам маза,
Тафаккури ман,
Мисли ҳавост,
Вале барои ҷомиа
Зиндоне метавонад бисозад,
Ки калидаш ҷуз пои замона нест…

* * *

Ҷойгоҳатро чу дид аз ҳад фароз,
Кард Зардушт офтобат ҷонамоз.

* * *

Суханҳое, ки чашмаҳои хунро ба ҷӯш оварда буданд,
Акнун чу завракчаҳои коғазии кӯдакон
Рӯи дарёи хун мерафтанд…

* * *

Духтари ноболиғе менолид:
– Худоё! Гуфтам аз кӯдакӣ гурезам,
То ба ишқи баланди ту овезам.
Ба риши баландам дор задӣ.
Пеш аз ин дастам аз ту кӯтаҳ буд
Акнун поям низ кандаи замин
Чи ниҳоле безамин сабз бимонад?!
* * *

Пушаймонӣ
Пироҳане нест, ки рӯҳи урёни туро бипӯшонад.

* * *

Калиди андешаи гул
Қуфли зангзадаи ғами дилатро кушод,
Атри орзуи ман меҳмони нохонда шуд...

* * *

Офтоб ба замин гуфт:
«Хулосаҳо гирданд!»
Бодирингро варақа гирифт,
Гандум лаб газид,
Харбуза, ки аз шӯхии шарбат завқаш расида буд,
Паққос хандид...

* * *

Ҳама чиз замон-замон бӯйи пӯсидан медиҳад:
Бод низ,
Борон низ,
Сухан низ...
Ҳамин нур аст, ки бӯйи пӯсидан намедиҳад...

* * *

Меваи расидае гуфт:
– «Хулоса ширин аст!»
Ва аз шоха афтод
Анчар барге ба рӯяш афканд.

* * *

Хулосаҳои динҳо ба зиндагӣ хӯрда
Пора-пора шуданд;
Бечораҳо,
Аз баландии андешаи нав афтодаанд...

* * *

Гуфтанд:
– Ҳақиқат як рӯ дорад!
Гуфтам:
– Дурӯғ низ ҳақиқат аст,
Вале чанд рӯ дорад?...

* * *

Ту чун зулмат ватангоҳе надорӣ,
Маро бошад Ватан чун рӯшноӣ.

* * *

Туро ҳам бо ту танҳо метавон дид,
Чуноне нурро бинанд бо нур...

* * *

Ҷавонии ту аз ҳусни ту маст аст,
Чӣ масте, ҷоми лабрезаш ба даст аст.

* * *

Домани кӯҳи диёрам, ки ба рӯям ҳама умр,
Санг мебораду дар сина ғами гул дорам.

* * *

Аз сари шохи баланди хомаҳои ошиқӣ,
Мекушояд бол мурғи номаҳои ошиқӣ.

* * *

Ҷӯши як фаввора фарёдам аз ин ҷастан чӣ ёфт,
Бӯсае чашми тамошо диду дар поям шикаст.

* * *

Суханвар чу дидам ба кори баланд,
Суханро кашидам ба дори баланд.

* * *

Қаҳқаҳаи реша буд зарбати борон ба барг,
Акси садо медиҳад тундараш аз осмон.

* * *

То зи нури ишқ хилъат сохтам,
Ҷомаи хунини дин андохтам.

* * *

Синаи молиш надида
Ҷони осоиш надида.

* * *

Хони мо азбаски шуд лабрези файзи устухон,
Мижжаи тифлони мо боли ҳумо хоҳад шудан.

* * *

Монанди хаёли навҷавониро
Омехтаанд зиндагониро.

* * *

Дар ҷаҳон зистану банди ҷаҳон будан чист?
Тифли гаҳвора будан бе талаби модару шир.

* * *

Пайдост забони худфурӯшӣ,
Воёб забони худкушоӣ.

* * *

Аз дори забон фарозтар доре нест,
Аз ёри забон банозтар ёре нест.

* * *

Нигоҳам ишқро андоза мекард,
Дил аз зиштӣ дарунро тоза мекард.

* * *

Ҷавшани борон ба бар духтари Наврӯзро,
Теғ ба каф «оҳ» шуд барқи ҷаҳонсӯзро...

* * *

Мекунад фарёд моро аз гулӯи гул замин,
Хешро бӯи гул ороему рӯи гул замин.

* * *

Гар бихезӣ ту чунон хез, ки хезад Ватанат,
На чунон гарм гурезӣ, ки гурезад Ватанат.

* * *

Ин беди баланду шоху баргаш задагӣ,
Дарёи ҳаёту обаш оташ задагӣ.

* * *

Гул тафаккури офтобро ба шарҳи нур фаҳмид
Офтоб андешаи гулро ба тафсири шабнам.

* * *

Андешаи сабза шабнамро чун замин ларзонд,
Андешаи сабзаро гов хӯрд.

* * *

Андешаи барфии осмон,
Шакари пиёлаи замин шуд
Тифлон андешаи сапеди ширинро чӣ қадр дӯст доранд.

* * *

Офтоб андешаи ориёиро шабнам сохт
Ва сари гул рехт,
Андешаи сомиро бамба кард,
Ва сари одамият рехт.

* * *

Эй ту иди Ҷамшедӣ чашми ҷоми мо хандон,
В-эй баҳори Зартуштӣ Яшти иди мо бархон.

* * *

Ин омадане зи дуру ин рафтани дур,
Як лаҳза чароғдории кӯчаи кӯр.

* * *

Гулро менигарам:
– Замин дар ҷавонӣ
Чӣ андешаи зебои хушбӯ дорад.
Меваи тирамоҳ мегазам:
– Замин ба чӣ андешаи ширини давлати пирӣ расида.
Ғизои андешаи замин шудан
Дар андешаам ширин гул мекунад.

* * *

Ҳақиқат аз рӯидан хаста нашуд
Дурӯғ аз давидан.

* * *

Андеша аз офаридан боз намонд,
Дини заиф аз шаттоҳӣ
Виҷдони ношинохта аз оворагӣ.

* * *

Ҷанги дигарон фабрикаву тоза фунун зод,
Моро даҳани фабрикахӯр рехт зи майдон.

* * *

Сари бозори сиёсат лаби ором маҷӯ,
Нони дандоншикани ин дукон умре гарм аст.

* * *

Ҷумъабозори сиёсат лату лут пур дорад,
Ранг молида ба ғавғои куҳан нав бизанад.

* * *

Байзаи ғурбат тавон бо як фишори дил шикаст,
Ҳукми шоҳи Ақл кам аз сарвазири Нафс нест.

* * *

Шикасти шишаи дил куҷо шунавад, ки намешунавад,
Шикасти яхзадаи булури нигоҳ дар таҳи пош.

* * *

Афгонаҳои батни шеъри бузургворон
Чун тифли комили худ то кай ба дӯш дорем?!

* * *

Бозори ашк на дузд дорад, на харидор
Ин ҷиғда фаршшӯиро кор наёмад...

* * *

Гургон бифизоянд, сагон гург бароянд,
Афзуд чу саг, гург сари кӯҳ бигирад.

* * *

Андешаи замин зи минбари гул пар кушодааст,
Мардум зи чашму гӯш, ӯ зи нафас дар кушодааст.

* * *

Нур дар зулмат бубину зулмат андар нур бин,
Кашфи асрори ҷаҳонро инчунин манзур бин.

* * *

Бо маҳалбозӣ маҳалро хӯрдаанд,
Ин табибон бин касалро хӯрдаанд.

* * *

Қади замон аз қади ҳизбҳо як аср баланд омад,
Ва қади ҳизбҳо аз қади сабаби мансаб як аср поён.
Намози муллоҳо аз Худо як осмон дур афтод
Ва ба хони мардум аз раги гардани хон наздиктар.

* * *

Дар гардани муҳаббат кам нест хуни олам
Эй ақли офаранда, дар ишқ бӯи нав рез.

* * *

Мабрази мағзаш зи мабраз гандатар,
Туф-туфаш аз мабрази кӯ бешумар.
Бӯи он мабраз равад гар даҳ қадам,
Аз тафи мағзаш халосиҷӯ адам.

* * *

Ишқе, ки хулосаи ҷаҳон аст,
Дар дидаи осмон ниҳон аст.

* * *

Ту содатар аз офтобӣ,
Ва гармтар аз ишқ,
Ман рӯ ба рӯи ту
Ҳайронтар аз шабнам,
Ки дар лаби гул
Бӯсаи гул аз ёд бурдааст.

* * *

Аз Шимолу аз Ҷануби рӯи ту
Гирди лабҳоят асалшир омада,
Аз Ҷанубу Шарқу Ғарби ишқи ман
Корвони лаб асалгир омада.

* * *

Андешаҳои сабзаро гав хӯрду мурғ чид,
Шабнам шикоя карду замину фалак шунид,
Хомӯш лаб газид.

* * *

Дар ҷомаҳои мардӣ ҳай ноз мефурӯшам,
Чун нест дониши тар овоз мефурӯшам.

* * *

Мо пайи мардум чу гандум омадем,
Не пайи дашноми мардум омадем.

* * *

Ашк чӣ бар моли ҷаҳон мекунӣ,
Ҳасрати дандони даҳон мекунӣ.

* * *

Он бӯсаҳои обии сабзи баҳор рафт,
Ин бӯсаҳои лалмии пири хазон расид,
Аз барфрези сар дили ман ноумед нест,
Чун донаҳо ба пуштаҳои кулаҳсафед.

* * *

Пӯшидатар зи ақлу ҷӯшидатар зи ишқем,
Моро куҷо биёбад бегоназои фитрат.

* * *

Фитнаро дарси адаб додани дил ҳайф бувад,
Ин падарсӯхтаро гӯши гуҳар кар бошад.

* * *

Чун асалхонаи занбӯри лабам шуд даҳанат,
Неши дандони ҳавас канд баёзи суханат.

* * *

Рӯи олам ҳама хол аст зи чашми ғорат,
Гар муҳаббат бикунад гул ба нигоҳам, бикананд.

* * *
Аз аҷоибҳот аҷабтар дидам ин, эй чархи пир,
Фосиқонат пандгӯву ошиқонат пандгир.

* * *
Ҷое, ки ҳама ҳаром хандад ба ҳалол,
Дар ишқи шумо ҳаром мурдан аҷаб аст.

* * *
Зи гӯри Ҳобилу Қобил шунидам,
Сари тирур шуд аз фарзанди Одам.

* * *
Мутаассиб наканад чанг зи домони авом,
Ҷав агар нест, кунад бӯи ҷав ин охури муфт,
Агарам бӯи ҷаваш нест шавад қалмосанг
Баҳри ҳарсӯйзанӣ нест чу ӯ дархӯри муфт.

* * *
Гуфтам, ки зи ман мурдатаре нест дар ишқат,
Хандид: – Дилам не, бағалам зиндапараст аст.

* * *
Ту чун мастӣ зи ҷоми худнамоӣ,
Чӣ ёбӣ ҳикмате аз худрабоӣ.

* * *
Нохалафон камқадаманд ашквор,
Рӯйи падар роҳ ду ангушт нест.

* * *

Чунон медавад офтобаш баланд,
Ки худ осмонаш наорад ба банд.

* * *

Андешаҳои ба чоп додаи ман
Чун моли ба хомталош додаи хоби бад дидааст.
То охирин пора мебарандашон,
Дилам аз зиндони интизории фоҷиа озод мешавад.

* * *

Кайфи маҳалбозро як-ду каду диду рафт,
Ҷабри маҳалбозро ҷумла маҳал мекашад.

* * *

Як дари хеш набандид Худо ҷониби худ,
Мо пайи бастани он пушти дараш худхорем.

* * *

Эй ишқ ба як силк кашонӣ ду ҷаҳонро,
Ку гавҳари пайдо чу ту пайдову ниҳонро.

* * *

То биёбад коми ҳастӣ аз ҳаёт,
Ҳусни олам ҳалқаи гӯши ту бод.

## БА РӮҲИ ШОДИ АШӮР САФАР

Чун буд ба кӯҳсори ғам ройи дилаш,
Беобилаи сухан набуд пойи дилаш.
Диданд сафарҳои танаш ҷумла касон
Ку чашм, ки бингарад сафарҳои дилаш.

## ВАТАН

Эй нози ту дар сина чун нози Худо шишта,
Овози ту паҳлӯйи овози Худо шишта.

* * *

Эй қомати ту такяи гардуни муҳаббат,
Хуршеду маҳат ширгари хуни муҳаббат.
Сӯи ту кунад саҷда биҳиште зи дарунат,
То аз ту шавад сабз чу қонуни муҳаббат.

* * *

Онон ки ба васфи кубаро васвасаҷӯшанд,
Дар сояи номи кубаро омфурӯшанд.
Номе набаранд омтар аз носфурӯшон[1],
Во карда даҳанҳо пайи ном арчи чу гӯшанд.

[1] Насвор.

# ҒАЗАЛҲО

* * *

Дарду ранҷи зиндагӣ буд гарчи бори модарам,
Зиндагониро надидам ғамгусори модарам.
Риштаҳое канда-канда, боз баста аз нафас,
Сохт гӯё зиндагонӣ баҳри дори модарам.
Хорзори дард буд рӯида дар ҷисми гулаш,
Сӯи мо гулханда мезад гулнисори модарам.
Бӯсаи гул бар ҷабину тоқии гул бар сарам,
Гул ба гул парвард, то буд рӯзгори модарам.
Рӯҳи покаш гулнишин ояд ба боғи осмон,
Гул бипӯшонам Замин аз гулхумори модарам.

## БАРОИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Ту ки сар халида будӣ ба даруни зиндагонӣ,
Чӣ сабот дида будӣ зи буруни зиндагонӣ?
На зи ваҳшати бурунҳо зи чакидани дарунҳо,
Лаби дил шудӣ ба санги таби хуни зиндагонӣ.
Паи мансаби худоӣ на шаҳиди карбалоӣ,
Карбалои хона дидӣ зи нагуни зиндагонӣ.
Қадаған гирифт дилро, ману ман гирифт дилро,
Ишқро фурӯ наҳиштӣ чу забуни зиндагонӣ.
Бӯсаат зи нури боло шишта буд ба тахти лабҳо,
Бикашид боди мӯяш ба суруни зиндагонӣ.
Қалами хаёли борик пайи равони тоҷик,
Ки ниҳоди ӯ нишонад чу сутуни зиндагонӣ.
Чу зи пушти Зардуҳиштӣ ҳамаро ба нур куштӣ,
Зи ту кай буруна афтад марафуни зиндагонӣ.

## ФИРДАВСӢ

То ҷаҳон дар карони Фирдавсист,
Рустами ҷовидони Фирдавсист.
Ту чӣ ҷӯӣ нишони Фирдавсӣ?
Ин ҷаҳон бойгони Фирдавсист,
Ориён гарчи садзабон имрӯз,

Боз ҳам Ориёни Фирдавсист.
Надиҳад зиндагӣ насиҳати кач,
Дар даҳонаш забони Фирдавсист.
На замин пешпо хӯрад на замон,
То асояш равони Фирдавсист.
Зари рӯён нарехт ҷуз хуршед,
Чун нагӯӣ даҳони Фирдавсист.
Осмон остон намебӯсад,
Бар сараш осмони Фирдавсист.
Дидаи ҳар кас ошёни касест,
Чашми ман ошёни Фирдавсист.

* * *

## БА 675-СОЛАГИИ ХОҶА КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Камоли ҷамоли ҳалоли сухан,
Зи Симурғ хӯрда зулоли сухан
Ба ҷон ҳақ, ба сар халқу дар дил Ватан,
Таҷаллисарои ҷалоли сухан.
Чу хас болҳо сӯзад аз нору бин,
Ки хуршед шишта ба боли сухан.
Аноҳити маънӣ, ки дарёфта,
Лабашро макида ба холи сухан.
Пас аз ту зи чашми қалам мерамад,
Ғазалҳо мисоли ғизоли сухан.
Зи Золи тафаккур магар бева монд,
Назояд Таҳам пиразоли сухан.
Сафолак забон баст бе оби фикр,
Ба дашти даҳан бин сафоли сухан,
Ба чочи забон ҳам қаламфур заданд,
Фиғон мекашад тифли оли сухан.

## БА РӮҲИ ШОДИ УСТОД ЛОИҚ

Бубин, зиндагонӣ куҷо меравад,
Чи зоидаи мо зи мо меравад.

Ба як мӯ ҷудо нест аз ҷони мо,
Чу меҳмони масте ҷудо меравад.
Ба мо ҳар нафасро худоӣ кунад.
Чу рӯҳе, ки назди Худо меравад,
Чи зебо бизояд ҳавасҳои мо,
Худ, аммо, ҳавас зери по меравад.
Дили мо кунад нав ба сад ишқи нав,
Куҳанрӯ, куҳанмоҷаро меравад.
Биёзои мову биравзои мо,
Ҳаёзои мо беҳаё меравад.
Хатоҷои мову хаторои мо,
Хатопои мо бехато меравад.
Вуҷуде Зиёрезу зулматнавоз,
Кашӣ то нафас бе Зиё меравад.

* * *

Чашми шумо кушояд гар чашмаҳои бӯса,
Комак занад чу кӯдак сарчашмаҳои бӯса.
Аз ташнагӣ кушояд лаб ширмоҳии лаб,
То резад оби оташ оташкушои бӯса.
Дар зери мавҷи гесӯ ларзад кафи сафедор[9]
Аз рашки шонагиря ларзад сарои бӯса.
Хӯрдаст силии наѓз аз гӯшмоҳии гӯш.
Дар мавҷкӯби сина бишкаста пои бӯса.
Дар шӯри худ намакҷӯ дунё чи бенамак монд
Фирдавс бонамак шуд ин ҷо барои бӯса.

## БА РӮҲИ ШОДИ ТАҒОЙМУРОДИ ХУШВАҚТ

Гӯшем, ки шунида наво аз гулӯи субҳ,
Чашмем, ки кушода даҳон то сабӯи субҳ.
Кай дидаанд субҳ сарояд ба тӯи халқ,
Мо дидаем субҳсарое ба тӯи субҳ.
Ношустарӯ надида касе офтобро,

---

[9] Кафи сафедор – киноя аз шонаи даст.

Ин тифли шӯх сар бадар орад зи ҷӯи субҳ.
Раққосаҳо бубин, чи фалакпеч меравbegin,
Хуршедвор дар дили шабҳо ба рӯи субҳ.
Гулғунчаҳо шукуфта лаби ҷӯи торҳо,
То бо димоғи гӯш кашӣ атру бӯи субҳ,
Нодида кас ки субҳ ба зулмат фурӯ равад,
То субҳи сина субҳи қадамзан зи сӯи субҳ.

* * *

Аз ишқ чи тарсем, ки мо зодаи ишқем,
Дар ҷоми ҷаҳон афшураи содаи ишқем.
Андешаи мо маст кунад ҳарду ҷаҳонро,
Соқист Худованду худододаи ишқем.
Чун айбу савоб аст ду пистони муҳаббат,
Мо ширмаки модари сарводаи ишқем.
Ҳам ақл бар ӯ кӯдаку ҳам нафси тапишкеш,
Як экизакангехтаи бодаи ишқем.
Дӯзах зи куҷо, ҳаст агар, зодаи тарс аст,
Мо дар ду биҳиштем, ки озодаи ишқем.

* * *

Эй хушкҳоро карда тар оби даҳони сабзи ту,
Аз санги кӯҳ то ранги рӯҳ ҷӯшида кони сабзи ту.
Дар нур дилҳо дидаам, аз нур гулҳо чидаам.
Аз ҷон ба ҷон рӯидаам рӯ сӯйи ҷони сабзи ту.
Он кас ки гулро бӯса гуфт аз хок ҳам ишқе шунуфт
Садранг аз ранге шукуфт з-оби забони сабзи ту
Парчамкашони тӯдаҳо парчам шуда бар рӯдаҳо,
Якпо чу парчам побаҷо, ҳайрони они сабзи ту.
Гулҳо қадаҳ бардошта ҷони Заминро бесухан,
Масти майи ишқи туву ҳушёри хони сабзи ту.

* * *

Эй чашмҳоят лонаи ишқи худойии дилам,
Мурғи биҳиштии лабат боли садойии дилам.
Кафтаркушони ишқро хандад анори синаат,

Гарданфарозӣ мекунад сӯйи ҳавойии дилам.
Риндии дарё мебарад чашми маро то чашми ту,
Дар доманат риндии гул доманкушойии дилам,
Сӯфии сабза аз тайи поям дуойи сабз дод,
То сӯйи ҷонат бар шавад дасти дуойии дилам.
Борон ба зону мезанад саҷҷода дида синаам,
Эй ту намози зиндаи боронсаройии дилам.

* * *

Ин лабмусулмонони нав ғавғойи нав бикшодаанд,
То дилмусулмони куҳан дин дар гарав бикшодаанд.
Дар ғорҳои рози Ҳақ чашмони динам кӯр шуд,
Чашми даҳони динашон кӯҳи палав бикшодаанд.
Дарди халоиқ нони ман шуд рӯзу шаб дар хони ман,
Аз мағзи наврасҳо ба хон ҳалвойи ғав бикшодаанд.
Ҷустам Худо аз хони дил, инон зи хони одамон,
Ирфони ширинкулчаро дандоншунав бикшодаанд.
Ман сӯйи виҷдон медавам, инон ба дуллар медаванд,
Сӯйи хиёнат бар Ватан пайгоҳи дав бикшодаанд.
Бар ҷони мактаб тохта, кашфу амал андохта,
Бар илми ҷони зиндагӣ сад марги рав бикшодаанд.
Ҳар ғарбӣ аз илму ҳунар як бомба нарх ороста,
Инон зи ҷони тоҷикон бозори ҷав бикшодаанд.
Гардунфурӯшишон қариб афканда будам безамин,
Бо Мавлавӣ ман най занам, барги ғарав[11] бикшодаанд.
Зардуштро дур аст раҳ, Зурвон, биё, диншон бишӯ,
Аз нур доман вокашон сӯйи алав бикшодаанд.
Бэкон зи сӯфийии Шарқ, илми амал омӯхт лек,
Моро зиёӣ з-он сафо торикшав[22] бикшодаанд.

* * *

Бӯса, ки хоҳӣ лабу дандон бишӯ,
Зулф бишӯ, куртаи алвон бишӯ,

---

[1] Барги ғарав – а) барги гиёҳи маълум, б) навъ аз харбуза.
[2] Торикшаб.

Даст бишӯ, пой бишӯ, ҷон бишӯ,
Чашми сар аз реги биёбон бишӯ.
Хори таассуб бикан аз чашми дил,
Сӯи ҳунар дидаи имон бишӯ.
Марди раҳи ишқ аҷаб камнамост,
Барф бигиру дили мардон бишӯ.
Оила хоҳӣ сари заҳмат нишин,
Дил зи ҳавасҳои парешон бишӯ.
Лек агар ишқ биҷӯшад ба дил,
Гӯ ба ҷигар: «Дасти дил аз ҷон бишӯ!»

* * *

Бонге, ки дил шунида дар шабнишини бӯса,
Бигзошта даҳанво Ҷоми Ҷамини бӯса.
Гулчин чӣ нозад аз дил, ёбад, ки хор чидаст.
Ногоҳ чашмаш афтад дар гӯшачини бӯса,
Садбарг руста ҳар ҷо дидаст рӯи хуршед,
Хуршед дар ту рӯяд бинӣ ҷабини бӯса,
Оташгирифта ёбӣ сар то сари ҷаҳонро.
Дар хоб бишнавӣ гар бонги маҳини бӯса,
Аз боди бангу бода пажмурда лолаи дил.
Наврӯзи Ҷам дамида аз ёсамини бӯса.
Миранд порасозон динҳо ҷаҳон ба кина,
Якпорадори дунё ҷовид дини бӯса.
Дар боғи зиндагонӣ ҳастит ин қадар буд.
Дар байни ду хамӯшӣ як бонги ҳини бӯса.

* * *

Дунё ҳама девона, мо низ яке ин ҷо.
Афгонаи афсона, мо низ яке ин ҷо.
Аз ман-манияш гӯӣ дар курсии маҳ шишта,
Аз хеш чӣ бегона, мо низ яке ин ҷо.
Хуршед шатак дорад, маҳтоб патак дорад.
Бандад ба даме чона, мо низ яке ин ҷо.
Ишқаш ба даҳан мирад, нозаш ба бадан мирад,
Ёбад кафане ё на, мо низ яке ин ҷо.

Гул, ки даҳане хандад, умри чу мане хандад,
Розаш гули бедона, мо низ яке ин ҷо.

* * *

Эй дили болотар аз динам,
Бо Худо ҳамрою ойинам,
Ин заминиҳо чи дин зоданд,
Кинакаш бо ҷони бекинам.
Одам аз одам, ки барчиданд,
Бо гили чанде чаро шинам.
Дасти хидмат шуд саропо об,
То шавад аз гил гунаҳчинам,
По баровард аз ҳама тан об,
То гурезад аз ману кинам.

* * *

Бо хамӯшӣ гуфтугӯ дорам,
Бехгӯшӣ гуфтугӯ дорам.
Аз Замин то Осмон паҳн аст,
Бо чӣ гӯше гуфтугӯ дорам.
Ин Замин як гардиши ҷомаш
Даври ҳуше гуфтугӯ дорам.
Бо даҳангӯше чи ҷои гап,
Пардапӯшӣ гуфтугӯ дорам.
Ҳам азалзо, ҳам абад, ҳам ҳол,
Бо анӯше гуфтугӯ дорам.
Дӯст ҷӯӣ дӯст танҳо ӯст,
Бо хамӯшӣ гуфтугӯ дорам.

* * *

Эй чашми ҷаҳон равшан аз дидаи бинаят,
Ҳусни ду ҷаҳон соя аз сояи зебоят.
Тифл аст ба пеши ту ҳар марди ҷаҳонгире,
Сарҳои ҷаҳонгирон афтода паси поят.
Ҷонҳои равон бинам, ҷон дар дили ҷон бинам,
Дар ҷони ҷаҳон бинам, эй ҷони замон ҷоят.

Аз хубии ту хубӣ болои замин сабзад,
Сад хубтар аз хубӣ рӯ мезанад аз роят.

* * *

Дуогӯ бо лаби гулҳойи Наврӯз,
Равам сӯи ту, эй зебойи Наврӯз.
Ки Наврӯзи гули ишқи ту зода,
Зи дунёи дилам дунёи Наврӯз.
Замин пойи гул андар лаб ниҳода,
Фалакро менавозад нойи Наврӯз.
Камонханди арӯси осмон рехт,
Ба шоҳи беқасабболойи Наврӯз.
Замини чашм шуд гардун саропо
Ки омӯзад заминпарвойи Наврӯз.
Зи зардуштӣ ба мавлойӣ расидем,
Чу сӯфӣ ғарқаи дарёйи Наврӯз,
Надидам сӯфие наврӯтар аз ӯ,
Чӣ худрӯяст Мавлонойи Наврӯз.
Магӯ гулнозии мо бозии тифл,
Ҷаҳон тифл аст бар момойи Наврӯз.

* * *

Аз нури ту асое дар дасти дил фитода,
Чун осмонам ин ҷо, бетакяе ситода.
Андешаам қароре хуршедваш надорад,
Чун тифли хандарӯям бо пухтаву ба сода.
Ширин кунам ҷаҳонро бар чашми талхбинон,
Чашме, ба умри ширин, кам кас ба худ кушода.
Дар худ надида нуре хуршед ҷӯяд аз мо
Барги дарахт бино з-ин чашми сурмадода.

* * *

Ман, ки болотар аз ишқам, ишқ ояд сӯйи ман,
Медавад сӯйи дили ман то биёбад рӯйи ман,
Хӯйи дил ёбад ба хӯяш хандаи рӯям занад,
То ба ҳам якрӯй созад рӯйи ман бо хӯйи ман.

Сӯйи худёбӣ занад зин ақли шаттоҳ ишқро,
Бо яке маҳмез кӯбад ақлро паҳлӯйи ман:
– Он буроқишин чи пас монд аз саманди рӯҳи ман
Бин буроқи шаттахоре аз саманди ҳуйи ман…

* * *

То ишқи зиндаи ту дар дил гирифта хона,
Афтода «ҳарфи қудсӣ» чун мурдаи фасона.
Болораве чу худро ҷуз худ саде набинӣ,
Тарсондан аз Худо ҳам будаст як баҳона.
Будан миёни мардум дар худ Худо шудан буд,
Ҳайвон шумурда мардум худро ғалатравона.
Инкори ҳусни олам инкори ҳусни ҳақ шуд,
Бар ҳусни худ чӣ тозам чун тозии замона.

* * *

Замин чун қатрае дар ҷӯйи Кайҳон,
Фалак баҳрест оламшӯйи Кайҳон.
Замин чӣ, осмон гар афтад аз по,
Куҷо ҳам мехӯрад абрӯйи Кайҳон.
Чӣ менозӣ аз ину они олам?
Ки олам заррае дар кӯйи Кайҳон.
Чӣ мелофӣ ту аз анҷоми дунё,
К-аз оғозаш наёбӣ бӯйи Кайҳон.
Нишинӣ рӯ ба рӯ рӯяш набинӣ
Ба сӯят гарчи хандад рӯйи Кайҳон.
Ғалат ҷӯӣ аз ин баҳру зи худ не,
Куҷо пай мебарӣ аз хӯйи Кайҳон.

* * *

Ишқ дар синаву сад дар бизанам: – Ишқ куҷост?
Мӯ ба мӯ ишқаму ҳарфи даҳанам: – Ишқ куҷост?
Заррае ку, ки дар ӯ ишқ чу дил дил назанад,
Аз тани дилшуда пурсам ки: – Танам, ишқ куҷост?
Ишқи ман гиря кунад, к-аз тани ту сӯхт танам,
Тан аз ӯ пурсаму аз сӯхтанам, ишқ куҷост?

Шаҳрванди ду ҷаҳон шишта ба як хонаи ишқ,
Сари хунрезии ҳам, ки Ватанам, – ишқ куҷост?

* * *

Ман зодаи фарзанди сабзи фалаки дурам,
Аз модари танҳои дарширкаши нурам.
Нур аст, ки зояд хун, нур аст, ки зояд об,
Аз ин ду замини дил шӯрид, ки мешӯрам.
Он ҷо падарам кар шуд, шуд модарам ин ҷо гунг,
Дигар чӣ аҷаб дорӣ гар ман писаре кӯрам.
Бе ман натавон пайваст, аз ман натавон барҷаст,
Гар мурда кафи гардун ё зиндаи даргӯрам.
Шӯранд зи бекорӣ бе ман ба сари Яздон,
Ҷибрилу Азозилу африштаву он ҳурам.
Парчам бикунад боло бар зидди Худо Шайтон:
– Бе лухтаки одам чун машғул шавад зӯрам?!
Он гуна ки кирми ях боз об шавад дар каф,
Ман низ шавам дарё пайваста ба Мансурам.

* * *

Хаёли ту завраҚнишини гули ноз,
Чи парво зи тӯфони найсони дилбоз.
Димоғи фалак мастии сӯфӣ бурд,
Ба чарҳидани ҷовидони заминсоз.
Занад кӯзаи ғунчаи май сари худ,
Ба санги дили боди берунзани роз.
Шикастан, шикастан ба ҷуз дил, ба ҷуз дил,
Гусастан, гусастан ҷуз аз бӯсаи ноз.
Давидан, давидан шабистонкушоӣ
Раҳидан, раҳидан зи савдои овоз,
Кашидан, кашидан ба хун шарми худсӯз.
Расидан, расидан ба васли ғамандоз,
Фалаксоз будан, фалакроз будан,
Фалакноз будан ва будан фалактоз.

* * *

Душанбе чун ба нури ишқи мо оганда хоҳад шуд,
Бухоро дар Бухоро чун Бухоро зинда хоҳад шуд.
Кӣ мегӯяд, ки мардони шарафмандаш фурӯ мурда,
Нидойи охирин аз аввалин зоянда хоҳад шуд.
Самарқанди самархезӣ ба шаб гирад саҳархезӣ,
Дили ӯ дар дили Яздо саҳарпоянда хоҳад шуд.
Ба симурғӣ фалакгирам, куҷоҳо мекашад пирам,
Чаро гӯӣ дилам аз синаи ӯ канда хоҳад шуд.
Зи орӣ орзу рӯяд, Замин ҳам ориён гӯяд,
Ба пиндору ба кирдораш ҷаҳон як ханда хоҳад шуд.
Дар ин ханда Худо пайдо, Худойи хандаи дунё,
Зи динҳо то сиёсатҳо зи худ рӯянда хоҳад шуд.

* * *

Мо рӯйи ҷаҳон аз дари фарҳанг расидем,
Бо фотиҳаи модари фарҳанг расидем.
Аз нури нигоҳи падари мост Камонтир,
Борондили сабзандаи садранг расидем.
То аз фари мо ранг бигирад нигаҳи чарх,
Аз минбари хуршедии Аржанг расидем.
Мо синаи ин хок пур аз шир шиносем,
Фарҳодсифат ширкаши санг расидем.
Дар синаи шаб субҳ дамидему сари кӯҳ,
Бо синаи сӯфийи наю чанг расидем.
Симурғии мо доди гияҳ бурд ба Яздон,
Чун тифли наботии Заминнанг расидам.
Душман сари фарҳангу сари мо сари хун зад,
Рафтем фурӯйи фару бе ҳанг расидем.
Фирдавс кунад то ҳунари мо ду ҷаҳонро
Рӯшангари ҳар ҳилаву найранг расидем.
Оринасаби рӯйи Замин сӯйи ҳам оед,
То одамӣ орӣ шавад аз ҷанг расидем.

* * *

То забони оташи Зардушт озодисарост,
Нури озодии хуршедӣ равон дар ҷони мост.
Офтоб озод мерӯяд, ки ворӯям чу нур,
Ҳамқади озодӣ ояд ҳар киро қад то Худост.
Сояи тарси замон кай мерасад то пойи ман,
Мефитад бар пушт зулмат ҳар куҷо бар по зиёст.
Кибриё аз арш ҷӯяд роҳ то курсии дил,
Дил, ки Кайҳону Замин як дид, ин ҷо кибриёст.
Чашми озоде кушову аз фалак худро бубин,
Зери пойи худ намонӣ осмонҳо зери пост.

* * *

Машикан дил, ки садояш ду ҷаҳон мешиканад,
Ба хато дар дили ту нози равон мешиканад.
Шаб мапиндор фалак пур бувад аз кавкаби нур,
Осмон дар ғами ту шишаи ҷон мешиканад.
Бӯса зан бо лаби дил бар лаби маъшуқи наво,
Хуни гул дар раги гул бин, ки чӣ сон мешиканад.
Нағмаи сабза бубар то дили хуршеду навоз,
Мурғро соғари риндӣ ба фиғон мешиканад.
Ту, ки Фарҳоди навоӣ кӯҳи шир аст ҳаёт,
Шири оҳанги ту Ширини замон мешиканад.

* * *

Баъд аз ин бӯсаи субҳ аз даҳанам шир чакад
Чун табошир зи аҷзои танам шир чакад
Сатрҳо дар бадани дафтари ман набз шуданд,
Найшакарвор зи ҳар ҷо шиканам, шир чакад.
Тифли шавқат хати бедор ба маҳди лаб зад,
Хомаи модари чочи суханам шир чакад.
Шири лабҳои ту шуст умри гунаҳолудам
«Гар ба тобут равам», аз кафанам шир чакад.

* * *

Хезед, чилёсин кунем ин миллати девонаро,
Девонаи беқиблаи худхорае бегонаро.
Заҳҳокафканро Худо гар се писар дод аз нишо,
Заҳҳокпарвар синаро додо диҳад сегонаро.
Золаш диҳад – бар кӯҳ занад, Симурғ раҳму рӯҳ занад,
Ӯ ояду зону занад зонуи заҳҳоконаро.
Кампирҳо мӯ во кунед, бо шӯру ғавғо каф занед,
Ронед ҷину деви сар то пушти Қоф ин хонаро.
Пирон ба «ёҳу!» ҷар занед, домони яктаҳ барзанед,
Тасбеҳ ба дӯшу сар занед, афсун кунед афсонаро
Дар оташи Зартушти ӯ кафгиру бели мушти ӯ.
Сурхида леседу кашед ово Машӣ, Машёнаро.
Дасташ пучеду дӯши ӯ, мӯяш кашеду гӯши ӯ,
Бошад, ки ёбад ҳуши ӯ мағзи биёбонмонаро
Пиндораш аз динаш ҷудо, гуфтор аз оинаш ҷудо
Кирдор аз кинаш ҷудо ин майкаши муғронаро.
Карданд ҷои хору хас бо оташи бамбаш алас.
Ҳушаш наёмад бозпас ин якрави якдонаро
Олам худои оҳанӣ эҷод зад зидди данӣ,
Ӯясту куфу суфзанӣ, дар хункашӣ ҳамхонаро
Хезед чилёсин кунем ин миллати девонаро
Девонаи беқиблаи қурбоние бегонаро...

* * *

Самари муҳаббати ту ба нигоҳи кирдугорам
Зи фариштаҳо бигирам, ба биҳиштаҳо супорам.
Чу замин шиёр гардад бағали кушодаи ишқ
Ки зи дил напурсад ин ҷо, ки ба ақл дил гузорам.
Зи чӣ ишқи ақлҷӯро ба замин занад мусалмон
Кафи по куҷо гузида ҷои ақл ҷошуморам.
Ба нахуст Ақли кулл буд, на нахуст Нафси кулл буд,
Ба пасини чораҷӯям зи нахуст чора дорам.
Талаби ҳазордастон печи садҳазор дастор,
Ақлу илми ин замонро бизанад ба риши дорам.
Каламасти дил бубинам, ки ба мастӣ дузди ақл аст,

Ҳамаи кушоиши сар зи даҳони дил барорам.
Дил агар макони ҳақ буд дили сунъ чун иваз кард?
Ки зи хонааш фиканданду сари Худой дорам.
Чу ба ақл иллат ояд на туву на худ шиносам,
Зи чӣ бе Худо бимонам агар ақл вогузорам?

* * *

Бас кун, эй ватанбемор, кӯдакона мӯидан,
Наъраи заминкан ор, мушакона пӯидан.
Шабнамона боридан, рӯзро наёридан,
Парваридани гул нест, ҳаст ғунча тӯидан.
Дидаҳо варамбидем, нолаҳо ғарамбидем,
Дар танӯри кас то кай шӯъла-шӯъла рӯидан.
Ашки мо намакгир аст, ишқи мо фалакгир аст,
Умри бенамак бас, бас пои хор ҷӯидан.
Зан қадам чунон бар ӯ, бишнавад, агар кар ӯ,
Набзи худ чу набзи ҷӯ дар тапиш пажӯидан.
Чун Ватан зани зоёст, марди шерзанхоёст,
Кай зани сиҳат хоҳад марди нола шӯидан.
Гаҳ ба сина бозидан, гаҳ ба дӯш нозидан,
Гаҳ Ватан зи ту хоҳад мисли тифл бӯидан
По чу пои кӯҳ бифшор, шона кӯҳи гардунсор
То чу офтоб аз ту бошадаш тулӯидан.

* * *

Дар тани нарми само то хуни беранги ҳавост,
Гар дамад сурхӣ ба рӯи зиндагӣ, аз хуни мост.
Киштии хуршеди нав бар кӯҳлаи Машриқ нишаст,
То ба тӯфони шаби дигар ҷаҳон ғарқи зиёст.
Дар дили кулли ниҳолон нест ғайри ишқи сабз,
Сар-сари шохи дарахтон ҳосили рангин чарост?
Мо паи нози тани худ ҷони дунё мехӯрем,
Ҷони дунё нози мову ҷони мо нози куҷост?
Кистӣ? Пурсидам аз фонусдасти рӯзи дил,
Гуфт: – Ҷӯёи туам андар дили ту асрҳост.
Бишнавам умре садоятрову нопайдост рӯй,

Талх пиндорам, ки рӯи ту магар рӯи садост?
То ба боми дил расидан зинаи сар кӯтаҳ аст,
Шонаи пайғамбар арчи враслаи ин зинапост.

* * *

То гуфт бо номи худ туро низ баҳор
Дар пойи худ овехт маро низ баҳор.
Монанди нигоҳи мо ба пои нигаҳат,
Дерест, ки хӯрда пешипо низ баҳор.
Имрӯз баҳор боғу фардост хазон,
Имрӯз баҳорию паго низ баҳор.
Найсон зи қафо дай асту аз пеш тамуз,
Пеши ту баҳор асту қафо низ баҳор.
Истода дуо кунам ҳама тан чу дарахт,
Шуд барги забонаму дуо низ баҳор.
Дар ҷилваи ҳусни ту худо ҷилва кунад,
Кофар шуда гуфтем: Худо низ баҳор.

* * *

Ман сӯи ту рӯ бурдам аз ҷумлаи ойинҳо,
Ойини ту бо ойин хӯрданд ҳамин динҳо.
Гуфтанд, ки дин ақл аст, хӯрданд зи мардум ақл,
Рӯъё ба рибо хӯрданд аз роҳи риё инҳо.
Аз илми ҷаҳонбинӣ беҳ омада хонбинӣ,
Бар охури мансабҳо шуд номи ту озинҳо.
Ку ҷуръати сар бурдан берун зи маҳалбозӣ,
Бар миллати худ буданд инҳо ҳама хоинҳо.
Пеши сухану пушти халқ омада буд шоир,
Дар пушти маҳал пинҳон, бин шоирии инҳо.
Бар бӯи маҳал монанд арчи сари мардум по,
Бар мардумии унвон бистардеҳу болинҳо...

* * *

Ин ҷодапарастони фурӯманда зи ҷода,
Фарёдсаворанду наҷунбанд пиёда.
Аз лахчаашон гулханаҳо дар ҳама олам

Дар пуф-пуфи хокистари ғайр ашк ниҳода.
Гӯянд ки «Озоданажодем ба гавҳар»,
Бинӣ тарафи санги сияҳ кӯз фитода.
«Сад ҷон биканӣ санги сияҳ лаъл нагардад»,
Ҳофиз на ба беҳуда дар ин нукта ситода.
Гар санги сияҳ лаъл шавад аз ҷигари туст,
Ин меҳр Бадахшон зи дили Меҳр кушода.
Сад роҳнамо дод Худо сӯи худ, аммо,
Роҳе назад аз зулмати худ ланги ирода.
Бар «мӯъҷиза»-и лофи куҳан боз даҳанҳо,
Дар мӯъҷизаи илми замон кӯр бизода.
Хезед занон, гавҳари Симурғ биҷӯед,
К-ин регдилон гавҳара бар рег бидода.

* * *

Дили мурда зинда кардӣ ту бигӯ ҷавоби ӯро,
Ба гуноҳи нав кашидӣ, бинамо савоби ӯро.
Ба даҳони хумби ҷӯшон задӣ пӯкаи тафаккур,
Ба даме парад чу пунба, зи чӣ баста тоби ӯро?
Чӣ паямбарон, ки монда ба гили хаташ ба ҳайрат,
Ба чӣ ҳарф карда будӣ ту ниҳон китоби ӯро.
Ингилис зи нутфаи илм одам офаридааст чун ту.
Ту нигоҳи дин нашӯӣ, ки шинос ноби ӯро?
Гаҳ хӯрад фиреби хобе, гаҳе тарсад аз шиҳобе,
Чу шиҳоб сӯзад умраш, чӣ савоб оби ӯро.
Ба гадоии ту зикраш, чу лаҷан тафида фикраш,
Магар ин ки танка бошам гузарам хароби ӯро.

* * *

Аз паси Наврӯз давад шӯи барф,
Оташи Зартушт кушо сӯи барф.
Мижжа набандӣ ба шалоқи сафед,
Зарбаи пириву пари қуи барф.
Бӯсаи Наврӯз замин кард нарм,
Хӯрд ба гил пири суманмӯи барф.
Сандалии ишқи ту доман кушод,

Сӯхт сари кодакаш абрӯи барф.
Шеди кулаҳсубҳи арӯсихумор,
Шӯхии субҳина ба гесӯи барф.
Барфи рухат лола зад аз бӯсаам
Кабки ҳавас теғ задам рӯи барф.
Барфи тани ту бағалам об кард,
Об шудан гарчи бувад хӯи барф.

* * *

Ёд кардам офтоби хешро,
Осмонпаймо китоби хешро.
Нурҷӯву нурхӯву нурбӯ,
Нуртобу нурёби хешро,
Ҷоми чашми ошиқон дарёкаш аст,
Рез оби ҳусни ноби хешро.
Аз гулӯи чашми дил оташ парад,
Ишқ оташ зад сароби хешро,
Дег бар чакдони чашми ман ниҳад,
Шаб пазад субҳи шароби хешро.

* * *

Эй кони баҳори ҷумлаву ҷони баҳор,
То ҳусни ту дид сӯхт имони баҳор.
Бе дини баҳор зиндагӣ бутбозист
Буддоии ишқи ту мусалмони баҳор.
Бар домани ту намози марг аст ҳаром,
Эй ҷойнамози субҳи Қурони баҳор.
Гуфтем азони бомдодӣ бӯса,
Афтед ба саҷда рӯи домони баҳор.
Бо рӯзаи ишқ бемадор аст ҳаёт,
Ифтори хабар баред бар хони баҳор.
Бе оташи мубадам хунук зад дилро,
Барфе бишакед аз зимистони баҳор.
Рӯи раҳи Ҷоми Ҷам ба дарди чашмам
Шӯед магар ба шири пистони баҳор.

Меҳмони Худо на дер пояд ба замин,
Дидем ҳама ба Тоҷикистони баҳор.

* * *

Эй ишқҳо ҳайрон шуда дар пайкари ишқи шумо,
Рӯида тӯфонҳои гул дар дафтари ишқи шумо.
Эй нози рози ду ҷаҳон аз нури ҳуснат сояе,
Ин осмон як чашми во то чодари ишқи шумо.
Дар кӯю майдони сара хунбозҳоро пайкара,
Як пайкара дар ишқ ку ҷуз пайкари ишқи шумо.
Маҳ болиши ман мешавад, дарё сабозан мешавад
Девору дар зан мешавад дар кишвари ишқи шумо.
Дар хонаи андоми ноз гӯгирдзан ишқи маҷоз,
Дунё ҳама оташнавоз чун модари ишқи шумо,
Зартуштро сӯи даре, хуршед агар шуд минбаре,
Ҷон минбари дил мешавад сӯи дари ишқи шумо.

* * *

То кӯҳи дилат зиёда рафтам,
Ҳампойи дили пиёда рафтам.
Аз хора ба хор хун чакидаш
Як нома туро кушода рафтам.
Дар нола зад ақли буздил аз тарс
Як пора ҷигар ниҳода рафтам.
Аз шишаи ишқ қул-қуле хест,
Бар ҷоми дилам чу бода рафтам.
Бо кӯҳнаварди ҷоми каф пур
То чашми ситора ҷода рафтам.
Як ҷуръа нарехт дар гулӯям
Ҳампойи бахили сода рафтам.
Зад шарбати ишқ аз лабат ҷӯш,
Бар шаршара сина дода рафтам.
Дар шаршара кист лона монад?
Дил монд, ки ман фитода рафтам.

* * *

Субҳгоҳе аз даҳонат сӯйи ман хандид ишқ,
Сивуду дандони ҷонам аз даҳан кандид ишқ.
Тухмаҳо бишкофт сангу ғунчаҳо бишкофт нахл,
Накҳате аз ту шуниду сад чаман чандид ишқ.
То замину осмонҳоро шукуфтан дин бувад,
Гӯр механдад, чу гӯянд, аз сухан гандид ишқ.
Ин суханнашкуфтаҳо бериши ҳикмат мондаанд,
Кай зи дунгӯӣ ба дунёи данӣ дандид ишқ.
Мешикофад санги дӯзах атри ту рӯ сӯйи дил,
То тафаккур бишкуфад дар ҷони тан тандид ишқ.

* * *

Ишқ чағона мезанад пойфишон ба боми дил,
Буздили ақлро бубин, войзанон ба номи дил.
Ошаки ақл шӯр шуд, чашмаки ақл кӯр шуд.
Аз паи ҷанги тан ба тан рӯ нaниҳад ба Соми дил.
Шуш нафас дарункашон пушт ба тахтупушт кард,
Пунба ба чашму гӯш зад аз нафасу каломи дил.
Луқмаҳаке алӯли ӯ, луқмаҳаке булули ӯ,
Гурги ҷигар чашида буд, дур, ки буд моми дил.
Панҷа ба чархи шед зад, тез гирифту боз гашт,
Лахта ба лахта шуд ҷигар, ишқ кашид ҷоми дил.

* * *

То бӯсаи таҳрири лабам байти лабат дид,
Аз ғунчаи маънии ҳавас чашм бипӯшид.
Назми нигаҳи шарм буд он холи ҳароса,
Аз гармии маънӣ ба лабат бекулаҳ афтид.
Дарбон, ки биафтод, забон сар бадар овард,
Аз шарбати таҳрир сарак рафту бичархид.
Завлонаву занҷири сухан канду биандохт,
Дарёфт забони дилу чун мор бипечид.
Хандид муҳаббат, ки бубин ҳикмати мардум,
Ширини сухан мор зи хона бадараш чид.

* * *

Эй монда аз Худо, ба чӣ пастӣ, ки меравӣ
В-эй аз худат ҷудо, ба чӣ пастӣ, ки меравӣ.
Андохта ба по Ватани мо чу лошае,
Чун лошахори мо ба чӣ пастӣ, ки меравӣ.
Сайре накарда бо шиками нур чун фалак,
Эй дар шикам баҷо[1], ба чӣ пастӣ, ки меравӣ
Саг ҳам ба сайри чарх баромад ба чашми ту,
Сагро ба зери по, ба чӣ пастӣ, ки меравӣ.
Ин ҳам туӣ, ки хондаӣ худро Худо-Худо?
Дил сӯи Карбало ба чӣ пастӣ, ки меравӣ.
Гургӣ ба гург, баррагӣ бо барра зеб дод,
Бо ҷони садбало ба чӣ пастӣ, ки меравӣ.
Охир ту бесабаб найи болои ин Замин
Чанд аз сабаб хато ба чӣ пастӣ, ки меравӣ.
Эй беғурур, як қадамак пеш ирода кун.
Як зинаҳак баро, ба чӣ пастӣ, ки меравӣ.

* * *

Эй нури нигоҳ Тоҷикистон
Афтода зи моҳ Тоҷикистон.
Хун мечакадат ба бӯи ваҳдат,
Чашми сари роҳ Тоҷикистон.
Бар дини ҷаҳон кушода сина,
Аз хеш паноҳ Тоҷикистон.
Истода ба пушти худ таҳидаст,
Бегонасилоҳ Тоҷикистон.
Овехта аз гулӯ ба гардун,
Худро чу гуноҳ Тоҷикистон,
Кай бе ту туро Худо шиносад
Ай доди илоҳ Тоҷикистон.

**1995**

* * *

[1] Пинҳон

Сад шукр ба Яздон, ки расидем равонӣ,
Аз гӯркашонӣ тарафи нуркашонӣ.
Чун модари шаб духтари хуршед бизояд,
Дар нур бигирад ду ҷаҳон ошиқи ҷонӣ.
Аз нур диҳам об дигар хоки Ватанро
То нияти Яздон шунавад боди хазонӣ.
Дар худ зи худоӣ асаре чунки надидем
Рафтем ба даргоҳи Худо синадаронӣ.
Аз боди дарун доди бурун рафт сари бод,
Бин лӯъбатии халқ ту бе илми ҷаҳонӣ.
Гар дасти ҳунар шонаи парвоз насозӣ,
Осуда куҷо сӯи Худо дил бикашонӣ.
Чашме, ки ба ваҳдат нигарад чашмаи нур аст,
Чашме, ки набинад, қафаси зулмати сонӣ.

**1997**

Шарбати ишқ медавад дар бадани ниҳоли ман,
Ноки чароғ мепазад сар-сари сими доли ман.
Решаи нур мемакад хоки сиёҳи доғи дил,
Нори ҷигар нишонаи чашми хурӯси соли ман.
Чилчилаҳои шабнами шеър ба сабзаи савоб,
Гиряи зарди тирамаҳ барги кафи ваболи ман.
Писта ба писта медиҳад мағзи чаҳори зиндагӣ,
Ҳулба ба нозбӯ чалад сӯи суроғи ҳоли ман.
Хоки маҳи фалак нахӯрд оби ҳаёти хоки мо,
Харбузаи биҳишт хӯрд хоки замини оли ман.
Хирмани себи бӯсаро чидаӣ дар музояда
Ғунчаи ноф мезанад мӯҳр ба боли моли ман.

* * *

Пӯшидатар зи ман нест имрӯз дар тафаккур,
Хуршед шамъи хираст худсӯз дар тафаккур.
Нори забони дил гар деги фалак бибӯсад,
Кай бинад оби ҳайрат як сӯз дар тафаккур,
Оташкашон расиданд ин ишқҳо зи шаш сӯ,
Як кӯҳнаханда рӯ зад аз пӯз дар тафаккур

Дӯзахшикам фурӯ зад ҳаққи ятими олам,
Ҷуз ҳайрате наафзуд, афсӯс, дар тафаккур
Бо як замин гул омад Наврӯз то димоғаш,
Як сабза ку, ки бинам, Наврӯз дар тафаккур.

* * *

Дили хуштаҳорати ман чӣ намоз мегузорад,
Сари ҷонамози субҳат дили боз мегузорад,
Зи намози шед ёбам, ки ҷаҳон зи нур рӯяд,
Гули шустарӯи шабнам шаби роз мегузорад.
Чу насими ояти гул ба димоғи боғ печад,
Сари ваҷди рақси рӯиш ҳама ноз мегузорад.
Зи намози гул ҷаҳонро доману даҳан шавад пок,
Ба намози нур қомат чӣ фароз мегузорад.
Раҳи дори нур мезад дили тифл синамолон,
Раҳи шавқи шири модар чӣ дароз мегузорад.

* * *

Халқе аз инкори Худо рафта пайи кори Худо,
Мо зи ғуломии Худо монда чу инкори Худо.
Илми амал туф задаву хеш куфу суф задаем,
Аз куфу суф пуф шударо баста ба сарбори Худо.
Коҳили сарбори Худо, монда чу похори Худо,
Хори дили ҳам шудаву сӯхта дар нори Худо.
Илми амал рост кашад қомати ӯ то ба фалак,
Беамалӣ кард замин мои фалакдори Худо,
Тири ҷавон мефиканад пири амал пушти ба пушт,
Кӯзи дуо тир ба пас з-илми амалёри Худо.
Бин ки шутурмурғи маҳал сар зада дар реги маҳал,
Ваҳдатии халқ занад аз паси худ ҷори Худо.

* * *

Чарсу чусури бӯсаам бар лабу рӯю гарданат,
Оҳи шикасти шохаи шӯъла ба гулхани танат.
Бӯса қаламча мекунам аз лаби ту ба шонаҳот,
Сӯҳбати ишқ гул кунад дар таҳи гӯши бе манат,

«Гул, ки савора мерасад» бӯса савори гул кунам,
Пой лаби пиёдасӯз омада дашти доманат.

* * *

Сӯи ту киштварзи ҷон чашми ман асту дашти дил,
Бо нигаҳе шиёр зан, нур дарав зи кишти дил.
Духтари ишқ шишта дар чодари сина розҷӯ,
Розкаши ҷаҳонталаб пардаи хуну рашти дил
Ғурбати рӯзгори ҷон хонд ба гӯши ту азон.
То шунавӣ ту шевани ғурбати Зардуҳишти дил,
Бар лаби хеш бӯса зан, шири биҳишт об гӯй
Бод лабат лабони ман, то бичашӣ биҳишти дил.
Барраи ширбози лаб дар бағали ту мечарад
Масту ба частухез бод пушта ба пушта кишти дил.

* * *

**Боз фарёди ҷунун меояд аз ғавғои дил,**
**Раҳбаре ку то намояд роҳи нопайдои дил.**
**Устод Халилӣ**

Войи сар, ки раҳзане шуд аз пайи раҳпойи дил,
Балхи Бомӣ талхи Шомӣ хӯрд аз ҳайҳойи дил.
Нур гавҳар буду гавҳар нуру мезойид нур,
То ба гил омехт гавҳар гашт шайтонзойи дил
Ломаконро дил макон буд, дил биёбонноз шуд,
Ломаконро хӯ биёбонист пушти пойи дил,
Регро бар сар ниҳам ҷойи фари Фаррохкарт,
Гирдбодам тоҷвар аз фир-фири фарсойи дил
Нурҷӯён нурпарвозанд паҳлӯи Худо,
Дар замин худхора чун дил монд худпаймойи дил.

* * *

Ту дар хароши миллат ман дар талоши миллат,
Шуд мутталошӣ охир ҳар буду боши миллат.
Ту чаҳканиву дар чаҳ, ман меҳзаневу бе маҳ
Аз чоҳу маҳ набурдем ҷуз хун ба доши миллат,

Аз дасти мо назад рӯ муште ба қоши кина,
Бо мушти чонаи сулҳ хӯрдем коши миллат,
Аз думравӣ туӣ дум, аз хумдавӣ манам хум,
Бар хумбу дум занад бод пушти маоши миллат,
Дар ту на Тури Сино дар ман на нури боло,
Бе Туру нури якҷо додем оши миллат.
Ту дузду ман қарахчӣ, аз чорсӯ малахчин,
Гӯё намонда ин ҷо ғайр аз қалоши миллат.

* * *

Дар ҳарду ҷаҳон дафтару девони туемо,
Ҳар хат, ки занӣ зан ғазали ҷони туемо,
Пеши ту гунаҳ бар сари хон пой ниҳодан,
Чун пой ниҳӣ бар сари мо, хони туемо.
Кӣ дид ки аз нур чакад шарми арақҷӯш
Гулбоғи саҳарнозаи ҳайрони туе мо.
Не ҷон, мазаи бӯсаи ту боли тапиш дод
Дар ҷомаи садранг зи пинҳони туемо.
Девонаву масти бағали масти муҳаббат,
Рӯшантарак аз рӯз шабафшони туемо.

* * *

Он ишқи ошиқдузди мо дуздӣ ҳувайдо мекунад,
Минбар ба минбар мениҳад савдо тамошо мекунад.
Толорҳо ояд ба ҷӯш, бозорҳо гирад хурӯш
Он дузди моли нофурӯш бозии савдо мекунад.
Аз баҳри чашми масти худ пардозадам бо дасти худ
Боло шавам аз пасти худ ин чарх боло мекунад.
Ҳар гаҳ харидоре ба ҷон ояд ба молаш ҷонфишон
– Ин моли дуздӣ, – гуфта ӯ он нарх расво мекунад.

* * *

Сарҷӯи биҳишт аст ба паҳлӯи Душанбе,
Маст аст биҳишти фалак аз бӯи Душанбе.
Ҳар духтари тоҷик яке Ардивисур аст,
Бонуи малак меравад аз кӯи Душанбе.

Хуршед, ки гардункаши нури саҳари ӯст,
Резад ба сари халқи ҷаҳон хӯи Душанбе.
Лаб дар гулу гул дар лабу гул дар қадаҳи гул,
Риндона занам бӯса ба абрӯи Душанбе.
Ранги ҷигарӣ дод сари шонаи ӯ шед,
Резад ҷигарӣ бӯсаи гесӯи Душанбе.
Аз ҳафт шаби ишқ расад ташналаб ошиқ,
Дар косаи маҳ шир диҳад ҷӯи Душанбе.
Нози дилу рози дилу овози дили Меҳр
То гӯши Худо бурд сухангӯи Душанбе.

* * *

Худоё, хонаам хун асту девору дарам хун аст,
Раҳи наззораам хун асту аз по то сарам хун аст.
Ғизои дил ҳамин хун буд андар кишвари пайкар,
Чу дил бо хун сару корам шуд аз бас кишварам хун аст.
Дар он қасрам, ки мебинанд мардум, ҳам намебинанд,
Сухан хуну садоям хун, чароғу минбарам хун аст.
Паямбарҳои хунинҷома меоянд хун дар хун,
Ҳадису сураву оёту хома, дафтарам хун аст,
Дарахти зиндагӣ гӯяд қиёсе зан ба мӯи тан,
Сиёҳам ё сафедам решаи дар пайкарам хун аст.
Муҳаббат хун, ҷаҳолат хун, садоқат хун, хиёнат хун,
Магар сӯи ту, ё раб, тӯҳфае, ки мебарам хун аст.
Табассум зери лаб шайтони дил аз осмон пурсад:
– Намегӯӣ шароби Антаҳуру Кавсарам хун аст?!
с.1992

## ЭҲДО БА АҲМАД ЗОҲИР

Сайри биҳишт мекунам шишта ба боғшаҳри дил,
Бо ту хиром мекунад қасри чароғшаҳри дил.
Чашми суруд мебарад ҷӯйи шароби Антаҳур,
Мижжазании ҷӯ бубин сӯйи аёғшаҳри дил.
Сӯйи садорасонаи лола нигоҳ мекунам,
Пойи наво намерасад то ба фароғшаҳри дил.

Аз дили лола медамад Аҳмади Зоҳири суруд,
Навҳайи сурх мешавад шармии доғшаҳри дил.
Нойи хаёл хурд-хурд мешиканад Ситорарақс[10]
Тарди биҳишт мекунам баста димоғшаҳри дил.
То дили Осиё бувад чун дили ишқи сӯхта,
Ҳарду ҷаҳон биёбадам сӯхта роғшаҳри дил.

* * *

Сари виҷдон хиради бом набардоштаем,
Аз бадан ҷониби сар гом набардоштаем.
Ақлро дом шуморида ба доми ҷаҳлем,
Ком бар бомзанӣ вом набардоштаем.
Санги гардунгузарон кӯфта аз таҳхона,
Қиблаи шом сӯи бом набардоштаем.
Дӯзахи нася занад пой сари нақди биҳишт,
Субҳро хӯрда, вале шом набардоштаем.
Шақи маҳ дида пас аз чору даҳи аср дурӯғ,
Сӯи маҳвораи рӯз ом набардоштаем.
Сари хору хасу гул шабнами виҷдон бичакем,
Ашки хоҳар чу гили хом набардоштаем.
Пайи шӯҳрат сари модар ҳама минбар кардем,
Қади шаънаш ба қади ҷом набардоштаем.
Бозсозисту шуд номи Худо минбари нав,
Ҷуз ба пистони Худо ком набардоштаем.
Шарми сабзе, ки Ватан сабзасифат сабзонем,
Сабзаворе пайи ӯ гом набардоштаем.

## ДАСТИ СЕЮМ

Аз миёни синаи андоми ман,
Дасти нав рӯид чун дашноми ман.
Хонда ду дасти худоӣ душманам
Бар ду сӯ афканд чун ду доми ман.
Аз саломи ҳамдигар вомондаанд

---

[10] Рақкосаи террориштудаи Афғонистон.

Чашми ҳайрат сӯи чашми хоми ман.
Дасти наврӯида мутлақ ҳокимест,
Ҳам ба девору дару бар боми ман.
Гаҳ занад чанге ҷигар берун кашад,
Гаҳ дилам бар каф ниҳад чун ҷоми ман.
Гӯяд: – Инро канд данги дасти рост,
В-он дигарро он чапи бадноми ман.
Мекунад ин гуна ширин коми худ,
Суда заҳри сода андар коми ман.
Дасти нав буд кӯҳна дулларбозу хун,
Зад ба савдои сараш фарҷоми ман.
Мушт зад дишаб ба фарқи моми Ҳинд,
Ин саҳар кӯбад ба садри моми ман.
Дасти бесоҳил ба соҳилвар занад,
Ҳам зи Оромаш ба нооромн ман...
Эй Худо, дандони ақламро бидеҳ,
То шиносам даст дар андоми ман.
с.1992

* * *

Шамшерзанест зиндагонӣ,
Даршерзанест зиндагонӣ,
Зону бизанӣ камон бихандад,
То тирзанест зиндагонӣ.
Ҷону аҷал аст аз дари илм,
Дарёфтанист зиндагонӣ,
Пешу паси ду ҷаҳон тапидан,
Дархештанест зиндагонӣ.
Аз хӯрдани ман намешавад кам,
Не моли манест зиндагонӣ,
В-аз мурдани ман намешавад беш
Болои фанест зиндагонӣ,
Ҳар бӯй, ки ҳаст аз ману туст
Бебӯ даҳанест зиндагонӣ.
Шашсӯзании ҷаҳон ба як сӯст,
Шашсӯйзанест зиндагонӣ,

Бо чангзанӣ нашуд фарочанг
Беноз занест зиндагонӣ.
Вом аз ту гирифт ҳусни олам,
Зебо баданест зиндагонӣ
Сабзондани кундаи нажод аст,
Не кундаканест зиндагонӣ.
Зиндонкунии дилу ҷаҳон чист?
Зиндоншиканест зиндагонӣ.
Не модару не падар шиносад,
Фарзанди данест зиндагонӣ.
Бар гурдайи мову чашм бар дур,
Сӯе заданист зиндагонӣ.
Ҷонаш ҳама ишқу меравад маст,
Бесӯ ватанест зиндагонӣ.
Аз пул ба гул аст такяаш беш,
Худрӯ чаманест зиндагонӣ.

## БА ТЕРРОРИСТ

Эй чашми ту хун, дасти ту хун, мағзи ту дар хун,
В-эй ҷоми ту хун, номи ту хун, коми ту бар хун.
Эй боми ту хун, шоми ту хун, хун ҳама умрат,
В-эй хони ту хун, нони ту хун, косаи зар хун.
Дар батни ҷаҳон чанд ҷанинвор бимонад,
Моро Ватану халқу ҳавасҳои саҳар хун.
Дандони палангина халидан ба ҷигар чанд?
Эй хушкҷигар аз ту ватанрост ҷигар хун,
Пиндори ту, гуфтори ту, кирдори ту хун аст,
Пайғамбари ту, миллати ту, мому падар хун,
Ин хок ҳамон хок к-аз он нури назар хост,
То дар ду ҷаҳон нур шиносӣ, на магар хун,
Ҳамдардии ту ҳарфи сафедест сияҳрӯ,
Борон ба замин, барфи ту дар тораки сар хун,
Байроқи сари дасти ту бошад табари ту,
Сарлашкари ваҳдаткуши таррори табархун.

Дарёб, ки тифлони туро аз ту чӣ монад?
Девору дару ҳотаи пурмеваи тар хун.

* * *

Эй мағзи ту дар даҳони берун,
Гӯши ту шуда забони берун.
Рӯи ту харитаи бурун шуд,
Раҳ мебарадат ҷаҳони берун.
Чун ҷон ба тани ҷаҳон дарун рез,
Чун ҷон бадар о зи ҷони берун.
Дил бурдану дил надодан омад,
Омодаи имтиҳони берун.
Ин расми қабули нонавиштаст
Дар ҳукми нишасти хони берун.

* * *

Эй кӯҳнатар аз ҷаҳони фонӣ,
В-эй тозатар аз мани замонӣ,
Чун тифл гирифтамат сари даст.
Дар бозии шӯхи зиндагонӣ,
Ман завқ ба бозии ту бурдам,
Ту умр ба бозиам ситонӣ.

# ДАР ХАЙМАИ ХАЙЁМ
# (БА 950-СОЛАГИИ ҲАКИМ)

Эй бехабарони рӯҳи рӯяндаи хеш,
Дар хонаи зулматед пӯяндаи хеш.
Аз мурдаи торикии худ бигрезед,
Ёбед зиёи зинда ҷӯяндаи хеш.

Хомӯш! Ки мекунад фалак кор хамӯш,
Бингар ба Замин чӣ сон фалакро шуда гӯш,
Обастани меҳри осмон мегардад,
Мезояду медиҳад ғизояш, ки биҷӯш.

Чун Айранавайҷост зуҳури одам,
Пайдост чаро доманаш умрест ба нам,
Тифлон ба ҷаҳон рафта, ба сад дин сари ҳам,
Хӯрданд чунон, ки номи ӯ шуд зи рақам.

Ғарб асту чу таншинос дар чархи барин,
Моему ба рӯҳ дидану нақши Замин.
Аз дидани тан, ту гӯӣ, ӯ рӯҳ шудаст,
Мо тан шуда дар талоши рӯҳи фалакин.

Дар суд ба ҷони илм агар дарнигарам,
Зебо бишавад чу Ҳафтпайкар назарам.
Гар илм, зи кӯриам, нашуд тоҷи сарам,
Афсӯс хӯрам, магассифат умр барам.

То тан бадар омада зи майхонаи дил,
Гардида ҷаҳон чаман чу афсонаи дил.
Тан Каъба гирифту дил шуд андар тани ӯ,
Арши фалакам расиду шуд лонаи дил.

Эҳсос, ки шуд тифли ғаши тездамам,
Бозичаи дил намонд аз каф як дам.
Пошид зи май ба роҳаш обу бификанд,
Бардошт хирад ба гӯшмолаш чу қадам.

Шодии маро, ки буд Симурғи дилам,
Озоданафас ба кӯҳаи сурхи дилам.
Кар гашт зи хониши калоғи нафсам,
Шуд кӯри ҳаваснавозии чархи дилам.

Бархост таассубу сарам сӯҳон зад,
Аз хона кашон ҷар ба ҷари кӯҳон зад.
Аз хуни халоиқ чу раҳи тӯфон зад,
Дар киштии чашми Ватанам нӯҳон зад.

Дине, ки ба бозӣ рафт, бигзор равад,
Бозомаданаш магӯ, ба як бор равад.
Он беҳ ки ба сабзае кунам саҷдаи сабз,
Дар рустани ман даруни худ ёр шавад.

Инест ба марзсозии рӯи замин,
Онест, ки марзнози ақлу дилу дин.
Аз ғунчаи гул бӯсаҳаки маст бичин,
Байни ду ҷаҳон низ дигар марз мабин.

Ҷосуси сиёсатанд маҳрам ҳама ҷо,
Ҷонбози муҳаббатанд пурғам ҳама ҷо.
Аз ваҳми даруни худ биларзанд чу бед,
Анбошта дӯзахи дил одам ҳама ҷо.

Дар ҷилди китоб то баҷо омадаем,
Аз давлату хоки худ ҷудо омадаем.
Дар хоки ману ту сохта бас давлат,
Бархостаанду мо зи по омадаем.

Дунёи талош бин, ки чун аст, рафиқ,
Дар кашмакаши касон нагун аст, рафиқ.
Гуфтем Замин ба тори гул биншонем,
Дидем кашида зери хун аст, рафиқ.

Ҷосуси ҷаҳон дар ин замин ҷӯш зананд,
Хуни дили мо чу доруи нӯш зананд.
Бисёр макун гиря, ки ҷони ману ту,
Нӯшобасифат аз пайи май нӯш зананд.

Ҳар кас ки бигуфт халқро аблаҳи хар,
Аблаҳтар аз ӯ нест ба дунёи дудар.
Дарё кӣ шунидаст, ки кас гуфт чунин,
Дашноми Замин низ касе дод магар?

Инсону ғурури фалакаш ҷони ба ҷон,
Гардуну ғурури башараш хону махон.
Гӯянд пайи нози биҳиштанд давон,
Не он ба дили ину на ин бо дили он.

Дар пойгаҳи роҳи биҳиштанд ба дав,
Аз дӯзахи худ нест хабаршон сари ҷав.
То марра бувад ҳарду ба дав овора
Пайдо набувад, кӣ мебарад аз кӣ гарав?

Дар нимшабон ба базми дил гӯш занам,
Аз ҷоми Суруш ҷуръае нӯш занам.
Ҳарфе, ки ба ҷисми рӯзи ман шишт чу хор,
Ёбам гули ҳарфи тифлу аз ҳуш занам.

Ҳар кас ки ба нури шаб ҳамоғӯшояд,
Рӯзаш пайи дил чун шаби хомӯш ояд.
Аз баҳри нигоҳ базми нуронии рӯз,
Аз нури шаб аст рӯҳ дар ҷӯш ояд.

Ман маҳзари ростиву дониш будам,
Бо нури сухан ба кина ромиш судам.
Аз дониши ман кина ба тан ҷавшан сохт,
Нурам ба силоҳи нур зад дар пудам.

Афшонд Худо партави андешаи пок,
Ойинаи Зардушт пароканд ба хок.
Чун уштури дашт рӯйи ин ойина хуфт,
Канд аз Раю Руму Миср нури идрок.

Хушбини ҷаҳон чу чашми Зардушт куҷост,
Як дини ҷаҳон чу дини Зардушт нахост.
Дине, ки ба тор нуру нур аст ба пуд,
Имони чи кас ба зулмати кина бикост?

Тиреза кушо чу хандаҳои даҳанат,
Дарвоза кушо чу синаҳои суханат.
Эй по даҳани хандаи попӯш мабанд,
Урён бадар о, ки сулҳ шуд дар Ватанат.

Ин тӯда, ки маърифатгурезанд ҳама,
Бо маърифати равон ситезанд ҳама.
Бар Соҳира ақлу ҷон бирезанд ҳама,
Бо ҷаҳли араб зи ҷо бихезанд ҳама.

Бархост хирад, ки бо улум кор барам,
Дил хест, ки ман ба уштулум кор барам.
Чизе ки хирад сохт дилам зад барҳам,
Ҳайратзада ҷон: – Магар ба хум кор барам?

Эй хонаи ту нуру дилат хонаи нур,
Парвози сафед бодат аз шонаи нур.
Марям пайи нур шавҳари нур гирифт,
Аз даст мадеҳ ту низ афсонаи нур.

Як нима китоби олам аз фаҳши бадан,
Ними дигаре фаҳши сиёсоту сухан.
Бар фоҳишаи бадан заҳарханди даҳан,
Бар фоҳишаи сухан мукофоти Ватан.

Ё раб, чӣ замину осмонест туро,
В-ин банда чӣ бандаи гумонист туро.
Ту дӯст бидорияш, зи ту тарсад ӯ,
Як ишқ ба чанд тарҷумонест туро?

Чашмони ту аз шикоф вомонда зи дин,
Ҷони ту ки аз сиёсат афтода ба кин.
Андар ҷигари ду оташ афтодаст ишқ
Он аз фалакаш биканду инаш зи Замин.

Гар ишқ назояд дили фитрат чӣ кунем?
Бо фитрати пӯсида ба миллат чӣ кунем?
Бар моҳ заданд шаҳру мо ин ҷо кӯр
Бо кӯрии биншаста ба хилқат чӣ кунем?

Бо дуни хасон адолати худ накунӣ,
Бо хуни касон рисолати худ накунӣ,
Беруни дилӣ, даруни худ кай ёбӣ,
Воруни касон саодати худ накунӣ.

Аз бодаи андеша, ки андӯхтаӣ,
Садсола гулӯи ғами мо сӯхтаӣ.
Дӯзад падарат хайма пайи чанд тане,
Ту хаймаи озодии ҷон дӯхтаӣ.

Дар хаймаи ту Ғарб ба Шарқ афтода,
Шарқ аз сари хумби ту ба фарқ афтода,
Аз бӯсаи Шарқу Ғарб механдад абр,
«Лаб бар лабу дар миёна» барқ афтода.

Се нур ба ҳам расиду як нур гирифт,
Ойини Каён ба нур аз дур гирифт,
Ин нури вазорат омаду он Аламут
Хайём даруни хаймааш Тур гирифт.

«Шаҳнома»-и коси сари Кай бар хонда,
Қурони ҷаҳон зи нақши соғар хонда,
Аз бодаи ишқ сар фурӯ бурда ба нур,
Асрори фалак зи зарра азбар хонда.

Эй рафта чу вақт дар дили сонияҳо
Наврӯзии Ҷам кашида аз вақту фазо.
Андешаи ту чу пойи Наврӯз ба хок,
Наврӯзсифат рӯйи шукуфон ба само.

Як дасти маро худо кунад шохаи нок,
Дасти дигарам қандаки гул дар гули пок.
Бар турбати ту гули дуо афшонам,
То соати бархостанат аз дили хок.

Дар ҳикмату фалсафа ба Сино ҳамдӯш
Таъриху адабро Табарӣ сӯи ту гӯш.
Истода ба по Ғазолӣ пеши ту ба дин
Машҳури ҷаҳон чу шоири майсаранӯш.

Маст аст ҷаҳон зи хумби андешаи ту
Гул низ фитодааст дар пешаи ту.
Дар ҳотаи ӯ шавад варо ҳашт биҳишт,
Аз хоб ҳар он ки хест бо шишаи ту.

Қавмат садаҳо паи суханмурда шуданд,
Аз пушти суханмурда куҷо бурда шуданд.
Чун ҷоми ту кас майи худиро нагирифт.
Борида чу абрҳо заминхӯрда шуданд.

Эй хӯрда май аз соғари андешаи рост,
Чун чарх ҳамеша масти як шишаи рост.
Сад кӯза дурӯғ холӣ андар базме,
Лабташна ҳама сабоҳ чун решаи рост.

То ҷоми нахуст дода раҳмони маро,
Устоди нахуст хонда шайтони маро,
Аз сад дари дӯст май бигирад шабу субҳ,
Шайтонкада бинӣ хуфта сомони маро.

Шодӣ, ки дар ӯ қудрати сад бода бувад,
Сарбаста чу хумб дар дил истода бувад.
Чашмам ба касе фитад диҳад соғари ғам,
Соқии ҷаҳон ту гӯӣ ғамбода бувад.

Гар соғари ғам кашӣ сабоҳе, шоме,
Бардоштаӣ ба худшикастан гоме.
Аз бодаи бомдоди шодӣ даркаш,
Хуршедсифат дамӣ зи зулматкомӣ.

Онон ки хӯранд ҷоми андешаи хом,
Ё бодаи кина даркашанд аз лаби ҷом.
Дар базми муҳаббатанд ғелон таҳи по,
Чун шишаи холие ба базми айём.

Ҷоми дили халқ он ки нагирад кафи даст,
Аз бодаи мансабаш биёб уштури маст.
Халқе ки майи меҳр таҳи пой бирехт,
Дар базми ҷаҳон хумби сари худ бишикаст.

Он дӯст, ки мо ба пойи ӯ сар мондем,
Сар бурд чунон зи мо ки бесар мондем.
Ӯ кард ба халқи худ сари худ минбар,
Мо бар сари халқи хеш минбар мондем.

Бе қадр зи май чунон ки хуни дили мост,
Дил низ нашуд он чи даруни дили мост.
Гуфтем, ки ду ҷаҳон нагуни дили мост,
Дидем, ки ду ҷаҳон буруни дили мост.

Аз ҷоми ғазаб чу сӯхт ҷони ману ту,
Хокистари дил гашт ниҳони ману ту.
Аз кӯзаи меҳри ҳам ду-се бода кашем,
Шояд ки расад шод равони ману ту.

Гирди лаби ҳар касе зи мо хат рӯяд,
Аз лаб чу хати сабза насиҳат рӯяд.
Афтод ҳазораи насиҳат бар хок,
Бошад ҳунари ҳазори заҳмат рӯяд.

Пиндоштам, инқилоб арӯсест нигор,
Ғун карда будам ҷиҳози субҳаш ба нисор,
Ҷаллод баромад инқилоб аз паси тор,
Пӯшид шафақ, ки меравам шершикор.

Ишқе ки чу ҷон ба нур маҳфуз фитод
Дар домани шаб ситораи рӯз кушод.
Раҳгумзада буд субҳ дар зулмати шаб
Дасташ бигирифту бар сари роҳ ниҳод.

Фарёд кашам, ки мо ҳама зинда шавем,
Гар зинда шавем кай пароканда шавем.
Марге набувад гар зи ҷаҳон рӯ ба ҳамем,
Марг аст ба як хонаву дар ҷанда шавем.

Май аз пайи вай омаду вай аз пайи май,
Ҷӯшид вай андар маю май андар вай.
Не май пайи вай дораду не вай майи пай,
Умри ваю май нашуд ба ҷуз вай-ваю-вай.

Эй ишқи ту хом дар гузаргоҳи замин,
Нафси ту мудом дар гузаргоҳи замин.
Тарси туву шарми туву виҷдони ту чоҳ,
Ақли ту давом дар гузаргоҳи замин.

Аз илм асо накард барнойи дилам,
Сад лағз хӯрад ба ҳар қадам пойи дилам.
Ҷӯлида чу тифли навқадам роҳ барад,
Рӯ ҷониби гӯр пирӣ аз лойи дилам.

То чашми ситорабини ман боз шуда,
Чашмони замон ба сӯи ман роз шуда.
Ман дасти замон ситорачин хоҳаму ӯ,
Баҳри сари ман ба санг анбоз шуда.

Як даст ба ростиву як даст ба нур,
Аз сина фурӯ рехта покӣ чун ҳур.
Зартушт ба шустани ҷаҳон боз расид,
Аз кинаву аз дурӯғу зиштӣ чу сурур.

Он кас ки майи нур чу Зартушт кашад,
Хуршеди ҷаҳон ба сӯяш ангушт кашад.
Бар шери фалак чу Боязид биншинад,
Монанди фалак Замин ба арғушт кашад.

Гӯям, ки ба ребос кашад гавҳари ман,
Аз тухмаи бегунаҳ ба олам дари ман.
Худро чу гиёҳ бегунаҳ гираму лек,
Ребос шавад нуқли майи соғари ман.

Ребосии мо ба рамзи рӯидани мост,
Рӯидани мо зи ақл то нури Худост.
Ҳар кас ки дар ин миёна мегардад хушк,
Аз нутфаи Одам асту аз нофи Ҳавост.

Маздоии дил ба нур хӯ кардани ӯст,
Буддоӣ ба санги хеш по хӯрдани ӯст.
Исоии ӯ ҳайрати дар гил заданаш,
Ислом зи ҷаҳли хеш бӯ бурдани ӯст.

То чанд ба лаб ҳарфи ҳавасҳойи дурӯғ,
Шуш аст дурӯғ аз нафасҳойи дурӯғ.
Дил банд шуд аз бас ба қафасҳойи дурӯғ,
Шуд қудрати мо боли магасҳойи дурӯғ.

То ақл зи дин фарозтар гом назад,
Гоме ба сари зулмати авҳом назад.
Пое накашид аз лаҷанзори шикам,
Зангӯлаи кашф бар лаби бом назад.

То аз хуми дин шароб хӯрдаст дилам,
Хуни дили худ чу об хӯрдаст дилам.
Аз худхӯрии миллати худ донистам,
Аз дашти худӣ сароб хӯрдаст дилам.

Ин халқ, ки чун рама паи буз мерафт,
Уммед бағалкашони тарбуз мерафт.
Чун аз бағалаш фитод тарбуз сари роҳ,
Диданд, ҳамин хуни таҷовуз мерафт.

Киндории мо чу зод диндории мо,
Диндории мо рафт ба киндории мо.
Дин омада буд қадри мо бардорад,
Чун рафт, ки шуд фарши заминдории мо?

Илм аз сари нанг чанг бар чарх кашид,
Дин ақл бимонду сӯи эзор давид.
То пардаи зеру бам ба ҳам ханда заданд,
Ҷанг омаду нанги ҳар ду дар кӯча дарид.

Гоҳе пайи ҷоҳу дин сари ҳам бихӯрем,
Гоҳе пайи молу кин сар ҳам бихӯрем.
Гаҳ аз пайи фосиқеву гаҳ фоҳишае...
Чанд, эй фалаки барин, сари ҳам бихӯрем?

Зартушт на сар будаву на сомон аст,
Оғози дурӯғшӯии инсон аст.
Бо хуни ҳазораҳо расидаст ба ним,
Кӣ гуфт, ки раҳ ба ростӣ осон аст.

Исо, ки ба осмони чорум ҷо кард,
Ҳам пайрави ӯ илм ба гардунҳо кард.
Пайғамбари ислом замин маъво кард,
Кай пайраваш аз хоки сияҳ пар во кард.

Аз соғари лабҳои ту чун бода занам,
Сад бӯсаи нуқли синаи сода занам.
Мастона чу чарх гирди нофат гардам,
Дар хаймаи мӯт хоби шаббода занам.

Аз гиряи ман гӯши фалак боз нашуд,
В-аз майхӯриям дилаш ғамандоз нашуд.
Он беҳ ба дили шод бибӯсам чашмат,
К-аз шодии мо фарозтар роз нашуд.

Ғамро, ки шикастани дил омад ҳунараш,
В-аз роҳи шикаста бар гузашта сафараш.
Бозор кашидам, ки фурӯшам ба ду ҷав,
Як ҷав нахаридашу бурун зад зи дараш.

Аз бодаи андешаи ман дин шуда маст,
Не рӯзи ҷазо ёбаду не рӯзи аласт.
Пайдост, ки сар бурда ба хумхонаи дил,
Гар нест, чунин ҷоми худоро кӣ шикаст.

Ғамро, ки шикастани дил омад ҳунараш,
Бо бӯсаи ту шикастаам тоҷи сараш.
Шодии кушоиш сари ман суд ба чарх,
Ғамро пайи пойшӯӣ мондам ба дараш.

Дар ишқи ту хешро ҳазин кардам, ҳайф,
Афтода ба роҳи ону ин кардам, ҳайф.
Дар кашфи замин чу дидамат рӯшану рост,
Бар умри намозбози дин кардам, ҳайф.

Иқрори дурӯғи хештан кас накунад,
Афсӯс хӯрад ба ҷонашу бас накунад.
Ин турфа, ки рӯшанӣ биҷӯяд зи ҳама,
Аз зулмати худ, валек по пас накунад.

Шарқ асту сараш ба печи дастор шудан,
Чашмаш ҳама банди чашми эзор шудан.
Ғарбасту ба рӯи моҳ хон густурдан,
Шарқ асту ба печи хони худ хор шудан.

Тарсе, ки даруни дили мо хона гирифт,
Андешаи мо ба ҳабси афсона гирифт.
Куштем чунон ҷонвараконро аз тарс,
Ҳамҷинси ману ту рӯй бегона гирифт.

Зад сел нигорхонаҳои дида,
Пӯсид дил аз жакони лабхоида.
Дунё ҳама кар зи бонги бангист, вале,
Як наъраи ақли нар нашуд бишнида.

Шиблист куҷо, ба Каъба оташ бизанад,
Бар дӯзаху ҷаннат Боязидаш бизанад,
Одам нигарад ба рӯи одам чу Худо,
Чун рӯи Худош бӯсаи хуш бизанад.

Гар ҷумлаи рӯй як шавад, рӯи Худост,
В-ар ҷумлаи хӯй як шавад, хӯи Худост.
Иблис дар ин миён куҷо хоҳад шуд,
В-ин дӯзаху ҷаннаташ равон тӯи Худост?

Бастем умед сӯи ҳар кас беҳад,
Газвори набударо буридем ба қад,
Дар худ ҳунари Худо таҳи по кардем,
Тақлид гирифтем ба дому даму дад.

Қонуни Худо ба соҳати диди Худост,
Яъне, ки зи зарра то Худо соҳатҳост.
Мо заррасавори соҳати хештанем,
Дар соҳати ӯ соҳати мо гарди ҳавост.

Аз пой кашад касе, ки дасташ надиҳӣ,
Хурдат шиканад, агар шикасташ надиҳӣ.
Тан бозоре, дили ту – бозори дигар,
Дарёб баҳои худ, ки пасташ надиҳӣ.

Роҳе бикушо, роҳсаворӣ накунӣ,
Дарё бадар о, чоҳсаворӣ накунӣ.
Миррихсавор омада заррасавор
Чунӣ ту, ки ҷуз оҳсаворӣ накунӣ?!

Таърих назад гом ба таъхири дурӯғ,
Қурони ҷаҳон махон ба тафсири дурӯғ.
Ту рост нишонаи дурӯғӣ ба ҷаҳон,
То чанд занӣ ба сӯи ӯ тири дурӯғ.

Дар ҷунбиши пашша чун назарҳост туро,
Пойдост зи заъфи ман хабарҳост туро.
Шарм аст зи фарзанди бадам бо ҳама заъф,
Аз бандаи бад ҳеҷ ҳаё хост туро?

Ғам чист чу дар сар хуми андеша ба пост,
Андеша бувад, ки решаи пешакушост.
Ғам реша ба чоҳи зулмати шайтон бурд,
Андеша зи шодии худо нуррабост.

Бунёдрави̅ на бех андохтан аст,
Худро ба фарози рӯз афрохтан аст.
Гар мурд чароғи роҳи ояндаи дур,
Бар истгаҳи барқ нигаҳ дохтан аст.

Дарёи ҳаёт лабзанон дар назарам,
Гирдоби зиёди фалсафа менигарам.
Ҳар гирдобе ба сӯи худ наъра занад,
Мебинаму медарояму мегузарам.

Ақле, ки фурӯ зи дин бувад, ақл куҷост,
Дине, ки кушад ақл, куҷо дини худост.
Ақли паси дин гадо сари хони риёст,
Дини паси ақл чун худо ҳастизост.

Он гул, ки зи сӯи ту ба сӯи ту шукуфт,
Аз бӯи ту омаду ба бӯи ту шукуфт.
Аз хуни муҳаббатам ба худ ранге зад,
То ҳамчу арӯси ту ба тӯи ту шукуфт.

Ин ёри никоҳии фалак хор шудаст,
Аз хӯрдани тифл пиру бемор шудаст.
Аз шавҳари худ ҳеҷ зан ин ҷабр надид,
Дилмондаи шӯ ба ишқи ман зор шудаст.

Бо лола бигуфтам, ки туро нола хуш аст?
Аз умри дурӯза нола ҳарсола хуш аст?
Хандид: – Чи̅ хас мурдаи худро нашинохт,
Шодам, ки ҳаям, дигар ки̅ аз лола хуш аст.

Аз Балх ба ҷуз нур чи̅ омад берун,
Мансур аз ин нур гумон зад берун.
Розе, ки нуҳуфтанд ҳама сӯфии Шарқ,
Кай буд аз ин рози забарҷад берун.

Риши ту сафед гашта чун бикри сурин,
Сӯзок шуда мағзи ту аз фикри сурин.
Аз ғайбати занҳои сабук пур даҳанат,
Сар лек дами намоз ҳам зикри сурин

Ин дилназарон, ки шӯҳраноз омадаанд,
Чун соқии тӯй авомбоз омадаанд.
Аз наърaи ақли нар паноҳанд ба дил,
Бар тир зи гул сипартироз омадаанд.

То мағзи сарам маҳбаси бе дар шудааст,
Андар даҳанам забон ғалатпар шудааст.
Бесамчии ағбаи Ватан мегӯяд:
Қурбонии ман зи мағзи ту чар шудааст.

Инон ки набурданд раҳи тораи мағз,
Шинанд ба зини лаб чу бар бораи мағз.
Дамкӯтаҳи ағбаи забонанд ҳама,
Тар карда зи шалпарӣ ба шалвораи мағз.

Муслим ҳама бад ба бутпараст афшон аст,
Ҳам аҳли Масеҳ варош кофирхон аст.
З-ин куфр, ки мекунад зи нафс аҳли китоб,
Зартушту Киришнаву Худо ҳайрон аст.

Ҷамъе ба камини дин ҳавасмурда зи тарс,
Бархе ба камини кин магасхӯрда зи тарс.
Хайле ба паси камон камингир зи тарс...
Инсон ба каминзор нафас бурда зи тарс.

Қавмат садаҳо пайи суханмурда шуданд,
Аз пушти суханмурда куҷо бурда шуданд,
Чун ҷоми ту кас майи худиро нагирифт,
Борида чу абрҳо заминхӯрда шуданд.

Инон ки зи бодаи ҳунар парҳезанд,
Гирди хуми ҷаҳли худ дар афту хезанд,
Нашкаста бути нафси худ андар сина,
Бо сурати девори касон бистезанд.

То ҳаст хирад зи ҷанг парҳез кунад,
В-ар ҷанг кунад на аз пайи чиз кунад.
Маҳбустарак зи ҷон дар олам нурест
Ақл аз пайи озодии ӯ хез кунад.

Ҳар кашфи наве, ки буд дар рӯйи Замин
Бикшодани одамӣ буду чархи барин.
Аз кашфи ҷаҳон ҳар он ки рӯ тофт ба тарс
Аз кашфи худу Худой вомонд яқин.

Чун тир сафар гирифт то каъбаи дил,
Дил рахти сафар бубаст бар каъбаи гил.
Он хашми Худо занг зад андар дили хок
В-ин раҳми Худо гашт ба мӯрон манзил.

Дин сӯйи Худо чу нардбон омада буд,
Кӣ гуфт, ки курки гирди хон омада буд.
Кӣ дид, ки нардбон ба одам гардад,
То ман биравам фарози ҷон, омада буд.

Ҷонам чу танат ишқи ҷавон мехонад,
Мастии ҳаёт ҷовидон мехонад,
Дар чашмаи ҷоми лаби ту дил шуста,
Дар субҳи баёзи ту азон мехонад.

Инон ки саре ба фарҷи уштур задаанд,
Полези худӣ ғамзи шутур пур задаанд,
Дар Соҳира хуш ғӯта зада, ҷойи биҳишт
Аз синаи Гоби сарбаровар шудаанд.

Борони сухан тир шуду шуд ба ҳаво
Селоби камон сурх шуду хӯрд ҳаво.
Гардун на сари тоқати ин дошт, на он,
Гардонду фиристод ҳама бар сари мо.

Дин фалсафаест аз дарун пӯсида,
Андар бағалаш ақли нагун пӯсида.
Чун роҳ надода нури созандаи ҳақ,
Нураш ба сар аз фасоди хун пӯсида.

Аз лутфи сухан ҳамин дили ман шуд об,
Аз аллаи панд шуд сари ман дар хоб,
Бе панди куҳан замон диҳад панди фалак
Бе панди замон ҳамин манам кӯҳнашитоб.

Пиндори накӯ миёни Зардушту Худост,
Гуфтори накӯ миёни Зардушту Худост.
Кирдори накӯ миёни Зардушту Худост
Пас акси Худо ба ҷом Зардушти Ашост.

Андешаи пок аст биҳишти ду ҷаҳон,
Андешаи пок аст сиришти ду ҷаҳон.
Дар набзи ду олам тапад андешаи пок,
Ин нур чу об аст ба кишти ду ҷаҳон.

Чашми ману ту чу чашми ноф омадааст,
Аз хона бадар ба бонги лоф омадааст.
Аз решаи ӯ риштаи нуре нахазад,
Ин дурнамо шикамшикоф омадааст.

Ҷамъе ҷари хештаншиносӣ задаанд,
Дар гавҳари худ тухми абосӣ задаанд.
Устураву таърихи худӣ тоҷ кунам,
Фарёд, маро ба номи осӣ задаанд.

Эй он, ки ба ҷони ман халонӣ сари худ,
Биллаҳ, ки фитодаӣ бурун аз дари худ.
Бо теғи тафаккурназадӣ ҷар тани гил,
Ташхис чи гуна мекунӣ хотири худ.

Гуфто: – Зи Худо чаро ниҳон нест туро,
Аз халқ, вале, ниҳонакорист туро.
Гуфтам ки – «Зи пашша пил месозад халқ,
Дидам ки на пил пашшасозест Худо».

Бангии ҷаҳон масту бубин шоир маст,
Дар мастишон чарху замин ҳайрон аст.
Он маст ки ақли худ ба зулмат бификанд,
Ин маст ки ақли ӯ чароғи сари даст.

– Ҷанг аст барои зиндагӣ – гуфт яке,
Як маргзудои зиндагӣ, гуфт яке.
Ӯро ки маҳин-маҳин варо мехоид,
Афканд ба пои зиндагӣ, гуфт яке.

Кас дид ки зиндагонӣ зоҳид бошад?
Сарҷӯши гули маонӣ зоҳид бошад?
Он дил ки диҳад бӯи ғуломӣ зи нафас,
Дар синаи нотавонӣ, зоҳид бошад.

То соғари обила давонӯш расид,
Санҷар зи дамат обила дар гӯш кашид.
Чун обила бишкаст ҳазорон сари халқ,
Як обилаи кин зи дили худ надарид.

Эй то раги сабзаҳо давида чу нишот,
Андар даҳани гул шудаӣ бӯйи ҳаёт.
Дидори ту майро ҳаваси мастӣ дод,
Ғамбода бувад бода паят то арасот.

Боридани абр шуд ҳавасхези замин,
Бархоста сабза решаангези замин.
То сабзасифат шудӣ қаламрези замин,
Чун сабза замин гирифт чингизи замин.

Гӯянд: – «Зи Рум фитраташ хӯрда ғизо»,
«Ислом агар набуд, набуд ӯ пайдо»
Ту гуфта будӣ, ки хештанро бикушо,
Сад Руму сад ислом биёбӣ якҷо.

Ғарб асту чу таншинос дар чархи барин,
Моему ба рӯҳ дидану нақши замин.
Аз дидани тан ту гӯӣ, ӯ рӯҳ шудаст
Мо тан шуда аз хондани рӯҳи фалакин.

Дар косаи хуни халқ нон ранг зананд
Сад ақли ҷавон ба нашшаву банг зананд.
Шайтони дили хеш навозанд ба меҳр
Шайтони сарои Каъбаро санг зананд.

Ошиқ ба фиғон,ки зор кардам дили худ,
Майхора ба ғам,ки хор кардам гили худ.
Бангӣ ба садо, ки ақли худ дор задам,
Ё раб чи ба бод додаӣ ҳосили худ.

Омехтатар зи ту кӣ омад ба нигоҳ?
Хунрехтатар зи ту кӣ омад ба нигоҳ?
Бигсехтатар зи ту кӣ омад ба нигоҳ?
Фарҳехтатар зи ту кӣ омад ба нигоҳ?

Ангушти маро кафи ту бар ёд расад,
Аз шохаи нури шед фарёд расад.
Чархидани ман ба гирди ту бинад субҳ,
Хуршеди дафаш навозаду шод расад.

# ДУБАЙТИҲО

Даруне дорам аз оҳанги дил пур,
Нигоҳе аз ҳавои ранги дил пур.
Вуҷуде бингарӣ чун пуштаи сабз,
Дарунаш таҳ ба таҳ аз санги дил пур.

Чи шоирҳо, ки хонпайванди халқанд,
Куҷо бинӣ, ки ҷонпайванди халқанд.
Чи бисёре шикампайванд бо халқ,
Чи кампайдо равонпайванди халқанд.

Дилам ларзид аз ҷӯши нигоҳат,
Ки ҳуши ҳуш беҳуши нигоҳат.
Нигоҳам бо нигоҳат гӯша гирад,
Ки гӯяд рози дил гӯши нигоҳат.

Нигоҳам дар нигоҳат фол дида,
Ки меҳмон ояд аз боло хамида.
Дилам шуд рӯи роҳи ту чаманхез,
Ки ой раҳ ба раҳ гул чида-чида.

Нигоҳат аз нигоҳам мегурезад,
Чӣ оҳуе ба моҳам мегурезад.
Сари роҳат нигоҳам монда ҳайрон,
Чи сон оям, ки роҳам мегурезад.

Чӣ қудратҳо, ки пӯсад дар ҷавонҳо,
Нав орад, мешавад боли замонҳо.
Чу аждар варна хоҳад хӯрд ин зӯр,
Ҷавонҳову замонҳову маконҳо.

Чу зоҳид ишқи дунё бод гирам,
Чу бангӣ талхи умрам шод гирам.
Худойи хешзойи дил наёбам,
Ман андар гӯри дил афтода мирам.

Аз ин тарсидаму тарсидам аз он,
Зи доно ларзаам бину зи нодон.
Зи гармо сӯи соя медавидам,
Дуруди барфам омад, ки: – Зимистон!

Фалак аз васли мо гуфту расо гуфт,
Малак аз асли мо гуфту сафо гуфт.
Биёву бо малак ҳамдостон шав,
Беҳини шодиён тӯйи вафо гуфт.

На хун аз ҷисми мо ҳар ҷо равон шуд,
Баҳои содагии мо равон шуд.
Магӯ: «– бо зиракӣ як ҷон харидам»,
Ба як ҷонат ҳазорон ройгон шуд.

Тафаккурҳои зиндонзо чи беш аст,
Шағоди Рустами даврони хеш аст
Басе шӯҳрат, ки зад санги маҳалбоз,
Маҳалро худ, вале, зиндони пеш аст.

# ДОСТОНҲО

## ДАР ҲОШИЯИ МУХАММАСИ «ЗЕРИ ТЕҒ»-И АБДУРАҲМОН МУШФИҚӢ[1]

***Одамизода ворисi хирад аст,***
***Бехирад ғайри насли ҳайвон нест.***
***БЕДИЛ***

## ЗАБОНИ ОТАШ

Чашмаи Хизри дини шоирҳо,
Осмону замини шоирҳо,
Эй миёнчӣ миёни нури Худо,
Дар замин нардбони нури Худо.
В-эй дар оин ашо[2] бино карда,
Оташ-ойинаи Худо карда,
Зардуҳишти наҳишта аз нася,
Донаи нақд кишта аз нася,
Зад забонат забона оташро,
Гули дин шуд тарона оташро.
З-ин гулат баргаке ба ҳукми қазо,
Чун забон дар даҳон гирифт Исо...
Гар сухан дорад орзуи нур

---

[1] Эй Мушфиқӣ, ман дар болои ин таковари бодрафтор савор мешавам, ту дар зери рикоби ман қарор гир. Ман маркабро меронам, ту пойи бараҳна давида, бетааммул ва бетаваққуф чунон шеъре гӯй, ки ба забонат асло калолате (кундӣ) ва гирифтагӣ пайдо нашавад ва агар калолате дар забонат пайдо шавад, қасам ба оварандаи лайлу наҳор ва паварандаи гулу хор, розиқи мӯру мор, яъне молики ҷаббор, ки ин теғро бар фарқат мезанам ва ба ду тақсими баробар мешавӣ. (Ривояти фармоиши Абдуллохон ба Абдураҳмон Мушфиқӣ).

[2] Ашо-аз дидгоҳи Зардушт назм ва қонун ва ростӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи фардӣ ва кор ва кӯшиш ва иқтисоди зироъӣ ва равиши зиндагии иҷтимоӣ ва гурӯҳӣ ва барқарории адл ва мусовот ва... («Авесто» навишта ва таълифи Ҳошим Разӣ).

Бӯсад ӯ Балхгуна рӯи нур,
То чу оташ даруну берун пок
Пар кушояд ба сӯи гардун пок...
Нури ҷон нест дар замини сахун,
Раҳни нурист чун замини забун,
Нурӣ он қадр муқтадир шуда,
К-аз замин то асир асир шуда.
Нури моро чу нори нурӣ сӯхт,
Нуриёнро сарои дуре сӯхт,
Вахш[1] аз Вахшу Вахшур[2] аз Вахшон
Сӯи ӯ рафта ҳамчу нур аз ҷон.
Бе сухан курсии Сухан бурданд,
Бо сухан қурсаи замин хӯрданд.
Мекунам шарм, ки худои сухан
Чун Камол аст дар Сарои[3] сухан.
Шоху барги зарини Ҳуми сафед
Рӯсиёҳӣ ба пеши хок кашид.
Варзу варзонаи адолаткор,
Фарзу фарзонавор, хору хумор.
Маснади нур нанги роҳам буд,
Ҳайкали санг санги роҳам шуд.
Суда пешинаро чу ҳайкали ранг[4]
Судапешонаам чу ҳайкали санг...
Тӯдаи пудаи заминбозон,
Безамина замона пардозон,
Пешбинони сар ба дунбола,
Боли дун баста аз пари кола,
Марзҳоро зи бун забун карданд,
Порае кӯҳнаколагун карданд.
Тӯр дар дасти кор реши равон,
Баҳру дарёшикор реши равон,

---

[1] Фариштаест, ки нигаҳбонии об бо ӯст.
[2] Ба маънии пайғамбар
[3] Камоли Хуҷандӣ дар Сарой зиндонӣ буда.
[4] Фиреб

Ҳамчу бар деги шири заҳршикан,
Моҳиён сӯи моҳ ҳасратзан.
Бехабар тифли Тоҷикистон аст,
Дар лабаш бомбаҳои пистон аст,
Мемакад шири «Дӯст»-олуда,
Меканад ҷони дӯстполуда.
Яъне, дар баҳси даври бомбаниҳод,
Тоҷикистон чӣ мекунад эҷод?-
Рӯи домони модари тоҷик,
Бофбатифлони модари тоҷик...
Асри мо чун зи гӯш пунба кашид,
Бехатарсозҳои бомба расид.
Бояд андар баҳори ин тахрик
Бехатар сохт бомбаи «Тоҷик».
Метавон варна аз фароз андохт,
Фарқ бар фарқи бомбасоз андохт:
– Эй ки бурда ҷазои[1] Нобилро
Бибар, инак, балои Нобилро!
Эй худованди ту худои зиё,
Бехудои ту рӯзи рӯз сиё,
Эй Авастои ту китоби замин,
Гули Яштат давои ноби Замин:
«Дар ҷаҳон ҳар касе заминкор аст,
Файзи ӯ бар ҳама заминвор аст,
Дар замин ҳар кӣ дона мекорад,
Адлро дар замона мекорад,
Мекунад ҳар кӣ хокро мурдор,
Мекунад рӯҳи покро мурдор!»
Чӣ кунам лек зиндагӣ ин аст,
Ақл не, ҷаҳл бар сари зин аст,
Дар лабаш ҳикмати зиёда ҳанӯз,
Маърифат медавад пиёда ҳанӯз...

---

[1] Ҷазо – ин ҷо ба маънои ҷоиза.

## ЗАБОНИ МАЙСА

**Бомбаҳои имрӯза ҳар куҷое битарканд, солҳои зиёде он ҷо сабза нарӯяд.**

Саҷҷодаи сабзи нафаси ишқшуморам
Хуршеди баринро,
Дарёи кафи фотиҳаи сабзгузорам
Уммеди заминро.

Дар моҳи ҳамал ишқи амалхези заминро
Дар ҳастии ман ёб.
Мастии заминро зи майи косаи хуршед
Дар мастии ман ёб.

Аз гармии эҳсос
Чун дар бағали ту битапад духтари наврас
Лаб дар бағали бӯсаву тан дар бағали тарс,
Дарёб тапишҳои заминро
Дар синаи хуршедии ишқи ҳаманорас.

Ман ишқи заминам,
Чун ишқи замин сабз бувад шири замин низ,
Тадбири замин низ,
Таъбири замин низ.

Абрам бидиҳад фотиҳаи обии Наврӯз,
Субҳам бидиҳад фотиҳаи нурии хуршед,
Боре чу ман, эй одами хокӣ,
Ҷонсабзи муҳаббат бишавӣ то сари нохун,
Шаб низ диҳад фотиҳаи шабнамии хеш,
Монандаи моме, ки супорад ба сад уммед
Гулдухтари худро ба канори гули домод,
Худ силсилае ашк, вале фотиҳа испед...

Тундар нашунидӣ?
Ин наъраи сурх аст, ки гардун зи гулӯ рехт
Аз нози тару сабзи замин гӯши заминро,
Бо панҷаи борон
Дорад силаҳо дӯши заминро,
Гӯё ки раги ҷони фалак пушта ба пушта
Тарпанҷаи шорандаву ларзона кушода,
Аз баҳри навозиш зи таги чодари абрӣ
Дуздида ба пистони замин панҷа ниҳода.

Гулхези замин нест, ки гулшарми замин аст;
Чун духтараки навраси нав бӯса чашида,
Аз шарм замин сурх шуда то ба баногӯш.

Аз оби навозишгари гардун
Обастанашу ҳуснкушоиш занона,
Бо докаи абре, ки диҳад дояи бодаш
Рӯ поккунон доғзудоиш занона...

Ҷони ту ки печида ба тӯри асаби туст,
Як нусха ба ҳампечии ҷони асаби ӯст,
Чун Мавлавии Балх ҳамаъсоби замин бош,
Бошад ки биёбӣ
Монанди ману Мавлавии Балх забоне
Якумра баранда,
Боре набуранда...

Эй бехабар аз ишқи замину дили нозаш
Бо ман назанад рӯй гар эҳсоси дили хок,
Тарсам, ки замин аз нафаси гарми муҳаббат
Девона шавад пок.
Оё битавонӣ
Аз ҷӯши ҷунунаш бинишонӣ?
Девонагаҳе сохтӣ оё ки заминро?
Ҷо дода паси панҷараҳояш,

Ҳамгунаи «девона»-и ҳақҷӯи сиёсӣ,
Ларзонда ба доруи сиёсӣ,
Яъне лагаду мушти саногӯи сиёсӣ
Маҳкум нишонӣ?
Ё оминазин[1] додаву мастона биронӣ?

Аммо, ту чунонӣ, ту чунонӣ, ту чунонӣ,
Эҳсоси дили хок чӣ гӯям,
Эҳсоси дили хеш надонӣ?

Он дам ки дилат дар ҳаваси бӯса биҷӯшад,
Сӯям назари шавқ кушоӣ,
Гоҳе бинавозӣ,
Гоҳе лабу абрӯй бисоӣ,
Паҳлӯ занӣ бо завқ
Бар фарқи сари ишқи замин чун ба ниҳолӣ,
Аммо дами дигар,
Бар ишқи замин теғ расонӣ,
Ё гову хари хеш чаронӣ,
Гову хари ту ишқи заминро
Чандон бичарад бо ҳавасу васвасаи гарм,
К-аз дидани он шавқи чаридан
Андар дили ту низ тапишҳо кунад эҷод,
Аммо ту чаридан натавонӣ, натавонӣ... Натавонӣ...

## РУҶӮЪ

Як даст то ба бозу,
Ду пой то ба зону,
Чун лӯлаҳо халида
Дар пушти пуштаву кӯҳ.

Ҷисме таламбаи зар[2]

---

[1] Доруе, ки ба бемолрони рӯҳ диҳанд

[2] Таламба-насос

Як даст дастаки ӯ,
Гӯшу даҳону бинӣ
Шуд новадони зарҷӯ.

Аз роҳи норавое
Бояд нафас барорам,
Ҷои садобарое
Аз пешу пас надорам...

Унвони муфтхорӣ
Бе зар куҷо харидам?
Сарномаи «Гадорӯ»
Бо сарбаҳо харидам.

Қиматфурӯши унвон
Гӯле магир манро,
То номи «Барда» додӣ
Бахшидамат Ватанро...

Савдогари диёрам[1]
Зарбози зарбаташвиш.
Сарбози сархӯрам ман
Биншаста бар сари хеш...

Ҷое ки кандаӣ лаъл
Пурхуни худ кунам соз;
Бо лаъли моӣ лутӣ
Дар сафҳаи қурунбоз.

---

[1] Инженер Журавко-Покровский соли 1894 аз маъмури Руссия дар Бухоро иҷозаи зарҷӯӣ дар Шугновро гирифт, пас аз муваффақият , дасисакорӣ ва билохира қарздорӣ на аз шоҳи Бухоро, аз генерал-губернатори Туркистон хоҳиш кард, то ба ӯ иҷозаи фурӯши кони тиллоро ба Инглистон ё Фаронса, ё Олмон диҳад. Аммо ӯ зарари фурӯши Аляскаро дар хотир дошт ва ҷавоби рад дод.

Аз маърифат барӣ бӯ
Ин ҷой дар сафи зар,
Дар хона бӯи пархош
Афшон чун кафи зар.

Теғе бараҳнае соз
Чун фитназои шашдар-
Дасти маро ҳамора
Дар гардани бародар...

## ҲАЙРАТ

Дина ки меҳмони рафиқе шудам,
Маҳшарае дидаму зиқе шудам:
Шишта ба ҳайрат таҳи айвони хеш,
Мушти замин хӯрда зи кайвони хеш.
Рӯи кафаш чӯҷаҳаки достак,
Дар даҳани чӯҷа муғелона[1] ҳак.
Чӯҷаи ҷон рафта чу фарёди ӯ,
Дар ду ҷаҳонаш накунад ёди ӯ...
Марди мушоҳид сухан аз сар гирифт,
Машғалаи достаки «ғар» гирифт:
– Ҷуфти парастуи ба ҳам ёри пор
Боз ба пар-пар шуда поринавор,
Ҷомаи нав дошт ба бар ишқи пир,
Чомаи нав дошт ба сар ишқи пир.
Сар ба сару пар ба пару чир-чирак,
Баргу бару бому дару чир-чирак,
Дум ба думу лаб ба лабу чир-чирак,
Субҳдаму зӯҳру шабу чир-чирак,
Чир-чираку чир чираку ҷуфти тухм,
Бар-бараку пар-параку ҷуфти тухм.
Ҷуфт ба ҷуфт омада ҷуфти дуто,

---

[1] Хори мағелон.

Чир-чири ду ҷуфтаки нав дар ҳаво,
Дона якеву дигаре обкаш,
Шӯр якеву дигаре хобкаш,
Субҳдамон шӯй шуд афтобкаш.
Шомгаҳон зан шуда маҳтобкаш...
Субҳдаме, лек шаб оғоз шуд,
Нола ба дил хайма заду ноз шуд:
Гурбаи поида яке пар гирифт,
Чанг заду достаки нар гирифт,
То ҳаю ҳоям бипарид аз даҳан
Гурба ватан сохташ андар бадан...
Ду шабу ду рӯз гузашт аз миён,
Чун таби шаб сӯз гузашт аз миён,
Бевапарасту дили дил доғ кард,
Ишқи ҷавон доғи дилаш боғ кард,
Ишқи наву бар ба бару чир-чирак,
Сар ба сару пар ба пару чир-чирак,
Дум ба думу лаб ба лабу чир-чирак,
Субҳдаму зӯҳру шабу чир-чирак.
Чир-чираку чир-чираку ҷуфти тухм,
Бар бараку пар-параку ҷуфти тухм.
Чӯҷаятимон шуда аз ёди мом,
Доми дами чӯҷаҳакон боди мом,
Ҷафтаниҳоданд[1] чунон ҷуфти нав,
Ҷуфта[2] ниҳоданд ба ҷон ҷуфти нав,
Шаҳвати сайёд чи хушдона буд,
Донаи бедонааш афсона буд,
Баччаи ин дом ки шуд дамгусор,
Дамдамачин[3] дона шавад дамгувор,
Дом ба дом афканад ар аз виқор,
Мӯҳраи меҳри дили модар шикор...
Модари навшӯ зи бурун мерасад,

[1] Качниҳод.
[2] Чоҳ ва гавди сӯрох.
[3] Ин ҷо ба маънои ҳиллагару хашмӣ.

Чир-чири ғамрӯ зи дарун мерасад.
Дар ҳаваси донаву оби наҳор
Чир-чирашон ҷар зада тоби баҳор,
Ногаҳ чун пораи рӯзи сиёҳ,
Мефитад аз лона яке бегуноҳ...
Шӯрчабин чӯҷаҳаки вопасин
Дар ҳаваси донаву домаш камин...
Эй фалаки пири пасу пешзан
Пешнавозу зи қафо нешзан,
Хам зада бо ҷумла бало тохтӣ,
Бо дили модар чи бало бохтӣ...
Чӯҷаи хушкома даҳан тоза кард
Мом муғелонааш андоза кард...
Хун ба ҷӯш омада дар чашми ман
Шуд даҳани чӯҷа дигар чашми ман.
Ҷаҳл, ки суннатшикани олам аст,
Оламу одам зи дамаш дарҳам аст...
Ҷӯраи ман ҷаври дигаргуна кард,
Хостаи достак аз буна кард;
Чанг заду лона ба каф бар гирифт,
Нори танӯраш ҳамаро дар гирифт....
Синаи ман буд танӯри дигар
Аз алави дури ба нури дигар,
Хашм чу дар синаам оташ гирифт
Суннати Зардушт ҳам оташ гирифт,
Дом шуда баҳри касон Ромяшт,
Дом таҳи дум зада Баҳромяшт
Ларзаи оташ ба даҳони танӯр
Ойинаи ларзаи ҷони танӯр,
Дар назарам бозии шамшер шуд,
Мушфиқиям боз гулӯгир шуд,
Даст задам шохаи таърихро
То фиканам раъша тану бехро:
– Модари тоҷик чӣ рафт аз хато,
Дода танӯрат ба дили худ пано?!
Мардумаи мардумаш ангиштбор,

Мисли танӯрат дилаш оташсавор,
Синаи танги ту кучо шуд сафед,
Чашми танӯри дили мо шуд сафед-
Марди ватанро ки ниго шуд сафед,
Дар дили ӯ ҷумла сиё шуд сафед,
Чун ватани хеш давад потиҳӣ,
Маърифат аз пеш давад потиҳӣ...
Сӯи Бухорои шарифи шариф
Дидаӣ оё ту ба соли касиф;
Хонаи дониш зи сутурванхиёл
Гашт сутурхонаи суннатшикол
Тори сараш чархзанон ҷуфтабол
Яъне, туюри зи филиз суфтабол,
Аз сабади чарх чу шуд байзакор,
Ҷони Бухоро ба катак зад мағор.
Тухми Бухору закари чархсош[1],
Байзаи таркандаи ӯ кард пош[2],
Тухми кабудаш нигаҳи ҳайрат аст,
Аз закари бесара дар хиҷлат аст...
Чунки «ситон» думрави «тоҷик» шуд
Наъраи «бистон!» зи таги дег шуд,
Моҳии он пир[3] ба соҳил расид,
Соҳили ин пир зи дарё бурид,
Вой аз ин маърифати яксара,
Яксар аз ӯ гашта ҷаҳон фарфара:
Як тараф Инсону Милал як тараф,
Ҷонибаке сулҳу ҷадал як тараф,
Ҳилагараш ҳуллаи[4] ӯ медарад
Ҳуллаи худ чаппа ба сар мебарад...
Ногаҳ таърих гулӯ тоза кард

---

[1] Гунбазҳо ва манораҳо

[2] Ишора ба бомбаборони ш.Бухоро дар солҳои Инқилоб.

[3]. Ишора ба гаҳвораи устухони моҳие, ки пири моҳигар (асари Э. Ҳемингуэ) ба соҳил расонидааст.

[4]. Ин ҷо ба маънои поҷома

Парваи[1] хун якпара парвоза кард:
– Робиаву ишқи баландаш куҷо
Нози ҷаҳонро диҳад аз худ раҳо?
Оламу одам чи ки, хуршедсо,
Бетамаъ овехт ба ишқи худо
Ишқи баланде. ки тамаъпош не,
Хӯи ғуломӣ патаки пош не!
Ишқи худо рустаи хӯи худо,
Ишқи гадо рустаи хӯи гадо,
Хӯи худоӣ ба худо мекашад,
Хӯи гадоӣ ба гадо мекашад.
Чашм, ки шуд сӯи тамаъ нимво,
Рав, ки гадорӯй гадоӣ, гадо...
То ба ҷаҳон халқи гадорӯ бувад,
Адли ҷаҳон Мушфиқии ӯ бувад,
Хобзада пеши гадорӯ шуда
Муфлиси ифлос аз ин рӯ шуда...

## ҲИКОЯТИ ПАДАР (Ё ТЕҒИ ХОБ)

– Дӯсти ман дар ҷавонӣ зан гирифт,
Як зани пурхоби ланҷу дан[1] гирифт,
Чун гаронҷон фарди даврон будааст,
Гӯиё хобаш ба тан ҷон будааст.
– Мардро сабр аст – гуфтам – ёри умр,
Меканад хобаш аз ӯ чун дори умр.
Аз туи доманбасар ёбад писар
Хобро дар хоб бинад то саҳар...
Сол нагзашту писар тавлид шуд,
Хонадонашро салои ид шуд.
Модар, аммо, кай салояш бишнавад,
Ширҷӯё гиряҳояш бишнавад:

---

[1] . Ҳар ғанимате аз ҷанг ба чанг ояд.

Нимашабҳо бонги кӯдак дар ҳаво,
Хур-хури модар нишонгири само.
Арраи дандони шавҳар дастхой,
Кундае афтода зан болои ҷой
Дӯсти ман мешавад бедорхоб,
Мекунад занро ба по[1] ҳушёрхоб...
Лек боре ҷони ӯ омад ба лаб
Оташи ҷавволае шуд аз ғазаб:
Ними шаб к-аз меҳмонӣ ворасид,
Рӯи суфа «меҳмон»-и тоза дид,
Мисли мӯ печида дар худ зор-зор
Гиря дорад пеши модар ширхор,
Сагчаи вомондаи сад кӯю дар,
Дар ялоқи худ надида хушку тар,
Хуфта пеши модари ӯ гарму нарм
Мемакад пистони ӯро гарм-гарм...
Мушт бар пешонаи худ кӯфт мард,
Ҳамсарашро пеши пои хеш кард.
Мард сӯи зан лагад меафканад,
Сагча сӯи мард ав-ав мекунад,
Ҳар кадар по афканад марди таҷанг,
Он қадар саг мезанад бар пош чанг...
Тифлро бигрифту мард аз хона рафт,
Аз диёри хеш бар бегона рафт...
Вой аз моми гаронҷони Ватан,
Дар лаби бегона пистони Ватан.
Нестӣ ту тифлаки нозам, Ватан,
Дар бағал андозаму тозам, Ватан!
Ин ватандорони танбедори ту
Маърифатхобанду фанбедори ту...
То ватандорон ба ҷоҳ овораанд,
Дар сиёсат кӯдаки гаҳвораанд...

---

1 Яъне лагад зада

## ТЕҒИ ҲИТЛЕР

Оҳангари шобоши сиёсат,
Паскӯчадави олами қаллоши сиёсат,
Шабгарди сиёсат,
Таърих нишонид сари оши сиёсат!
Ангушти ҳасад бурд ба дандону зи ҳасрат
Думғозаи худро бифишорид сиёсат
Бар доши сиёсат...
– Боре ту бигӯ шаҳри сиёсат, ки чӣ шаҳр аст?
– Шаҳрест, ки шаҳроҳаи ӯ тахтаи пушт аст,
Парвозгаҳи мушаки ӯ каллаи хунхор,
Бар нақшаи раҳҳош гар аз авҷ бубинӣ,
Ояд ба назар сурати хобидаи одам
Дастош кушода,
Поҳош фиканда.
Чун пайраҳаи кӯҳ раҳе пуштабадӯшест
Бо номи «Сутунмӯҳра» ки дар ӯ
Ҳамвора давон асту равон танкаву тӯбаш.

Дарёб дигар бор, дар ин шаҳр чӣ бисёр
Паскӯчаи торики хам андар хами пуркор,
Ҷӯҳош пур аз хун.
Шодоб зи хуноб шаҷарҳош,
Дар кӯча чароғаш,
Қандили қусураш зи назарҳост-
– Баркандаву овехта бин дидаи атфол...

Оҳангари шобоши сиёсат
Сандон бипазируфт сару путк дилашро,
Бардошт ватанрову битобиду бикӯбид,
Чандон ки ватан дар кафи ӯ шуд
Шамшери назарбози муҷалло,
Омад ба сари сахти Сталин!

Ҳоло бинигар кори фалакро,
Сар неву дунима шуда шамшер!
Сар сахт буд, оре.
Аз дил гузаронам,
Гар ҷумла заминро
Шамшер ҳамесохту мекӯфт бар ин сар
Дунима замин мешуду не сар!
Аммо
З-он рӯз ки Ҳитлар
Шамшер бубардошту бар асби сиёсат
Роне бифишорид,
– Аз домани Берлин
То банди гиребонаи Маскав
Бас шоҳу басе давлату бас шаҳр давиданд замонҳо,
Чун Мушфиқӣ андар таҳи шамшер пиёда,
Фарёд ба ҷон аз ғазаби Ҳитлару нафрин
Аҳсан ба забон сӯйи Ситолин!

## ТЕҒИ ЗАМОН

**«Пайрави ҳавас машавед, ки аз адолат бозмонед»**
**Қурон, Сураи Занон, ояи 135**

Чу хатти истиво теғи замон имрӯз
Бупиндорам, ба вустои замин хоб аст,
Чу хатти арзи зинда аз ду сӯи ӯ
Кашида ҷӯю дарёҳои заҳроб аст.

Чӣ ҷӯе, к-аз вуҷуди хоки ҳар миллат,
Бал аз шарёни ҳар фарди ҷаҳон бефарқ,
Макида шарбати шодии ҷони ӯ,
Кашонад сӯи шамшери замони ӯ.

Чи дарёе, ки давлатҳои якҷони бузургеро
Бурида мекунад кӯчак,

Ва давлатҳои кӯчакро
Паёпай чун кучукҳо бо ҳам ангезад...
(Навола ҳар қадар хурд аст,
Бувад балъиданаш ҳам он қадар осон!..)

Шабу рӯзе, ки мебинам,
Ду путки панҷаи оҳангари вақт аст,
Ки бо навбат фурояд рӯи ин шамшер,
Барои обу тобаш мерасад хун сӯи ин шамшер,
Мабодо соати пайкори дунёсӯз
Бирезад обрӯи ҷаҳл аз оби рӯи ин шамшер!
Замину зиндагонӣ зинда монад боз,
Ба сӯзу бо алам таърих хонад боз.

Дилам сӯзад барои ҳикмати тоҷику ҳинду зор,
Ки олам то ба одам боз карда синаи сабзаш.
Ба дунё чун насими навбаҳорон рӯй меорад,
Дилашро менавозад гарм,
Вале дунёкушон аз боби ин ҳикмат
Ба ҷӯи хештан ҳам мекашонанд оби ин ҳикмат.

Дилам хоҳад, ки ҳар пора замин имрӯз
Диле гардад, дили гарми ҳакими Ҳинд,
Ва ҳикмат рӯяд аз ҳар пораи ин хоку орад бор
Ба монанди ниҳоли себу ноку нор,
Ки одамҳо хӯранду таъми ҳикматро
На бо дандони дониш,
Бо даҳону бо шикам фаҳманд,
Ки чашмони сиёсатбозҳое гушнааст имрӯз аз ҳар рӯз,
Ва чашми мардумоне низ...

Шавад имрӯз панду ҳикмати дунё либоси нағз,
Шавад мошинаву мансаб
Ва ё дарёи зар гардад, ки пеши дидаҳо ҷорист...
Дигар он рӯз бинӣ гармии бозори ҳикматро,

Басе ҳикматфурӯшон ҳам яке ҳушёр мегарданд
Ва ҳикматро азизи хона медоранд.
Ва ӯро аз сари ҳар минбар арзон ҳеҷ кас савдо
нахоҳад кард...
Чи дунёе,
Ба монанди муҳаббат маърифат хор аст,
Ба монанди ҳақиқат маърифат хор аст!

Чу хатти истиво теғи замони мо
Бупиндорам, ба вустои замин хоб аст.
Чу хатти арзи зинда аз ду сӯи ӯ
Кашида ҷӯю дарёҳои заҳроб аст.
Чи ҷӯеву чи дарёе, ки пойи рӯдапоро ёд медорад
Ва рӯзу шаб
Ҳақиқатро кашонад сӯи ин шамшер,
Муҳаббатро кашонад сӯи ин шамшер,
Либосу ғозаи ҳар духтари дунё,
Саводи тозаи ҳар фарди дунёро,
Наволатҳои нағзи тифли оламро зи хони ӯ,
Ғизои тифлакони батни модарро,
Ва тифлони фаросӯи сари моро,
Ки дар батни ҳавасҳои ҷавонон гарм меҷунбанд,
Кашонад сӯи ин шамшер...

Ҳароси ман аз он рӯзест к-ин шамшер хезад рост
Чу раҳбанди раҳи мошин
Ба ногаҳ рӯи роҳи зиндагии мо.
Ва ё ин теғи заҳробӣ, ки болои замини зор
Дароз афтодаву худро гаронтар мекунад ҳар дам,
Биёбад бори марги ҷовидонӣ ҳам
Заминро ногаҳон монанди тарбуз ду қалам созад?
Ҷаҳони ҷовидонӣ Мушфиқии потиҳӣ гардад,
Замини зиндагибардӯши сабзи ишқгонӣ Мушфиқии
потиҳӣ гардад
Ва зери теғи давронбози дунёсӯз
Ба лабҳо марсиятҳои сари дунё

Давад дар кӯи нури Каҳкашон бо сӯз...
Валекин ку Бухорое,
Манори ӯву гунбазҳои сабзаш дар дили гардун,
Ки чун бинад варо ёбад замин умри дигарбора
Чуноне Мушфиқӣ дарёфт умри нав
Зи дидори манору гунбази сабзи Бухорояш...

Дигар теғи хаёле бар сари ман ман соя андозад,
Чуноне бар сари ҳар шоире дар ҷумла давронҳо,
Ки болои сари ҳар фарди дунё низ теғе мекунад ҷавлон
Ва ҳар фарде мисоли Мушфиқии бехабар аз қисмати
охир
Даводав дорад андар зиндагонӣ то сари гӯраш...

Чи бошад, як саҳар аз ҷой бархезам,
Биёбам ногаҳон ин теғи ҳавлангез
Чу шаҳсатре ба пойи Қаҳкашони нури нури нур,
Ба дасти силагори ҷумлаи одам бадал гашта,
Сари сахти заминро ҳам навозиш мекунад бо меҳр.
Ва чашмони Замин рӯ ҷониби тифлон
Чу чашмони зани аз чордарди худ раҳо хӯрда
Шуда равшан...

Худоё, бо адолат рӯ ба рӯ будан,
Ҳанӯз ин қадр душвор аст,
Ба марги хеш гӯё рӯ ба рӯ меояд ин мардум.
1984-1989

# ЛОЛАСТОН

***(Ё таърихи мухтасари халқи тоҷик
аз асотир то имрӯз)***

Не сели баҳорам буд, не соли баҳорам буд,
Не моли баҳорам буд, не боли баҳорам буд,
Барфина хаёлам буд, барфина ҷалолам буд,
Барфина савобам буд, барфина ваболам буд.
Бо номи Ватан лола, бикшода даҳан лола.
Фарёди бақо мезад рӯ ҷониби ман лола,
К-эй лолабаҳори ман, ҳамнола баҳори ман,
Имрӯза баҳори ман, бесола баҳори ман
Бозой, ки поям ман, бо рӯи ту зоям ман,
Не аз даҳану чашмат, не аз ҷигар оям ман...
Чун бар шудам аз ҷоям, дар хобаму танҳоям,
Мешуд ба ҳаво номам аз лолаи овоям,
Хок Айранавайҷобӯ, бод Айранавайҷобӯ,
Об Айрнавайҷобӯ, нур Айрнавайҷобӯ...

* * *

Хӯи хокаш бирабуд,
Сӯи покаш бирабуд,
Тухмаи лола пайи саҷдаи хуфтан бифитод,

Масхарабозӣ зимистонхӯраи масти баҳор,
Офтобаш ба сари дасти баҳор,
Кафи хоке ба сари тухма фиканд,
Тухма нуре зи дили санг биканд.
Боду обаш бизад аз ишқу супурд
Ба дили кӯраи оҳангари тобистонаш.

Коваи тобистон,
Путки нураш, ки башорат ба пазидан медод,
Домани чарми даҳанпӯш ба дӯш
Лахта – лахта ба сари шох фитод,
Даҳани неъмати пойиз дариду бигузошт,
Ҷоми Ҷам лолаи биноӣ кошт.

Тирамаҳ барги ҷаҳонро ба сари дор гирифт,
Ба парешонзадагӣ кор гирифт,
Тухмаро ёр гирифт.

В-он маҳи тӯдакаши кавкабҳо,
Соябозе ба ҳарими шабҳо,
Пунбаи оҳи заминро на чу як ҳола шинохт,
Хирмани хола шинохт.
Баҳри кампири зимистон
Ҳама шаб бофт кафан.

Ларз-ларзон
Гаҳ ба зону задаву гоҳ ба пушт,
Ҳарфи барфаш зи даҳан афтода,
Гӯшаи докаи оҳаш
Печи пояш хӯрда,
Ба сари пушта зимистон бирасид,
Рӯи тухма бифитод,
Рӯи тухма ҷон дод,
Чӣ кунад бечора
Саратони хун буд,
Аз даво берун буд.
Ба сари тухма вуҷудаш пӯсид...
Зери пӯсидаи андоми зимистони хунук
Пайи як хандаи сурхи ҷигарии озод
Тухма ҷон мепоид,
Балки ҷон мезоид.
Тухмае буд, ки аз пушти гул аст
На ки аз мушти гил аст.
Мағз-мағзаш бӯи ребосӣ дошт.
На ки аббосӣ дошт.
Пайи н-озурдани ҷон,
Бегуноҳӣ рӯид...

* * *

То чашм кушод лолаву олам дид,
Озодии абр диду боду хуршед
Дарёфт, ки ҷонфидоии озодист,
Рӯидани беғараз ба дунёи умед.

* * *

Бе Рост Дурӯғ чокарат буд,
Ҳон, Рост кунун ба хидмати туст.
Дар ҳайрати Меҳр ишқи Ноҳид
В-ин обу наботу зан кати туст.
Чун моҳии тоба метапад бод,
Войу бадар о, ки соати туст.
Омези Варахран асту Арта,
То нур кашида шаҳвати туст.
Динзоии ту на баҳри бод аст,
Худзоии беишорати туст.
Ҷамшед ба лоладӯзии дил,
Зартушт ба фарри фитрати туст.

* * *

Кӯҳи танаш зад алвон аз лолаҳои бӯса,
Сарҳуйии лабам бин дар ёлаҳои бӯса.
Гулчини лоладаст аст, чун хуни лола маст аст,
Бехуд давад зи пушти қинғолаҳои бӯса.
Аз шарми бӯсаи сабз сурхида то баногӯш,
То зову ҷар парида ҳамсолаҳои бӯса.
Доманкашон зи пушти лаб дашти домане хест,
Аз баҳри маҳри бӯса чун холаҳои бӯса.
Теғи тағои абрӯш болонишину камҷӯш,
Теғи ваколаташ каҷ то колаҳои бӯса.
Табларзаи ҳавасҳош овард сӯи ҳазён,
Доруи табшикан шуд табхолаҳои бӯса.

* * *

Ӯ кист ки зиндагӣ кунад бо худи худ,
Озодии бандагӣ ба по то худи худ,
Бар лола нигар саломи Зардушт барад,
Чун нур, ки мебарад Ашо то худи худ.

Зардушт расиду лола дар нур гирифт,
Аз тира ба худшиносие ҷӯр гирифт.
Бар ҳамсарии модару фарзанд гирист,
В-аз додару хоҳар ҳамсарӣ дур гирифт.

* * *

Фалотун руст аз нурат ба Юнон,
Нигоҳаш лолачини чархи гардон.

* * *

Лола ба лола мезанад боди Курушу Томирис,
Сер нашуд ба хики хун чашми Сикандари гиҷис.
Ҳазм накард лоладил хуни ҷаҳонситони ӯ,
Лола ба бинӣ кишту рафт аз раҳи Ҳинд ҷони ӯ...

* * *

Он зан, ки лаби лаъли Ватанбӯс надошт,
Пиндошт, ки лаъл хезад аз лаълии ноф.
Чун лола сари Сапетамонро бардошт,
Бигзошт ба пойи шери Юнон паи лоф.
Занро таҳи рони лашкари хеш гузошт,
Бардошт баҳои зани сарбозхилоф...

* * *

Фазое ки фарҳанги Кӯшон кушод
Ба Руму ба Юнон сари тоза дод.

* * *

Доғи Сикандарӣ бишуст аз дили лола Оли Ашк,
Боли Вариғанӣ кушод Оли наве зи боли Ашк.

* * *

Чун оби калом аст ба ҳусни рухи лола.
Ҷуз бӯса ҳаром аст ба ҳусни рухи лола,
Ноҳид зи дарёи ҷамоли ту хӯрад об,
Сосон, чӣ мақом аст ба ҳусни рухи лола.

* * *

Ҷамоле лолаи Монимисолаш,
Кашид аз нури Зардушту камолаш,
Зи хуни Балху маври Ҳинду Юнон
Гулоби лола ҷорӣ дар маҷолаш,
Канишко тухмаро з-ин лола корид
Ба Ҳинду Чину Ҷопону маолаш.
Таҳаммул риштаи андеша то ёфт,
Муҳаббат зад ба зиндони висолаш.
Ҷалоли Монӣ ин ҷо монд маҳбус,
Дили Юнон мунаввар аз ҷамолаш.
Чу Маздак бонги озодӣ дар ӯ дод,
Ба дораш руст як коҳи ҷуволаш.
Дили Маздак диройи лолаи Рум,
Дили мо шуд вуҷуди каҳкашолаш.

* * *

Хуршед зи зулмат, ки бурун меомад,
Бегона дилаш кош ба хун меомад.
Салмон, ки ба Қурон нури Зардушт кашид
Бе ҷаҳли араб кош дарун меомад.
Мансур чу ғунча газад ин рози ба мӯҳр,
Кай бар сари дор лолагун меомад.

* * *

Ба даври ҷоми лола давра гиред,
Шароби абри найсон оварам рез.
Чу бошад ҷоматонро реша дар хок
Биҳишти ҷонатон ояд Ватанхез.

Танӯри лола чашми чарх бӯсид,
Муқаннаъ аспи оташ дод маҳмез.

* * *

Осмон ёри замин буд, набуд,
Қисмати мо ба камин буд, набуд.
Ҷомаи лола ба дӯши дили мост,
Ҷоми мо ҷомаи дин буд, набуд.
Зиндагонист ҳамин, мегӯянд,
Зиндагӣ низ ҳамин буд, набуд?

* * *

Лола зебоии ҷигархун аст.
Набувад поймоли ӯ осон.
Доғи Бағдод Лайсу Тоҳир шуст,
То бирӯид лолаи Сомон.
Баъд аз ин боми номи тоҷик зад,
Такя бар чор Бесутуни асил.
Бӯалӣ буду буд Берунӣ,
Тусие буду буд Исмоил.

* * *

Лола ба лола медиҳад рӯю лабу даҳони ту,
Лолабадӯш меравад шонаву ҳушу ҷони ту.
Пушта ба пушта лола шуд аз пайи лола тифлиям,
Лола шуда ҷавониям дар бағали ҷавони ту.
Чашм ниҳода бар фалак ақли далелҷӯи ишқ,
Эй ту далели осмон шишта дар остони ту.
Дида ба хоб пуштаро лолаи шаҳр доғ зад,
Лолаи дил чи мекашад дар ҳаваси карони ту.
Оякаши биҳиштҳо чун вараҷи саҷода хушк,
Монда чу бӯсаи ту тар ояи лолахони ту.

* * *

Даҳани фалсафа ин ҷо боз аст,
Чу даҳони лола.

Хуни Хайём хати парвоз аст.
Ба равони лола.
Парчами рустаи хоки адам аст,
Ҳудаи беҳуда.
Фалсафа сафсатаро дар қадам аст,
Судаи бесуда.

* * *

Ҷони ҷавшанпӯши дарё,
Рост шуд ҳамдӯши дарё,
Рӯ ба рӯ омад ба саҳро,
Рехт дарёе ба дарё.
Ҷанги хушку тар бапо шуд,
Хушку тар аз худ раҳо шуд.
Чашми гардун пур шуд аз рег,
Чашмаи хун пур шуд аз рег.
Асбу уштур хонд Қурон,
Бо забон неву ба дандон.

* * *

Лолае хандид: – Балхии рашид.
Руму Рай бигрифту Ҳинду Чин кашид,
Фикри ту бепар чу бӯи ман фитод,
Зери домонам тапиду орамид.
Лолаи нофат бурид аз нофи мом,
Нофи мағзат ҳам аз ӯ бояд бурид.
Шири модар медиҳад мӯҳлат сафед,
Халқи пистон чанд мебояд макид.
Ту ҷанинӣ, ту ҷанинӣ, эй ҷаноб
Гарчи ришат низ то нофат расид.
Хунӣ, андар хунӣ, андар хуни хун,
Кай ту худро зодаӣ аз нав чу ид.

* * *

Ёде ки дар қаламрави Чингиз нишаста буд,
Афсӯси нури ишқ кашиду сафар гирифт.

Хуршедро зи чашми тари мо шинохт гарм,
Афлокро зи синаи мо бозтар гирифт.

Хуршедро тафовути ёди Замин набуд.
Метофт, ончунон ки битобад ситорарo.
Дилгармтар зи дидаи мо хонае наёфт,
Дилбозтар надид фалакро зи боми мо.

Пушташ кабуди химчаи нури ситора монд,
Баски фалак бо тангии сардаш фишурд беш.
Дар сандалии синаи мо пой бурдааст,
Дорад ба чӯғи лолаи дил дасти сарди хеш.

* * *

Маяки лола монд чун таҳи меғ,
Роҳгум зад сафинаи Юнон.
Миср аз обастани дигар вомонд,
Рим афтода шуд зи чашми ҷаҳон.
Мағзу дил монд аз тапиш, аҷабо!
Тан ба таппиш даромаду бархост.
Шиками ин ҷаҳон даҳон во кард,
Нутфаи бомба андар ӯ шуд рост...

* * *

Арӯси сафедаро хумори лола гирифт,
Ва пардаи шабро дарида,
Бо либоси шаб, ки аз гиребони бозаш.
Доғи бӯсаҳои домод ба сари синааш метофт,
Пойи луч,
Аз бағали шоҳи Хуршед.
Ба пуштаҳо гурехт.
Мӯйи зарди сапедабӯси таги сари домод мондаи ӯ
Ба кашиш даромад,
То Хуршед бедор шуд,
Ва давид аз паи Сапеда.
Суросури ширини арӯсу домод оғоз гирифт.

Сапеда,
Раҳ ба раҳ лола меканду мегурехт...
Ва ногаҳ,
Ба бистари ғуруб пешпоӣ хӯрд,
Чу Хуршедаш дарёб кард,
Лолаҳои шафақӣ аз бағалаш
Ба домани гардун пош хӯрданд...

* * *

Лолаҳои чамани гаҳвора,
Хандаҳои дахани гаҳвора.
Ҷони нози бадани гаҳвора.
Чашми бози Ватани гаҳвора.
Мондаи батни тани гаҳвора.

Шири модар сабақи мактабашон.
Роздори варақи машрабашон.
Бӯсаи раъди замон дар лабашон
Ларзаи хонаи ҷони табашон,
Ҷилваи динаи рӯзи шабашон.

Зоча ногуфта Ватан зоча шуда,
Очаро хӯрда камон оча шуда,
Сари дасти ҳамагон поча шуда.
Пойи гаҳвора, вале, мехи замин.
Кундаи пой шуда бехи замин...

Роздорони фалак роз кунанд,
Осмонро ба замин боз кунанд,
Нози гаҳвораи мо ғоз кунанд.
Чӣ кунам, лола ба ҷуз хун нашинохт.
Чӣ дарун дид, ки берун нашинохт.

Лолаҳои чамани гаҳвора,
Хандаҳои даҳани гаҳвора,
Ҷони нози бадани гаҳвора,

Чашми бози Ватани гаҳвора.
Лолае дар кафани гаҳвора...

* * *

Гар Худовандам диҳад дарёи нур,
Нури нав рӯёнам аз дунёи нур.
Ин ҷаҳон бӯсад ҷабини нури ҳақ.
Гар лаби ишқ оварад то пои нур.
Батни сар, донӣ, сатарван аз чӣ монд,
Роҳгум шӯи тафаккурзои нур.
Аз садои нур ғофил то ба кай.
Осмонҳо пур шуд аз ғавғои нур.
Эй ки чашмат хирабини чеҳраҳост,
Чашм пӯшу бин ба чашми вои нур.
То ба ҷони ҳусн пинҳон нури ҳақ,
Лолаи ҷонат лабамро нои нур.
Ҳар кӣ роҳе зад суи нури Худо.
Ман ба дунёи вай аз савдои нур.
Раҳравӣ дар дашти зулмат мушкил аст,
Бас гаронтар лек дар саҳрои нур.
Мезанад саҳро ба саҳро савти сурх
Лолаи вай аз парешонрои нур.
Хокбарсар лола буд умре дароз
То сабоҳе бӯсад аз лабҳои нур...

* * *

**Бигӯӣ, мегӯям аз ин дар сухан.**
**Ватанро макун хун, ки пӯшам даҳан.**
**Манам, ки туам, бо манат лаб газӣ,**
**Ватандушманамро чӣ гапҳо пазӣ?!**
**Ту рӯи ҳадисам ба мардум мадор,**
**Ба гандумнамоён ҷаве ёд ор,**
**Ки чашми дигарҳо на дар зери пост,**
**Зи тифлии хӯят маломат ҷудост.**
**Чӣ кардӣ ту бо лолаи Ҷоми Ҷам,**
**Абистои лола чӣ бастӣ рақам?!..**

Бадахшони лаъле, ки дар сина зод,
Чу лаъли Бадахшон ба ғорат ниҳод
Зи Рашти ҳавасҳо ба дашти ҳавас.
Чу себи замин киштгашти ҳавас,
Чу Хубон қапидаш ба бозӣ ҳаёт,
Чу Хубон газидаш ба рози наҷот.
Ба бозуи дониш чу камсоя монд,
Зи Хатлони бозу чи каммоя монд.
Зи Вахшони Вахшури ҳикмат чӣ баст,
Чу ҳикматфурӯше, ки бодаш ба даст.
Ҳисори муҳаббат ба ҳайрат муқим,
Дили Ҳасрати ӯ Паривор ним.
Зарафшони андешаи бодгар,
Суханро даруну бурун дод фар,
Нигоҳаш, ки буд аз паи ҳарфи нав,
Парида паси ағбаи барфи нав.
Раҳаш ағбаи барфи мансаб гирифт.
Маҳи ӯ маҳал дар таби шаб гирифт.
Хуҷанди сиёсат шиёри шиор.
Сиёсат шикори шиори шиёр,
Зи шаҳри供 бародар равон бигзарӣ,
Зи шаҳри сиёсат гумонбигзарӣ.
Гузаштан ба покӣ аз оташ хуш аст,
Алоби сиёсат на он оташ аст.
Сиёвуш дар он ҷо гузашт аз алоб
Дар ин оташ, аммо вуҷуде кабоб...
Дуои Худову Ватан пок зод,
Қадам бо Худову Ватан пок бод.
Вуҷуде бубинӣ, ки дорад ҳама,
Саре ноҳувайдо нахорад ҳама.
Сари тухм пушти маҳал коштан,
Паси хеш пеши Ватан доштан.
Чӣ хунрез омад маҳалхезияш.
Ки хун шир шуд дар куҳанрезияш.
Битарсад зи тифлӣ раҳонад дилаш,
Кай инсони комил дамад аз гилаш,

Кай аз нофи модар канад нофи худ,
Ки парпечи хоб аст дар лофи худ.
Ту беқибла бин, оқибат қибла зод,
Ба меҳроби хунлолааш сар ниҳод.
Бар ин қиблаи хун шуда якнамоз,
Дили арзанаш дар намози ҷувоз.
Хурӯси сари дӯши алломаҳо,
Ба солеш тухмеву ҳангомаҳо,
Ки ҷеғаш зи пешу зи пас гандазан,
Бузургон ба пеш, ӯ ба пас рандазан.
Зи бас бадзани нози он дӯшҳост
Хурӯшаш ба гӯше, ки попӯшрост
«Башар!» дар лаб асту маҳал дар ҷигар,
Ватан дар миёна касал дар ҷигар.
Тафовут бубин, аз куҷо то куҷост,
Заифӣ бубин то куҷо мурдазост.
Ватанноз яксар дарун лолахун.
Маҳалбоз аксар бурун лолагун.
Чу лола ба барги тан арчи ҷудост.
Чу лола, валекин, ба хун ҳамқабост.
Ба ҷуз ҷоми лола надорад ба даст.
Ба Ҷоми Ҷамаш нӯшбоде набаст.
Зи нозиш ба дӯзах шуда ҳомила,
Биҳишташ зи дӯзах надорад гила...

* * *

Лолатифлонро магӯед,
Лолатифлонро биҷӯед...
Домани модар гирифта ҳамчу домони замин
Лолаҳо дидам гуреза;
Аз дили мили камонҳо мегузаштанд,
Аз дили мили гумонҳо мегузаштанд.
Сояи ҷар сояи дасти Худо буд.
Шевани дарёву наҷвоҳои саҳро,
Навҳаи пасти Худо буд,
Аз дили бамби замонҳо мегузаштанд...

Аз ғиреви инфиҷори бомбаҳои бомбабозон.
Низ меларзид оё гӯрҳои бомбазоён,
Чун дили сарди шумо?!

Оре, оре,
Андаруни ҳотаи пироҳани модар
Бо дили гарме агар рустед дирӯз
Модари мили камону инфиҷори бомбаҳое
Бо дили сарде шуморо зода имрӯз,
Дар Фиғонистону истонҳои лабдӯз,
Ки садои тираҳошон мерасад то гӯши Аҳмадшоҳи
Масъуд,
Дигаронро гӯши тира пур зи тири тирасӯз...

Бахт ҳам андоза дорад бастаи ҳоли замонҳо,
Лолаҳо дидам ятиму лолаҳо дидам шаҳид...
Эй камонзодон!
Шуморо ёртар омад саодат
Дар қиёси лолаҳое, ки ятиманд,
Аз ятимоне, ки модарҳояшон гӯранд дар мили камонҳо.
Лолаҳое, ки падарҳоро ниҳоданд,
Андаруни гӯри мағзи бомбабозон,
Ҳамчунон дар мақбара.
В-ин ятимонро саодат ёртар буд,
Дар қиёси лолаҳое, ки шаҳиданд,
Дар дили гӯри камонҳо нопадиданд...
Ин камондӯшони олам не камонҳо,
Гӯрҳои куштаҳои хешро бар дӯш доранд,
Бо Худо ҳам ҷангро дар ҳуш доранд.
Бо камондӯшон магир осон.
Нест осон бурдани тобути худ бар дӯши дил то гӯри
худ...

Аз қафошон ашки сӯзони ятимон
Мекунад таъқиб чун сурби ҷаҳида аз камон
То дари Кофи Анону осмон...

* * *

Дили ҳар кас ба миллати худ сӯхт,
Сӯхтам ман ба миллати лола,
Рондаи лолашаҳри бобоӣ,
Хондаи колашаҳри саҳроӣ.

Пушти харсангу дар дили заву ҷар
Рустанаш буду ифтихораш буд.
Пуштаҳо ярҷ, сангҳо пар дошт.
Тозарӯии зор-зораш буд.

Ӯ, ки худ буд каломи яздонӣ
Бо каломи Худо зи раҳ бурданд.
Лолабозони шаҳрии хунсард
Лоларо канда шаҳри маҳ бурдаанд...

Майи оташ ба набзи тир давид,
Теғ девона шуд, камон бангӣ,
Рӯдаи шаҳр салла шуд ба сараш,
Шуд тиҳипову лола шуд зангӣ.

Лоларо навхумори кӯҳ гирифт.
Зад чароғак ба фарқ бамби бурун.
Панҷаи кӯҳ ба доманаш нарасад,
Пок созад даҳони хун дар хун.

Кӯҳу пушта паноҳгоҳаш нест.
Реша бояд давонд дар оташ.
Мон, ки гарданд чашмаҳо раги нур,
Лола дар нур бингарад Ватанаш...

* * *

Эй дил, ки ҳазорсола узлат шиштӣ,
Шиштиву хаёли офаридан куштӣ,
Чун лола ба як пой ба олам овез,
Ҷуз пушти Ватан ба худ наёбӣ пуште.

* * *

Гар ҷаҳли туро мағзи сарат ампариё сохт,
Озод нагардӣ зи ғуломӣ ба ду олам,
Империяи ҷаҳл ба мағзат, ки шикастӣ,
Империяи лола кашад қад чу қади Ҷам.
Империяи барф кунад хидмати лола,
Мағзаш, ки набастаст раҳи рӯиши пайҳам,
Озода бирустаст ба ҳар боғ фитодаст,
Бо доғи ғарибӣ натафидаст ба мотам...

* * *

То чароғон нашавад лола ба ҳар боғи ҷаҳон,
Халқи олам бикашад дар дили худ доғи ҷаҳон.

1996

# ТАҶОВУЗИ НУР

## ТАҶОВУЗИ НОБОЛИҒ

Гӯётар аз нигаҳ буд лабҳои гиряпӯшаш,
Пистони дил ба лаб дошт чашмони синадӯшаш,
З-он чи шунида лабҳош гӯши забон кашида,
Ҳарфи Худо наёрад гуфтан забони гӯшаш.
Гӯши замин дарун зад, гӯши фалак бурун зад,
То гӯши чашмашон дид ларзи лабони дӯшаш,
Пӯшад ба домани барг осема ғунчаро нахл,
Бишнида гӯши реша войи ҷудойи ҳушаш.
Дӯшизаҳои сабза печида гирди лола,
То доғашон бигӯяд имрӯзҳо зи дӯшаш.
Баҳри Ватан фурӯшад номус духтар он ҷо,
Номуси ӯ дарида ин ҷо ватанфурӯшаш.

## ТАҶОВУЗИ ҚОНУН

Ба олам ҷор зад қонун, ки «зӯрам,
Ба номусу шараф пушти ҳузурам!
Касониву расониву пасонӣ,
Масониву хасониву фасонӣ.
Ҳама дар чашми ман якранг бошад,
Ҷаҳони чаправам дар чанг бошад!
Таҷовуздида бинӣ ҷумла сарҳад,
Чу сархат монда дар ман лек сармад!
Таҷовузро, ки хун хандад ба тирам,
Зи тахти бахтгираш рахтгирам!».
Вале қонун таҷовуздидае буд,
Гули лола зи хунаш чидае буд.
Таҷовуз дид чун дар мактаби хеш,
Ба дунё зад дил аз ҷӯши таби хеш.
Кунун қонун на ҷангалзоди данг аст,
Ки мактабдидаи шӯхи Фаранг аст.
Таҷовуз мекунад сарҳад ба сарҳад,
Зи хуни сарҳадаш ҷомест дар ҳад.
Ҷаҳонро мебарад сӯйи тараққӣ,

Зи хунаш мерасад бӯйи тараққӣ.
Чу қонун аст акнун даҳрдида,
Ба печопеч дида чархи чида.
Зи коҳил, в-аз гадоӣ рӯйтоб аст,
Ба сӯйи қаҳбагӣ абрӯйтоб аст.
Ба даҳлези сиёсатҳо сурунтоб,
Ба кӯйи танги заҳматкаш дарунтоб.
Ба дасти зӯргӯён нарму гарм аст,
Сари бечораҳоро барфи Ғарм аст.
Ба базми зӯр дорад рақси урён,
Чи урёнгар бувад дар назми Деҳқон!
Чунин рӯву чунин хӯву чунин ранг,
Бихон рӯйи варо аз ҳафт фарсанг!
Чу инсон нест комил, чун бувад, чун,
Ки комил зояд аз ӯ ҷони қонун.
Худоё, бошад инсон комил ояд,
Ки қонун аз бадан бар дил гарояд?...

...Вале дил ҳам ҳавоҳоро камин аст,
Талоши зиндагӣ рӯйи замин аст...

Жаконвар буд қонун ҳам таҳи дил,
Чу оби шавқи ҳарсӯзан каҳи дил.
Ҳаме гуфт: – «Ай ту савдоии гардун,
На ту будӣ таҷовуздори қонун?!
Салобардори аввал ҳам ту будӣ!
Таҷовузкори аввал ҳам ту будӣ!
Таҷовузҳои дигар аз паси туст...
Таҷовузкори олам ҳам каси туст...»
Жаконашро жакон зад ногаҳон дил,
Ту гӯйӣ буд тилсимхони ҷон дил.
Ки: – «Эй мӯри пайи пойи ҳама кас,
Чу кирмӣ, бал, ҷигархойи ҳама кас!
Ҳанӯз одам ба ҷангал буд чун буз,
Намекардам гар он ҷоят таҷовуз,
Ҳанӯзаш рамхӯр аз қонуни ҷангал,

Ба зӯрон хамхӯр аз қонуни ҷангал!»
Яке қонун жаконханди нагун зад,
Ба ҷисму ҷони дил заҳри дарун зад.
Ки: – «Эй сода, нигоҳат нур бурда,
Чу аз хас оташ аз ту нур хӯрда!
Чӣ ронӣ фарқ аз инсони аввал?!
Ҳанӯз ӯ зинда бо қонуни ҷангал!!
Зи озодии ҷангал ёдат ояд,
Чӣ оҳе сабз аз бунёдат ояд!
Ба коми хеш «созӣ» ҷумла олам,
Чу олам ком гирад, гирадат ғам,
Таҷовузро зи нав гирад хуморат,
Бихезад инқилоби нав чу дорат.
Туро чашме ба ман, чашме ба дин аст,
Вале дастат ба пое нозанин аст!
Чу рони нозанинҳоӣ ба ларза.
Миёни куфру динҳоӣ ба ларза!
Бисозӣ дину пӯши чун калӯшаш,
Ба гӯши мардум овезӣ чу гӯшаш.
Кашӣ инсӯву онсӯҳо биронӣ,
Ба хони хуни ҳамдигар бихонӣ!
На танҳо ман, Худо созӣ ба хӯят,
Нигаҳ пӯшӣ, чу ояд рӯ ба рӯят!»
– «Гузаштӣ аз ҳад, эй Қонун, гузаштӣ,
Таҷовуз мекунӣ моро ба зиштӣ!
Ба чашми халқ расво мекашиям,
Ба шаттоҳӣ кучоҳо мекашиям?!
Ки инак, бо Худо ҳам даст бурдӣ,
Чу мову худ Худоро паст бурдӣ!»
– Бале, ман бо худоят меситезам,
Худои худрубоят меситезам!
Вале на бо Худое, ки дар ин хок,
На ту ёбӣ, на ман ёбам ба идрок!
Ба он сӯйе, ки нашносӣ, чӣ пӯйӣ?!
Ба ман аз ношиноси худ чӣ гӯӣ?!»
– Гузаштӣ аз ҳад, эй Қонун гузаштӣ!

Ба додат мекашам бо чормуштӣ!
– Маро?
Яъне, туйӣ аз ту бурунро?!
Бурун аз ту, вале дар ту дарунро!?
– Ту-ман?!
– Оре!...
– Аҷаб...
Донам ҷаҳонро,
Намедонам ҳақ аз ӯ то гумонро?!
Зи гавҳардориям дигар чӣ хезад,
Ҳамон беҳ ки маро дар ман бубезад!
– Таҷовуз кардаӣ худро чунон беш,
Ки мурда гавҳарат садсолаҳо пеш!
– Дурӯғи дигаре, дидӣ ки чун рафт,
Чунон пинҳон, ки ҷон дар ҷони хун рафт!
Дар ин олам куҷо гавҳар бимирад?!
Ки он дунё ҳам ин гавҳар бигирад!
– Магар гавҳар ту танҳо дорию бас,
Ки гавҳар дорад ин ҷо ҳар касу хас!
Бимирад ҷумла бахри гавҳари хеш,
Чи гавҳарҳо кашад пойи дари хеш!
– Аҷаб!
– Оре!
– Хасу гавҳар! Чӣ ҳарф аст!
Ба тобистон парида гарди барф аст!
Ту медонӣ, ки гавҳар чист?
Ё раб!
Ки ӯ фарқе шиносад рӯз аз шаб?!
– Бале!
Бегавҳаре хас чун шавад хас
Зи аввал то ба охир чун равад хас?!
– Ту биншину биноз андар хаси хеш,
Ки ман рафтам зи пешат аз паси хеш!
– Бирав, аммо, ба ҳар ҷое нишинӣ,
Маро бо хеш рӯ дар рӯ бубинӣ!
Туро буд аз хасу хошок парҳез?!

– Ту мағзи сар ба мағзи ман маёмез!
Балохез аст мағзи сар, балохез,
Ту оташ бин, ки гирад аз куҷо хез!
– Бигӯ, ки ман миёни ду балоям?!
Миёни дӯзаху ҷаннат халоям?!
– На ӯ дӯзах, на ман фирдавс, эй дӯст,
Туро ҳам дӯзахе дигар канад пӯст!
Ту медонӣ, ба нодонӣ чӣ гирӣ,
Ки худ ришватситони он вазирӣ!
– Вазири Нафс? Оре, мешиносам,
Зи бонги тӯпаш, алҳақ, ҳонҳаросам!
Чӣ тарроре, чӣ бангиест бехун,
Ки чун сулфад, биларзӣ мисли Қонун!
Таҷовузҳои ӯро ку ниқобе,
Ки бо ишқи ту ҳам ёбад ҳисобе!
Ҳам ӯ ангехт дар Сар шавқи бамба,
Чу Сар орост, пушташ монд тамба!..

– Чи ғингас мезанед ин ҷо магасвор,
Кӣ бе ман дид умри якнафасвор?!
Чи дилҳо мирад аз ғамҳо, накӯшам,
Чӣ Қонуну чи Дин мирад, наҷӯшам!
Худовандо! Ба дӯши ман чӣ бор аст,
Ки беодам
Маро дӯзах баҳор аст!
Ҳама бо ман нафасдори ҳаётанд,
Маро, аммо, қафасдори ҳаётанд!
Зи гавҳар сӯйи хас ҳам мезанад гап,
Чу навбат мерасад моро, ҳама хап!
Чи дашноме занандам аз пасу пеш
Кӣ медонад ғаразҳои маро хеш!?
Бихезед аз назар!
Гар ман бихезам,
Ҷаҳони обу гил дар ҳам бубезам!
Тафаккур монда ҳамкори таассуб,
Ба гардан ҳалқаи дори таассуб.

На ман ғунҷам дар одам, на шумо низ,
Таҷовузкорияш бин дар бало низ!
Чи пинҳон аст дар ҷони дарунҳо,
Ки пешипо хӯрад ӯро бурунҳо!
Шиносам он қадар, ки медавад пеш
Ҳам андар пасравиҳо меравад пеш!
Чу саг ҳар сӯ маро то мекашонад,
Пайи ман ҳам шуморо мекашонад.
Маро, ки пештозам, метавон дид,
Куҷо чашме, ки хушхони ниҳон дид?!
Гар оташ мезанам ман дар ду олам,
Кӣ оташ зад дил андар дил маро ҳам?!
Чӣ оташ дорадам банди табу сӯз,
Ки ман сӯзам ҷаҳонро бе ғаму сӯз?!
Балои Ақлу Ҷону Қалбу Қонун,
Баробар мекашам то ҳаст гардун!
Агар ҷон шуд ҳалолу ман ҳаромам,
Ҳамомези ману ҷонро чӣ номам?
Ҳалолеву ҳароме шуд чу яктан
Чаро ман обкаш, ӯ кӯзабишкан?!
Кӣ андар кӣ ниҳонтар меравад роҳ?
Кӣ андар кӣ гаронтар мешавад оҳ?
На танҳо Ақлу Нафсу Қалбу Қонун,
Ки ҷон ҳам пеши ӯ ҳайрону вожун!
Ба ҷон ҳам мекунад бозӣ чу бо буз,
Чу бо ман мекунад бо ҷон таҷовуз...

...Чу савти нур бар гӯши сапеда,
Суруши ишқ аз боло расида:
– Сабоҳ, арчи ба тифлон мепазӣ шир,
Сиёҳи деги шаб бӯсад туро дер..

## ТАҶОВУЗИ ДИН

Ба хотири сабз дар сабзии нигоҳи ту,
Ба бегуноҳии гиёҳ рӯидам.

Тамошо кардиву хандидӣ,
Ки бо гиёҳ дарди ҷаҳли ҷаҳон даво нашавад...

То шиносӣ қадри ҷони хеш,
Дини «Наёзурдани ҷон» зоидам.
Кофирам хондӣ.

Гуфтам: Ойинаи нури осмонӣ!
Ойина ба зону задӣ,
Ва пеши ойинаи зулмат чеҳраи ту зону зад.

Зардушт Худоро нур дида,
Ва туро ба нур хӯи тоза дода буд.
Аз нур Шайтон сохтани дини сомӣ коре сода набуд,
Туро Шайтон сохтан буд ба чашми ҷаҳон,
Ва тафаккури туро бар гавҳари ту вожун нишондан.
Нашинохтӣ.

Ва аз биҳишти даруни худ
Нури худро дар қолаби Шайтон бирондӣ.
Агар Шайтон аз нури офаридаи ту набуд,
Чаро биҳишт бозгашти нуронии туро мехоҳад?!
Чӣ динҳое
Ки бо таҷовуз ба дини дигар
Ба худ роҳи тоза чиданд.
Ва дар бунбасти паскӯчаҳои торики хеш
Аз дини нав таҷовузи кӯҳна диданд.
(Дар ин ду ҳазор сол
Чаро касе намепурсад, ки ба чӣ рамз
Ибрӣ Худоро бангӣ ё авбош сохт
Ва ба таҷовузи Марям хонд?)
Таҷовузи хун аз таҷовузи дин оғоз мегирад
Ё таҷовузи дин аз таҷовузи нур?
Хун барои дин,
Дин барои хун ойинаи ҳайрат мондаанд,
Ва сархади дину хун барои тафаккур...

**ТАҶОВУЗИ ТАФАККУР**

Ба бегуноҳии синакушоии рӯиши ребос,
Ба парвози гавҳарии озодгаронаи Симурғ,
Ба покии таровиши нуронии оҳанги Ноҳид.
Ба шоҳидии ойинаи офтобу об,
Арӯси андеша обастан шуд.
Ва духтари Номуси одамро бизоид.
Таҷовузи як духтар ё як зан
Таҷовузи як тан нест,
Таҷовуз ба холисӣ ва рӯиши беғаразѝ ребос,
Ба бегуноҳии тухмазоии Симурғ
Ба покии таровиши оҳанги нур аст.
Яъне, ба модархудойи дур аст.
Таҷовуз ба ояндае, ки дар ҳузур аст,
Таҷовуз ба номуси Машриқу Мағриб
Ва Шимолу Ҷануб аст.
Таҷовузи обу ойина
Ва офтоби марғуб аст.
Рӯйи ту
Ё ба Машриқ аст ё ба Мағриб,
Ё ба Шимол аст ё Ҷануб,
Дар ҷигар обу дар дил ойина,
Ва бар сарат офтоб...
Таҷовузи арӯси андеша
Таҷовузи растохез аст,
Ва биҳишт бар сари Чинват.
Агар бовар надорӣ
Бипурс аз рӯҳи тифлоне, ки пеш аз фалакӣ шудан
Филагӣ шуданд,
Бипурс аз духтароне, ки дар бағал санг
Дар сафинаи моҳиён шиноваранд...
Пеш аз ин дарё
Рӯву хӯву бӯи хоҳаронам дошт,
Акнун-моҳиён.
Рӯзе, ки моҳиёнро

Дар тоба тоб медиҳӣ,
Фарёди таҷовузи хешро
Дубора хоҳӣ шунид.
Фарёдҳо ҷисманд...

## ТАҶОВУЗИ ГАВҲАР

Саду як хоҳарам аз тарсу шитоб,
Шӯйи дарёи Ватан варзида,
Вахшу Омӯяву Хингу Сурхоб,
Ҳама домоди никаҳнодида.

Ҷӯш зад синаи меҳри модар,
Дина бо ман ба шикоят бинишаст:
– Додару пушту паноҳи хоҳар,
Хабар овар, ки дилам мавҷ шикаст.

Тӯри овози нигоҳ афкандам
Сӯи хезоб зи дарёхона,
Чу париоб бадар ояндам
Хоҳарон дастфишон гирёна.

Сар гузоранд ба рӯи дили ман
Ба ҳавойи нафаси боғи падар.
Ашкашон тоза бишӯяд гили ман
Қум-куми дил ба суроғи модар...

Коми мавҷ об кушоиду жакон:
– Хоҳаронат сӯи Симурғ шуданд,
Фари пиндор расад ҷонибашон,
Дари кирдор шиносад фарзанд.

То дамадшон нафаси Симурғӣ
Бикри обастанашон хост Фарох[1]
Фари Ҷамшед наёбад фарқе?
Батни нур аст магар регсуроғ?...

Дӣ Фаридун зи худо зорӣ дошт,
Нози он духтаракони Ҷамшед.
Гавҳари тухм асари корӣ дошт,
Бачадони шаба зояд хуршед.

Духтаронанд ба зорӣ акнун,
Тухмаи гавҳарии поку гувор,
Ориё ҷуста дари нури дарун,
Батни ишон макушо роҳ ба нор...

Тахтабандии ману дарё чор,
Панҷ ғарқ аст ба чашми модар.
Нори дарёи камон шашдархор,
Мезанад дасти дуо ҳафтум дар...
Соли 1997

---

[1] а) Номи дарёи асотирӣ, б) Дарёи Ому (Каваршон), ки фарри каёнӣ дар он пинҳон аст.

# АНОҲИДИ ПИНДОР

## ОББОЗИИ СУХАН

Ориёно, бори дигар мағзи олам об деҳ,
Ҷони гул ёбад зи мағзи хок оби ноз боз,
Нафс мехоҳад бисабзад як ваҷаб боло зи ақл,
Аз ҳисоби оби мағзи илми рози пештоз.

Маҳбаси тарсуи Зарвонро Абисто шуд карез,
Бурд обе тоҷи дунёро гули пиндори нағз,
То ки борони муҳаббат бо қадаш бозӣ кунад,
Ҳамчу мӯи духтари тоҷики хушгуфтори нағз.

Чашми нури ӯ ба чашми поки об он рӯз дид,
То кунун аммо ҷаҳонро буд обаш дар даҳан,
Рӯ зад аз чашми карези регпӯши мағзаш об,
То бишӯяд мағзи оламро чу Зардушти Ватан...

Оби Қурон ҳам набаст ӯро ба оби тоза дил,
Ҷойи ҷӯйи хун кафи илме барад оби Замин.
Мағзи мо бо фанди Кавсар карда дашти Соҳира,
Аз даҳони илми ғарбӣ мехӯрад оби Замин.

Ӯ дили пиндори Ориро ба оби хун бубаст,
Обро обастани покӣ кай аз хуни шутур?!
Шуд нагун Ноҳидро кӯҳи сулаймони дурӯғ,
То раҳонӣ, як ваҷаб бардор дунёи убур.

Дидае ки об дорад, нек мебинад ҷаҳон,
Гавҳари беобро ҳам обрӯ он қадр нест,
Ҳар кӣ дорад дар ҷигар об озмояд зарби хеш,
Кай ба оби рӯйи кас оби даҳан шорида зист?

Зеҳни обӣ мешиносад қадри ҳарфи обдор,
Кунда чун дар об афтад, бӯйи пӯсидан диҳад.
Нур то аз об мерӯяд чу дарё меравад

Нурро то реша дар об аст, зулмат тан диҳад.
Метавон аз оббозии сухан бисёр гуфт,
Аз суханбозӣ валекин мепарад оби сухан.
Рӯшноӣ – маънии об, обдастӣ рӯшан аст,
Ин қадар бардорад об ин раҳ биринҷи ҳарфи ман.

Ориёно, оби марворид аз чашми ҷаҳон бардор боз,
Обкӯрон то ба оби меҳри мо дил тар кунанд,
Қудси хоку боду оташро бувад, ки бӯ баранд,
То қиёси хеш бо Зардушти пайғамбар кунанд.

## ДАР МО СИТОРА ТАРКАД

Дил гардаду битаркад,
Истора рӯйи афлок,
То зинда монад одам,
В-ин обу оташу хок.

Мо олами сағирем,
Дар мо маҳ асту хуршед,
То ҷисми мо биҷунбад,
Дар мо ситора таркид...

Табъи ҷаҳон гирифта
Бо бӯйи Ози Зарвон[1]
Олам хуморбанд аст,
То сӯйи Нози Зарвон.

Тақдирнози муслим
Зарвоннамоз бинам,
Зардуштхӯрдаҳоро
Зарвонниёз бинам...

---

[1] Зарвон-нахустхудойи ориёйӣ, Ноз (зебо, хушбӯйи офаранда), Оз (зишт ва бадбӯйи ҳамахӯр) таркиби ҷони фарзандони ӯ – Ҳурмуз ва Аҳриман

Ҳафтод дар сад омад
Дар устухони мо об,
Дар мағзи мо ба чанд аст,
Покиза об-дарёб.

Гар хӯрд оби нопок
Пиндори меваи мағз,
Гандад ба шохаи лаб
Ширини шеваи мағз.

Ҳар кас ки тоза дорад,
Хуни раги Заминро,
Нураш расад чу Ноҳид,
Рӯву таги Заминро.

Дар мағзи нози ин хок
Корида мину бамба,
Дар сина ғун накарданд
Ҷуз кина хамба-хамба.

Таркидани садояш
Харнову ғарғари хун,
Фарёд бин Заминро
Аз одамӣ ба гардун.

Аз дасти заҳрбозон,
Бангӣ шавад Замин ҳам,
Рӯзе ба кулли одам
Ҷангӣ шавад Замин ҳам...

Бар қадри қудсии об
Ин дам агар расиданд,
То қадри хок донанд,
Шав чашми раҳ саде чанд...

## ОШТИГАР ҶОНЕСТ

Дидбоне, ки саропо чашм аст,
Ҳама тан пову вуҷудаш нафас аст.
Ҷони бе ҷисму камарбанд зи зар
Ҷисми бе сар, ки давон чун ҳавас аст.
Тоҷи зар дораду яксар ҳама даст.

Оштигар ҷонест
Миёнҷии замину гардун,
Чи забардаст равонест
Равонтар аз хун,
Бештар аз ҳама ҷосус кунад ҷосусӣ,
Пештар аз ҳама ҷосус кунад ҷосусӣ,
Саду садчанди хаёли ҳама чиногари мағз.

Ҳуснзотар зи нигоҳи Монӣ,
Ба навораш
Нафаси санг бувад забт,
Чи суханҳои нигаҳ, пич-пичи бӯса.

Лаззати бӯсаи аввал
Мебарад бар лаби худ
То гули боғи биҳишт об диҳад
Аз навораш
Метавонӣ шунавӣ
Ту нахустин нафаси гарми Замин.
Чи Замин!
Чархи барин.

Об бе ӯ натавонад резад,
Нор бе ӯ натавонад хезад,
Ҷони оташ ба кафаш,
Ишқ меҷӯшад аз ӯ,
Умр менӯшад аз ӯ,

Рӯҳ мепӯшад аз ӯ.
Чи муқаддас нафасест,
Зи покиш
Зародушт суханҳо мегуфт
Ва ба дасти саршор
Мефиристод дуо
Ки дами аҳриманиро шиканад,
Пос дорад нафаси ишқи Сипандармену...

Ба димоғи ҳар кас
Андаке ёбад роҳ
Мепарад ҳамраҳи ӯ войзанон
Лек бегона зи худ.
Ва ба афсӯси ӯ,
Хок бар сар бизанад Андарвой[1][1]

## ДАР ШУСТУШӮИ ОЛАМ

Аз ҳастии табиат мову шумо чӣ бурдем?
Ҷуз мастии ғанимат мову шумо чӣ бурдем?
Бар нур саҷдаи мо буд саҷда сӯйи покӣ,
Аз поки то қиёмат мову шумо чӣ бурдем?
Мо масти саҷдабозӣ ишон ба кашфнозӣ,
Аз саҷда сӯйи қудрат мову шумо чӣ бурдем?
Қудраткушойи ҳастӣ нури вуҷуди мо буд.
Аз нур ҷуз ба сурат мову шумо чӣ бурдем?
Аз нури обзойи гардун Замин тапиш бурд,
Аз нурзойи сират мову шумо чӣ бурдем?
Ақли пиёдахӯро бо нури ишқ бастем?
Бе боли ин ҳақиқат мову шумо чӣ бурдем?
Мағзи наофаранда дар кӯли тарс афтод,
Аз кӯлшини фикрат мову шумо чӣ бурдем?
Бар оламе ки нозад ҳар ақли тар зи кашфаш
Афшонда сад надомат мову шумо чӣ бурдем?

---

[1] Ба маънои ҳаво, номи эзади ҳавост (Авасто).

Чун ақл афканад тарҳ ишқаш кашад сари дӯш,
Аз ишқи нолаҷуръат мову шумо чӣ бурдем?
Дарёи нури қудрат ҷорӣ ба бозӯйи халқ,
З-ин қудрати ба нусрат мову шумо чӣ бурдем?
Аз нури нусрати ӯ дунё шавад чароғон,
Бар халқ ғайри зулмат мову шумо чӣ бурдем?
Маҳрамтар аз табиат ку ёри ғор бо халқ,
З-ин ваҳдати баҳикмат мову шумо чӣ бурдем?
Бо лутфи «Кайкак»-и[1] худ тафсири ҳамдилӣ дод.
Дар ҷони дилбаҳасрат мову шумо чӣ бурдем?
Майдони сина аз мо, дил-муши гурбаи дур,
Аз хештан ба ғурбат мову шумо чӣ бурдем?
Тарсида ин зи оне бар саввумӣ хурӯшид,
Дар худ фиканда даҳшат мову шумо чӣ бурдем?
Чун гушна монд душман, омад ба ғорати мо,
Худро намуда ғорат мову шумо чӣ бурдем?
Ин мурдае сақатгӯй, он мурдае сифатхон,
Помоли ҳарду қисмат мову шумо чӣ бурдем?
Ҳар ҷо ки мағзи хуш дид кофар бихонду барчид,
Аз тӯдаи ҷаҳолат мову шумо чӣ бурдем?
Бар лаб баҳонаи куфр чиданд мағзи олам,
Аз ҳилазои офат мову шумо чӣ бурдем?
Аз фарқи сарманора сад куфрхон азон гуфт,
З-ин машъали ҳақорат мову шумо чӣ бурдем?
Ӯе чу шоҳмиллат по зад ба рӯйи милал,
З-ин заҳри ҷумла миллат мову шумо чӣ бурдем?
Ҷосусу мағзчинӣ, моему маҳбаси ҳис,
З-ин мағзчин ба ҳилат мову шумо чӣ бурдем?
Ин куфрхони Сино, ӯ Ҷордано Бруно,
З-ин мағзтози давлат мову шумо чӣ бурдем?
Ҷамъи масеҳиёнро зад шоха-шоха бо ҳам,
З-ин миллати ба иллат мову шумо чӣ бурдем?
Суннӣ ба шиӣ ангехт, зад шиӣ сӯйи суннӣ,
Дар ҷоҳилӣ ба сабқат мову шумо чӣ бурдем?
Сад фитна зода ҳар дам мегӯяд аз лаби мо
Аз мурдани ба тӯҳмат мову шумо чӣ бурдем?

Он куфрбоз акнун тирурбоз омад.
З-ин чоҳу доми фитрат мову шумо чӣ бурдем?
Хоҳӣ бифаҳмӣ тирур пеш аз Курӯш бархон,
З-он кӯҳнадинхиёнат мову шумо чӣ бурдем?
Эй бас ки кушта пинҳон то зинда монда ҷосус,
З-ин касби пурҳамоқат мову шумо чӣ бурдем?
Бозори шаҳвати худ бикшод дар ҳама шаҳр,
Аз даллабози шаҳват мову шумо чӣ бурдем?
Ӯ рӯҳи худ ду лаҳза покизарав натонист,
Чандин ҳазора орӣ бо рӯҳи поки худ зист,
Мурдоршӯӣ омад пиндори нек бурдан
Мурдори хуни олам шустан, ба рег бурдан.
Бурдем сӯйи олам пиндори Зардуҳиштӣ,
Гуфтори Зардуҳиштӣ кирдори Зардуҳиштӣ,
То оқибат баромад аз минбари ҷаҳонӣ,
Овози ҷони тоҷик бо ҷӯши ориёнӣ,
Бори дигар садо зад фарзанди Хоки Зардушт,
Бошад ҷаҳон биёбад пиндори поки Зардушт.
Покист ҷони дунё дар поки ӯ дарун бин.
Ҳар бор об нӯшӣ бо ҷони ӯ бурун бин.
Нур аст минбари ман, созандагӣ дари ман,
Чун тоҷи офаранда бар фарқи ман фари ман...

* * *

«Об шав, об» – бигуфто Буддо:
Об дар кӯза фитад кӯза шавад.
Чун ба соғар бифитад ӯ соғар,
Дар ниҳол аст ниҳол.

Дар дили сабза чунон сабз шавад,
К-аз тамошош
Нигаҳ аз нури ҷавон сабз шавад

Об дар гул чи қадар ранги ба ранг,
Об дар хор шуда ҳамчу хаданг,
Дар дили мева чи шарбат шудааст,

Дар дили чӯй давонхат шудааст,
Дар дили баҳр шуда баҳри дамон,
Дар дили санг шуда санги гарон.
Дар дили лаъл чи нурест ба Вахш.
Дар тани Рустам як пайкари нанг,
Дар тани Рахш чи рахш.

Дар дили мо шуда як олами шарм,
Дар ҷигар оташи гарм.
Ҳусни гул дар рухи мо ӯ шудааст.
Дар сухан бӯ шудааст…
Бод шуд гар ба ҳубоб.
Дами таркиш
Дарси Эништейн дод,
Ҳаста то кашф кунад.
Нур дар хонаву аз сим ҳиҷоб,
Буғ шавад низ диҳад нури савоб.
Тозахӯиш бубин.
Оби рӯиш бубин…
Об шав, об,
Ташна дарёб.
Баски буд ошиқи андешаи Ноҳид
«Об шав, об» – бигуфто Буддо,
«Об шав» – гуфт Зиё.

* * *

– Ташнагӣ ҷонро агарчи тез гирад,
Ҷумла олам беҳаво бас зуд мирад?!
– То ҳаворо кам биолояд даҳонат,
Аз ҳаво кам гӯ суханҳои равонат.
Чун ҳавозояст оби олам ин ҷо,
Рӯ ба яктоӣ нафасрон ҷӯю дарё.

2002

## ***ТАРҶУМАҲО***

***Пабло Неруда***

***СОНЕТҲО***

# АЗ «САД ТАРОНАИ ИШҚ»

Ин хонаву баҳру парчами шоди фароз,
Сарсонии мову пушти девори дароз.
Инҳо, ки набуд набуд ба тан ҷони ба ноз,
Омад на садо, на рӯ ба рӯ шуд дари боз.

Охир дари худ ба мо сукунат бикшод,
Мондем қадам ба кулбаи нообод,
Ҳар сӯ каламуши мурда, хушбоши хамӯш,
Дорад гила оби лӯлаҳо ҳам пурҷӯш.

Бигрист ба по ситода хона шабу рӯз,
Бингар, ки нигоҳи нимроғи сияҳаш.
Бо ҷӯяи тори тортан мерезад.

Ромаш бикунему зиндагӣ афрӯзем
Ӯ, лек, дигар намешиносад моро.
Бояд ки шукуфад ӯ, вале нест ризо.

* * *

Ишқи ман, эй ишқи ман дарвозаи шабро бипӯш,
Дар фазои тирафоме сайр кун ҳамроҳи ман.
Хобҳоятро бубар аз ёду дар чашмам биҷӯш
Шав ба хоби ман, чу дар ҷӯе дар ӯ паҳлӯ бизан.

Хайр, хайр, эй ранги дилгири фитода дар қанор,
Алвидои ҳар дами ту, алвидои нуру нор,
Алвидои ҳар шаби ту, ҳар чи буду шуд бадал,
Ассалом, эй соя, эй ҳамгонаи беаҳди пор.

Роҳи киштӣ то чӣ соҳил? Марг? Дарё? Рӯзи нав?
Дар сафар пайванду дар хобам аз он наздиктар.
Мо шабу хунем гӯё дар нигоҳи якдигар.

Ромише ё зиндагӣ ё марг ё бедорие-

Ман намедонам кадомеро шуд обашхӯр чиҳо
Он замон ки бахш мекардӣ ба дилҳо субҳро.
* * *
Агар хомӯш монад синаат рӯзе,
Бимирад оташи шарён агар ногоҳ,
Равад аз ёди дастат паркушоиҳо,
Садоят бигсалад андар миёни роҳ,

Гули ман, бо лабони нимво мехоб,
Ки бӯсам бори охир аз лабони ту.
Лабамро мӯҳр монда бӯсаи сардоб,
Гуселонад маро аз зиндагӣ он сӯ.

Тани чун хӯшаи афтодаат дар бар,
Бимирам аз лаби сарди ту бӯсида.
Зиёҷӯ мирам аз чашми зиёчида.

Зи дунё бигзарем оғӯш дар оғӯш,
Ба лабҳо бӯсаҳои нӯши андар нӯш.
Ва умри бӯсапайванди абад ёбем.

* * *
Сахт чун гандуму мисоли дарахт,
Як замон будаӣ ба ёди Замин.
Вазни ту вазни хӯшаи ангур,
Сар-сари шоху меваи заррин.

Ба ҷаҳон нури нарм ато бикунанд,
Чашмҳоят-тирезаҳои булур.
Аз гили Чили тарҳи ту задаанд,
Баданат ранг дода бар оҷур.

Ку саботе ба гарму сарди ҷаҳон,
Гузарад ҷумлагӣ ба зарби замон.
Норасида ба вақт реза шавад.

Бо ту чун санги гӯр меафтам,
Зиндагӣ то чу ишқи нотакрор
Бо замин умр бинаду одам.

* * *

Кастонаи ошуфтаи ошуфтадилам,
Якдонаи ман, бодаки субҳонаи ман.
Лабҳои ту, гӯӣ, қаламе тарбуз аст,
Аз бӯсаи сероби ту ҷонам равшан.

Девонаи ман! – Тугмаи нори ту куҷост?
Ду дона ҳамон гандумаки навпайдо.
Ду моҳ бихоҳам ба ду бурҷи мухтор,
Бинҳода ба фарқи сарашон тоҷи тило.

Девонаи ман, гули ба гул бӯида,
Аз наҷм ба наҷм бо ҳавас ҷӯида.
В-аз мавҷ ба мавҷ мебарам бар ту ҳисоб.

Ҷонам ба фидои Каҳкашони камарат
Дил чини ба чин миёни абрӯи тарат,
Торикию рӯшаноият дорам дӯст.

* * *

Овораи кӯю дар будам, ишқ,
То омаданат ғарибу ноком.
Дар дидаи интизор ҳам, ишқ,
Олам на ҳисоб дошт на ном.

Як маҳфили хирае сари хоб,
В-он лӯла, ки маҳ нишеманаш буд.
Бедард ҷудошавии шохоб
Бар рег саволи пураташ буд.

Буд холию гунгу ҷумла мурда,
Одиву фикандаву фусурда
Бегона буду чу ғайр мемонд.

Болои сарам чу файзи пойиз,
То файзи муҳаббатат наборид
Олам ҳама моли дигарон буд.

* * *

Боз мегардем сӯи дар кунун, эй ишқи ноз,
Дасти зарпечак, хаёлам, сақфро печидааст.
Рафта бар болини нози ту паровартар зи ту
Нимарӯзи лучи тобистон парӯ хобидааст.

Бӯсаи оворагарди ман ҷаҳонро тай намуд:
Арманистон ҷуръаи нӯши баҳори ноз буд.
Кафтари хушболи зангори ман аст ин Сейлон,
Янсизи – хатти ҷудоӣ байни рӯзону шабон.

Гӯиё чун мурғакони лоуболу оҷизе,
Лонаи дури баҳороғӯши худ ёбем боз
Бояд акнун бигзарем аз баҳри шӯри дилнавоз.

Ишқ ҳам натвонад охир ҷовидон парвоз кард:
Умри мо чун хастапире санги соҳилро нишаст,
Бӯсаи мо ҳам ба сӯи хонаи худ бозгашт.

* * *

Дур марав, дур марав як замон,
Бе ту маро рӯз қиёматнишон.
Чашми ману дидаи вакзолиён,
Роҳи туву роҳи қаторай гарон.

Дур марав, дур марав як замон,

Хоби ман аз чашми тарам меравад.

Дуд, ки бархезад аз ин дудмон,
Чун қафаси дил пайи дил медавад.

Тарҳи ту, бигзор, нарезад чу рег,
Боли мижа ҳампари чашми ту бод,
То нафитам лаҳзае аз чашми дод.

Дар нафасе мешавӣ он қадр дур,
Тайи ҷаҳон созаму пурсам, ки ман
Чашм ба раҳ монам ё сар ба гӯр?

* * *

Бечора шоирон, ки ҳаёту мамоти шум
Овора-шон кунад ба дами сарду тунду ганд,
В-он ҷумлаи таронаи пуршӯри чархсой,
Тори мазор рӯзи азо мешавад баланд,

Дар зери сумби ҷерани мағрур мешаванд
Монанди санги хираи афтода рӯи роҳ.
Дигар ба ҳукми зумрае дун мебаранд умр
Гӯё ба хоби мурда равон зери аллаҳо.

Боваркунон ба мурдани шоирон басо,
Баҳри худоӣ сар зада хукеву филмург,
Лофу газофҳо бифурӯшанду ёваҳо.

Буд посбони лаҳзаҳои маргашон сақат
Акнун ки пур шудаст даҳан-шон зи ҳарфи бад
Афсӯси ҷонашон, ки нахезанд бар ҳиҷо.

* * *

Эй муҳаббат, боғи умрам аз ту савсангпӯш гашт
Ҳамчу мурғи кӯри беҳинҷор будам хору зор,

То нашуд тирезаи гулпӯши ту пайдо маро,
То ту нашнидӣ навоҳои диламро чун баҳор.
Ман, ки мефтодам ба рӯи синаат аз шохи шом,
Пай намебурдам, ки хирманҳои гандум будааст.
Ман ба шодии ту рӯидам зи қаъри баҳрҳо,
Бигзарад то умри ман танҳо туро болои даст.

Қарзи ман аз ту мисоли ҳусни ту беинтиҳост,
Қарзи ман чун решаи ишқ аст дар оғӯши ҳусн,
Дар дили хоки Арукон комбардори ғизост.

Қарзи ман аз дидаи истора чашмак мезанад,
Дар дили чоҳи диёри доғ комак мезанад.
Вақт оташбарги сарсонро дар ӯ так мезанад.

* * *

Духтари нахл то ба мо аз раҳи хушк н-омадаст
Омада хуш ба синаи хишт нишаста бесадо.
Баҳргули қадимаро тоҷ ба сар ниҳода буд.
Боли нигоҳаш аз ғами реша чу ғози тирамоҳ.

Дар нигаҳаш ҳаёти мо буд кушода чун варақ:
Бурда чиҳо, чи дода мо, хӯрда чиҳо, чи дида мо?
Кандашавии барги рӯз аз сари шохи умри мо
Аз назараш ниҳон набуд гарчи наменамуд нигоҳ.

Мавҷи қадима бар қади духтари нахл буд ҳарир,
Дидаи ғарқи оби ӯ боз ба дурҳои дур
Гӯӣ ҳаёти тӯрии мост ба чашми ӯ мунир.

Тор танида гирди мо силсилаи замону мавҷ,
Силсилаи садову ҷӯ, шир-шири оби абри авҷ,
Дар аҷаб ӯ, ки хоби ӯ ё ки ҳаёти мост ин.

* * *

Гӯиё захмӣ равонам, лек нопайдост хун

Меравам бо роҳи нури ростини қисматат.

Сел меояд, раҳамро об мерезад бурун
Бар замин ҳамроҳи борон осмон ҳам мефитад.

Мерасам ҳамроҳи борон то дили обу адо,
Нағз медонам, ки чашмони ту раҳ бикшодаанд.
Ин замон аз чор сӯ наҷвои зулмат мерасад,
Аз ҳудуди ҷумла ранҷи ҷони зори дардманд.

Кист? Кист ӯ? – Медиҳам овоз, бе акси садо
Барги ҷангал сокиту оби равони синааш
Тираоби ношунавгӯш аст саргардони роҳ.

Гашт маълум, эй гули ишқам, ки захмин будаам,
Ҷумла рӯъёянду бас гуфтанд сӯям бо алам.
Ин шаби оворагарду бӯсаи борони абр.

* * *

Раҳи бикшодаи гармо чӣ рахшон аст,
Гумон созӣ, ки раҳро дар шаби маҳтоб
Кушода дар ҷилои меваи мизон,
Кушода зери себи пухтаи сероб.

Ба тӯри чанги борон дашт афтодаст,
Карахти хоб бошад моҳию ово,
Биларзад баҳр зери партави Чили,
Ҷазоир ҷумларо дорад ба ҳаври оҳ.

Зимистон шуд ниҳону баргҳо пинҳон,
Чу оҳан ҷумла баргашта ба асли хеш.
Дар олам як ману ту оҷиз афтода.

Ба маҷрое ниҳон пайваста меҷӯшем,
Раҳу раҳпоию фарсои роҳи беш,
Ба зери ашки гардун, алвидоъ, эй ҷон.

* * *

То кунад чун алангаат тасвир
Диего Риверо, хирси пурбардошт,
Аз ҳама рангҳои рӯи ҷаҳон
Арғувонро ба мӯқалам бардошт.

Биние хат ба устувоӣ дод
Чашмро чашмаи зиёи ҳаёт.
Чун тану лаълу нохуни ту дид
Оби ҳасрат зи чашми моҳ чакид.

Ҷои пистон ду қуллаи барфин,
Ҷои рухсораҳот аз гили шед
Ӯ ду вулқони Араукон бикашид.

Кулаҳе аз манораи оташ
Ба сарат монду ними рӯи маро
Дар дили он аланга кард баҷо.

* * *

Бори дӯши рӯзҳои рафтааст имрӯзи мо
Насяҳои рӯзи фардо бол мебахшад варо.
Ӯ кунун самти ҷануб асту қиёми обҳост
Рӯзи фардо дар назар чун ҳусни тар рахшад варо.

Барги рӯзи паркушода аз ниҳоли умри мо
Ҳолиё гирди лаби ту нақши хеш афшурдааст.
Аз хами паскӯчаи торе шитобон аст дӯш,
Ранги рӯи ӯ ба чашми мо чу рӯи мурдааст.

Дӯшу имрӯзу пагаҳ-рӯз аз паи рӯзи дигар
Рӯзҳоро мо мисоли говҳо сар мезанем.
Лек, оё подаи мо бешумор аст ин қадар?

Вақт, аммо, дар ту ҳамчун орд андар хамбаҳост
Ишқи моро ҷуз танӯре аз гили Темука нест
Он туӣ, ту, кулчаи танҳову оташ ҷони мост.

* * *
Хоб кун дар хоби ман, ки баъди имрӯз аз манӣ
Мон, ки хусбад ҳамраҳи ту ишқу ранҷу дарду ғам.
Мон, ки чархи розхӯро шаб бигардонад хамӯш
То ту хобӣ дар барам чун рӯз равшан синаам.

Ҳеҷ кас дар хоби ман акнун чу рӯъё нагзарад
Бо суботи мост ҳампо ҷӯши дарёи ҳаёт.
Аз дили зулмот бо ман кист ҳамраҳ бигзарад
Ин туӣ меҳру маҳи чархи гаронпои ҳаёт.

Боли кафҳои сафеду сода бикшой хамӯш
То чу парда пеши чашми хеш дорӣ ноён
Пас чунон дар хоб ширин бо ман омезӣ, ки ман

Ғарқи обе мешавам, ки мебарад мову туро
Шому боду ин ҷаҳон тақдирпечонӣ кунанд
Бе ту танҳо нестам, чун хоб мебинӣ маро.

* * *
Дар кӯчаи танг мехазад ҷуд зи баҳр
Чун ҳаври даҳони барзагав дар сармо,
Бингар, ки забони ваъдабози маҳтоб
Афтода ба чанги мавҷҳои дарё.

Мизону шаҷар чу хонаи занбӯр аст
Бод аст сари парчами деҳ чангафшон.
Хонанд занон ба гӯши дарё хушбош
Аспон бикашанд шиҳа сӯи Патагон.

Молида шафақ ба рӯи ту риши сурх.
Ларзони садои наъли аспи тундар
Нармак пайи ишқ мехазад сӯйи само.

Ман саҷдаи оташи тани шаб дорам.
Шавқу ҳавасам ба аввали тирамаҳ аст
К-аш хуни сиёҳ дастёби туман аст.

* * *

Барги кафҳои заминбӯи ду дасти хешро,
Рӯзи марги ман ба чашмони хамӯши ман гузор.
То ҳамон ангезаи умри навам туғён кунад,
Боз як бори дигар дар пайкари зору низор.

Кош бошӣ, то мани хобидаам уммедвор,
Аз насими ҷонфазои баҳри мо мекаш нафас.
То биёбад шеваатро мушкбоди беғубор,
Боз регистони сайронгоҳи моро по гузор.

Ҳар чи буд пайванди ман, бигзор, бошад ҷовидон
Баҳри ман танҳо ту будӣ ҷони пайдои Замин,
Гул кун он сон ки шукуфтӣ аз бароям мушкбез.

Ҳар чи кардам, орзуят, мон туро гардад насиб,
Мон, ки молад нарм мӯятро хаёли хираам.
То зи мақсуди сурудам бӯ барад хонанда низ.

* * *

Миёни мавҷи сайфи азрақии назму насри рӯз
Равонам ман чу дарёгарди дурафтодаи соҳил.
Гиреҳу банду басту шасти саргумро намедонам
Сароям бо ҳама овози худ, бо лаҳни номушкил.

Ман аз ғамкаш ҷазоире, ки амвоҷаш чу гармон аст,

Басо оҳангҳову нағмаи тӯфонӣ овардам.

Миёни нағмаам оҳангҳои нозаминӣ нест
Риёе нест, ҳаст, аммо, дили ҳақҷӯи пур аз ғам.

Ва он соат, ки назму наср бо дандони ашки мавҷ,
Даруни синаи ман бо дили бад қасди доғе кард,
Гирифтам хешро нодидаву бо бод рафтам авҷ.

Гирифтам хешро назди кати боронии тифлӣ,
Миёни ҷангали тори ҷанубӣ рӯй бурдам шод,
Шамимат омаду дарвозаи умри маро бикшод.

*Тарҷума аз рӯи нашри чорҷилдаи русӣ, ки баргардони озод (беқофия) аст, солҳои 1979-80 анҷом ёфта. Мутарҷим.*

**МУНДАРИҶА**

Сангбодоми нигоҳ........................................
Гулбаргҳои кафи бод..................
Ғазалҳо ...........................................
Дар хаймаи Хайём ..............................
Дубайтиҳо .........................................
Достонҳо ...........................................
Тарҷумаҳо . Пабло Неруда. Сонетҳо .......

**ЗИЁ АБДУЛЛО**

**ҶОМИ СИМУРҒ**

Муҳаррири ороиш **Р. Шералӣ**
Муҳаррири саҳифабандӣ **М. Саидова**
Ҳуруфчин **Р. Атоева**
Мусаҳҳеҳ **И. Қосим**

Ба матбаа … супорида шуд. Ба чопаш … имзо шуд. Коғази офсет.Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ…
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ.. Адади нашр… нусха. Супориши №…

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17 а.